РАМАЗОН ГИРЁН РАФТ...
ҳар айб, ки ҳаст дар мусалмонии мост с.3





МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК с.5
Дар Русия онҳоро боздошту бараҳна карданд, ҷониби Тоҷикистон хомӯш аст

САД ПОРА-ПОРА КАРДАНД, САНГИ МАЗОРИ ЗОҲИР
Суҳбат бо дӯсти Аҳмад Зоҳир шоира Меҳринисо с.12



ТОҶИКИСТОН

№24 (1327) 12.06.19
Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!

www.tajikistantimes.com

Оқила:

ШАБ то САҲАР болои сарамон ТИРБОРОН буд



Дар ин шумора:

5 МЛН. ДОЛЛАР
Покистон чаро онро ба Тоҷикистон дод? с. 2

ТОҚАЕВ:
Савганд мехӯрам ва ба Душанбе меоям с. 4

ЛАГЕРҲОИ МАКТАБӢ
киҳо ҳаққи истироҳат доранд? с. 6

МАҲСУЛОТИ ПАСТСИФАТ
гӯр сӯзаду дег ҷӯшад с. 7

ВАСИЯТИ ПАДАР
чаро номи Парвиз дар он нест? с. 9

ВАРЗИШ
Мӯҳсин Муҳаммадиев “Бухоро” рафт с. 17



Телефоны в рассрочку 0%
до 6 месяцев

alif shop
48 888 1111
www.alifshop.tj

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси «Сандуки хайрияи Тоҷикистон», академик

Ашӯрбой СОЛЕҲЗОДА,
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Маҳмадсаид ШОҲИЁН,
раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ

Шариф РАҲИМЗОДА,
раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи МНМО ҶТ

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИРОВ,
доктори илмҳои иқтисод

Масъуд МИРШОҲӢ,
раиси Анҷумани «Рӯдакӣ», Фаронса

Ғаффорӣ Назира АБДУЛЛОЗОДА,
муовини раиси вилояти Суғд

Ҳақназар ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

Мардони МУҲАММАД,
сармуҳаррири сомонаи «Tajikistantimes»

Далер ҶУМЪАЕВ,
директори генералии ширкати «Помир Энержӣ»

Масъуди СИПАНД,
узви Анҷумани «Пайванд», ИМА

Одили НОЗИР,
мудири шуъбаи фарҳанг

Шаҳло НИЁЗОВА,
хабарнигор

Саодат РОЗИҚЗОДА,
хабарнигор

Фарзона МУРОДӢ,
хабарнигор дар вилояти Суғд

Шӯҳрат ДАВЛАТШОЕВ,
шореҳи варзиш

Маҳинаи ДАВЛАТ,
хабарнигор

Ҷомӣ ХАЛИФАЕВ,
хабарнигор дар вилояти Хатлон

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНҲОИ ИДОРА:
238-54-51,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
918-63-31-63, 221-41-11
furush@rg.tj

АДАДИ НАШР:
14 300

РӮҲОНӢ ба Душанбе меояд

Дар шаҳри Душанбе Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё баргузор мегардад. Дар он баробари дигар сарони давлатҳо, Президенти Эрон ҳам иштирок хоҳад кард.

Ҳасани Рӯҳонӣ, Президенти Эрон рӯзи панҷшанбе барои иштирок дар мулоқоти сарони кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба Қирғизистон сафар мекунад ва аз он ҷо ба Тоҷикистон меравад. Дар ин бора ноиби маъмурияти Президент Парвиз Эсмаилӣ хабар додааст.

Рӯҳонӣ ба Тоҷикистон дар ҳошияи мулоқоти роҳбарони кишварҳои дахлдори Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ташриф хоҳад овард. Рӯҳонӣ тасмим дорад дар Тоҷикистон ҳам бо роҳбарони кишварҳои иштироккунандаи Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё мулоқоти ду ҷониба анҷом диҳад. Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё 15 июн дар шаҳри Душанбе баргузор хоҳад гашт.



Фахриддин Юсупов, шаҳрванди Тоҷикистон

ПОКИСТОН ба ТОҶИКИСТОН $5 МИЛЛИОН кумак кард

Ҳукумати Покистон барои бунёди долонҳои зиддитарма дар шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ ба миқдори 5 миллион доллар кумаки бебозгашт ҷудо кард.

Дар назар аст, бо ин маблағ дар километрҳои 48 ва 72-и роҳи Душанбе-Хуҷанд дар тӯли 365 метр долонҳо барои ҳимоя аз фаромадани тарма бунёд шавад.

Имрӯз, 12 июн дар Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бучети давлатии Тоҷикистон барои соли 2019" тағйирот ворид гардида, ичрогари тарҳи бунёди долонҳои зиддитарма аз андозҳо ва барои ворид кардани таҷҳизоти зарурӣ аз бочи гумрукӣ озод шуд. Зафар Кенҷаев, роҳбари Маркази татбиқи лоиҳаҳои "Роҳи Душанбе-Хуҷанд" дар иҷлосия гуфт, ки барои пешгирӣ аз хатари фаромадани тарма дар минтақаҳои кӯҳистонии шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Чаноқ бояд дар масоҳати 5666 метри ин масир 55 долони зиддитарма сохта шавад.

ТОҶИКИСТОН ба низоми ягонаи энергетикии ОМ бармегардад

Тоҷикистон тасмим гирифт, ки дубора ба системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ пайваст шавад.

Бо ин мақсад Ҳукумати кишвар 5 миллион доллар ҷудо кардааст. Дар соли 2009 Тоҷикистон аз ин система хориҷ шуда буд.

Дар сурати пайваст шудани Тоҷикистон ба системаи ягонаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ин кишвар метавонад дар фасли тобистон неруи барқи изофиашро ба Ӯзбекистон ва кишварҳои дигари минтақа фурӯшад. Маблағи умумии тарҳи пайвастани Тоҷикистон ба ин система 40 миллион доллар мешавад, ки 35 миллиони он аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд ҳамчун кумаки билоиваз ҷудо шудааст. Саҳми Тоҷикистон дар ин тарҳ 5 миллион доллар аст. Ҳоло Тоҷикистон ба ду кишвар-Ӯзбекистон ва Афғонистон мутаносибан дар як шабонарӯз ба миқдори 6,5 миллион ва 4,2 миллион киловатт-соат неруи барқ содир мекунад.

Боз як ҚАҲРАМОНИИ МУҲОҶИРИ тоҷик

Як муҳоҷири тоҷик кӯдаки семоҳаро дар шаҳри Северо-уралски вилояти Свердловск наҷот дод.

Тифлро, ки аз тиреза ҳаво дода буданд, Фахриддин Юсупов ном шаҳрванди Тоҷикистон дошт.

Ҳодиса шоми 6 июн, тақрибан соатҳои 21:00 рух додааст. Фахридин бо шиносҳояш дар назди мағозае меистод, ки садои шикастани тирезаро шунид. Вақте ки ба оқибаш нигоҳ кард, тирезаи манзиле дар 20 метр дуртар шикаста буд. Ӯ чойи ҳодиса рафт ва шоҳиди суиқасд ба ҷони кӯдаки семоҳа шуд. Дар назди тирезаи пури шишамайда марде мекаловид, ки дар дасташ кӯдаки ширхорае гиря мекард. Аз мақсади мард пай бурда, "напарто, ба ман деҳ", - гӯён хоҳиш кардааст Фахриддин. Аммо ҷавон ба гуфтаи марди тоҷик аҳамият надода, кӯдакро партофтааст. Хушбахтона, Фахриддин ӯро доштааст. Юнусов дарҳол кӯдакро ба либосаш печонида, ба пулис ва ёрии таъчилӣ занг мезанад. Кумитаи тафтишоти Русия дар вилоят гуфтааст, ки Фахриддин Юсуповро барои ин кирдораш қадрдонӣ хоҳанд кард.

САРИ САБЗ

AliExpress

Сотим УМАРОВ, иқтисодшинос:

-Бубинед, як тоҷири тоҷик барои он ки молро фурӯшад, дӯкон ба иҷора мегирад ва ё бино мехарад. Чандин харҷи дигар дорад, ки "Ali Express" бидуни он молро ба муштарӣ мерасонад.

-Охир Алӣ- Бобо танҳо не, 40 роҳзан дорад, ки номаш "интернет" аст ...



Рашид ҒАНӢ АБДУЛЛО, сиёсатшинос:

-Ба хулосае омаданд, ки сафашонро боз ҳам мустаҳкам кунанд. Ихтилофҳои дохилиро аз миён бояд мебардоштанд. Аз сард гаштани муносибатҳо на Эрон фоида дид ва на Тоҷикистон.

-Танҳо Хитой фоида дид, ки ба ҷои тағораи эронӣ акнун лаганди пластикӣ мехарем...



Абдумудассир АҲМАДЗОДА, журналист:

-Инҳо афроде ҳастанд, ки дар минтақаҳо дастгирӣ намеёбанд ё аз мақомоти маҳаллӣ дастгирӣ намебинанд. Бештар фарзандони маъюб доранд ё оилаҳои носолиманд, ки мехоҳанд дар марказ барои худ мавқеъ пайдо кунанд.

...ва мавқеи худро дар назди масҷидҳо чун талбандагони доимӣ пайдо мекунанд

• **Ҷейсон Риф, дипломати амрикоии 51-сола ҳамсари тоҷикаш – Лола Ғуломоваи 45-соларо, ки дар ҳоли ҷудошавӣ аз ҳам қарор доштаанд, паронда, баъдан худкушӣ кардааст.**
Тибқи гузориши Washington Post, пулис дар пайи дарёфти хабар ба хонаи ин ҷуфт дар наздикии Донишгоҳи Амрико дар шимолу ғарби Вашингтон ҳозир шуда, баъди шикастани дар Ҷейсонро бо силоҳ дар даст дидаанд. Пулис амр додааст, ки Ҷейсон силоҳро канор гузорад, аммо ӯ ба сараш тир холӣ кардаасту дар беморхона ҷон додааст. Дар утоқи дигар часади Лола Ғуломоваро пайдо кардаанд, ки аз зарби якчанд тир ба ҳалокат расидааст.



• **Ӯзбекистон аз 1-уми июл қоидаҳои нави содироти маснуоти заргариро ба хориҷ ҷорӣ мекунад.**
Акнун ҳамаи монеаҳо ва маҳдудиятҳои содироти маснуоти заргарии гаронарзиш ба хориҷ бардошта мешавад. Дар ин бора Нодир Мирахмедов, муовини раиси эътилофи "Ӯзбекзаргарсаноат" ба расонаҳои маҳаллӣ хабар додааст. "То ин замон содироти маснуоти заргарие манъ буд, ки аз 5 ҳазор доллар бештар арзиш дошт. Ин ҳам қатъиян манъ набуд, вале ҳуччатгузориаш бештар буд. Ба ҷуз ин, пардохти иловагӣ дошт",-гуфт вай.

• **Меҳмонхонаи панҷситорадори Hyatt Regency дар шаҳри Душанбе ба фурӯш гузошта шудааст.**
Дар ин бора "Тоҷинвест", идораи давлатии масъули ҷалби сармояҳо ба Тоҷикистон хабар дод. Нархи фурӯши меҳмонхона мушаххас зикр нашудааст, вале соли 2009, замоне ки меҳмонхона ба истифода дода шуд, масъулони "Русские отели", молики аввали он гуфта буданд, барои сохтмонаш 140 миллион доллар харҷ кардаанд. Нархи эҳтимолии меҳмонхона тақрибан 150-160 миллион доллар аст. Вале мақомот расман дар бораи нархи он чизе нагуфтаанд.

Рамазон ГИРЁН рафт...

ҳар айб, ки ҳаст дар мусалмонии мост

Рамазон дилафгору дилсард моро тарк гуфт, зеро дар ин моҳ арзишу қимати маводи хӯрока дар бозорҳо он қадр боло рафт, ки мардуми кишвар дар ҳеҷ иду айёме то ин дараҷа парешону нороҳат нагашта буданд.



Бале, воқеан амалкарди мо - мусалмонон дар моҳи шарифи мубораки Рамазон ин моҳи пур аз файзу сахоро водор кард, то дидагирён тарки мо гӯяд... Рӯзҳои охири ин моҳи муборак ва дар рӯзи Иди Фитр он қадр борон борид, ки мардум боришоти мазкурро гиряи рамазонӣ маънидод карданд. Оре, воқеан ҳам Рамазон дилафгору дилсард моро тарк гуфт, зеро дар ин моҳ арзишу қимати маводи хӯрока дар бозорҳо он қадр боло рафт, ки мардуми кишвар дар ҳеҷ иду айёме то ин дараҷа парешону нороҳат нагашта буданд. Аз чунин амалкарди масъулини бозорҳову шахсони мутасаддӣ, Худованд низ нороҳат шуд. Дар баъзе аз манотиқи кишвар бар асари боришоти зиёд сел хонаву дари мардумро шуст, роҳу пулҳо хароб гаштанд, чарогоҳҳо низ туъмаи офати табиӣ шуданд, мутаассифона, теъдоде аз ҳамватанҳоямон низ қурбони ин офат гаштанд. Аммо ин ҳама ҳушдорҳои худовандӣ садди роҳи теъдоде аз ғуломи нафс нагашт, баръакс ҳам савдогару ҳам фурӯшандаву ҳам туҷҷор талош карданд, то дар ин мавсими барояшон фоидаовар бештар сарват ҷамъ кунанд.

Қабл аз фарорасии Иди саиди Фитр нархи бештар меваҷот то се-чор карат боло рафт. Гӯшт низ то ҳадди 55 сомонӣ расид. Аммо мардум ба ин ҳама нигоҳ накарда, уфу - пуфкунон маводи хӯрока харидорӣ мекарданд, то рӯзи ид назди ҳамсояву хешу табор сарҳаму шарманда нагарданд. Яке бо пули қарз, дигарон бошанд аз ҳисоби пули нонаворони хонаҳояшон, ки бо азияту азоб дар Россия ранҷ мекашанд, сӯйи бозор дар давутоз буданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чандин дидору мулоқот бо соҳибкорону зиёиён он нуктаро батакрор қайд мекунанд, ки қабл аз ҳар гуна ид гумон мекунӣ, ки дар Тоҷикистон охирзамон шудааст, ҳама ба бозор ҳуҷум меоранд ва молу маҳсулот харидорӣ мекунанд. Воқеан ҳам чунин аст, қабл аз ҳар ид вориди бозорҳои пойтахт шудан ва ё аз наздики онҳо гузаштан аз имкон берун аст. Ҳар кас кӯшиш мекунад, то дар ин рӯз барои худ ва ё фарзандонаш сарулибоси хуб ва барои оро додани дастурхонҳо (бехтар аст гӯем барои худнамоишдиҳӣ) нозу неъмат харидорӣ кунад. Дар андешаву афкори касе он гуфта чарх намезанад, ки "Пойро ба андозаи кӯрпа мебояд дароз кард"!

Дар рӯзи ид мардум ҳамагӣ як рӯз хона ба хона гаштаву дуову фотиҳахонӣ ва шикамчаронӣ мекунанд. Мардуми камбизоате, ки бо нӯги сӯзан пул ҷамъ карда, дастурхон оростаанд, чанд муддат мувочеҳ ба мушкилот мегарданд. Магар ин ҳама нотавонию нодорию аз ҳад берун по гузоштанҳо ғазаби Худовандро намеорад?!

Қаблан чунин хароҷоту аз ҳадгузарониҳо дар тӯю маъракаҳо ва маросимҳо ба мушоҳида мерасид. Шукрона, ки бо ташаббуси Сарвари давлат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расиду қонуни мазкур садди роҳи ҳар гуна исрофкориҳо гардид. Ҳарчанд ин қонун ба манфиати мардум аст, аммо теъдоде аз ношукрбандаҳо нороҳат аз онанд, ки қабул ва рӯйи кор омадани қонун маъракаҳояшонро халалдор сохтааст. Чунин суханонро бештар афроде мегӯянд, ки аз шикамчаронӣ маҳрум гаштаанд. Барои ин теъдод гӯр сӯзаду дег ҷӯшад, чӣ фарқ дорад, ки ҷигарбандат аз дунё рафтааст ва ё волидайни дилу дидаат, барои эшон муҳим шикамсеркунӣ аст. Шукрона, ки қонун забҳи чорвою ҳар гуна амалкардҳои мухолифи шариату аз чаҳорчӯбаи қонун берунро дар маросимҳои азодорӣ манъ кард. Аз чунин иқдоми нек ҳам Худо розӣ гашту ҳам бандагонаш.

Ростӣ, ки дар моҳи мубораки Рамазон дар қатори дигар аз мардуми рӯзадор бештар аз як чиз нороҳат шудам: Чаро комиссияи махсус оид ба назорат аз болои нархи маҳсулоти бозорҳо таъсис нагашту амал накард ва агар воқеан ҳам таъсис ёфтаву назорат бурда бошанд, пас чаро нархи молу маҳсулот тӯли як моҳи Рамазон танзим наёфт?! Шояд баъд аз ду моҳу дақ рӯзи Иди саиди Фитр, ки Иди Азҳо меҳмони мо хоҳад гашт, то сатҳу андозае нархи маҳсулоти хӯрока ба танзим ояд?! В-агар не, он гоҳ қассобҳои имон аз дастдода нархи гӯштро то ба 60 сомонӣ боло мебаранду ҳаннотони бозор тарҳу нақшаи дар ин мавсим манфиати бештар ба даст оварданро амалӣ хоҳанд кард. Набояд фаромӯш кард, ки ҳар гуна беназмиву худхоҳиву худпарастӣ ба дунбол оқибатҳои ногувор дорад ва мебояд илоҷи сар задани ҳар гуна воқеаро пеш аз вуқӯъ бояд ҷуст! Ҳамин тавр не, муҳтарам масъулин?!



Муҳиддин ИДИЗОДА,
махсус барои "Тоҷикистон"

МАВҚЕЪ

Санобар НИЗОМОВА,
устоди факултети журналистикаи ДМТ

Террористон аз марги маҳбусон ҳам суиистифода мекунанд

Муноқишаи мусаллаҳонаи маҳбусони Муассисаи ислоҳии №3-и шаҳри Ваҳдат мавриди тавоҷуҳи оҷонсиҳои иттилоотӣ, расонаҳои хабарӣ, блогистонҳову саҳифаҳои иттилоотии фейсбуку одноклассник қарор гирифта, ин мавзӯъ дар сархати матолиби серхонандатарини ин расонаҳо ҷой гардидааст.

Расонаҳои хабарии ҳизбу ҳаракат ва ташкилоту гурӯҳҳои фаъолияташон дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон террористиву экстремистӣ мамнуъ эълон гардида, бо тамоми неруи хеш саъй доранд, то аз ин мавзӯъ ба нафъи худ муғризона истифода намоянд ва дар байни ҷомеа кинаву адоват ва иғво барангезанд.

Чуноне расонаҳои хабарии расмии кишвар иттилоъ доданд, дар Муассисаи ислоҳии №3-и шаҳри Ваҳдат гурӯҳе аз маҳбусоне, ки бо ҷурми аъзогӣ дар ташкилотҳои террористиву экстремистӣ маҳбасӣ гардида буданд, бо маслиҳати пешакӣ, бо олотҳои буррандаву халандаи худсоз мусаллаҳ гашта, дар рафти адои намози мазкур ба маҳбусони маъруфият пайдо намуда, дарафтода, онҳоро ба қатл мерасонанд ва нозирони маҳбасро бошад, ҳамчун гаравгон гирифта, талаби озодиро мекунанд. Баъди фурсати на чандон тӯлонӣ, террористон нозирони маҳбасро низ ба қатл мерасонанд. Дар моҳи шарифи Рамазон даст ба қатлу куштор задани ин тоифаи ашхос, худ гувоҳи он аст, ки онҳо ягон рабте ба дини мубини ислом надоранд.Ҳукумати кишвар бо назардошти принсипҳои инсорпарварӣ, ҷисми баъзе аз ин маҳбусонро ба наздиконашон дод, то онҳо бо риояи урфу одат ва қавоини дини мубини ислом аз тарафи наздиконашон гӯронида шаванд.Аммо гурӯҳҳои ифротии зикргардида иддао доранд, ки гӯё «бидуни ҷаноза гӯронида шудани ҷасади террористону саркардагони ошӯби Муассисаи ислоҳии шаҳри Ваҳдат амали ғайриинсонӣ бошад», аммо дафн намудани онҳо дар зодгоҳашон худ нишони инсонпарвариву инсондӯстист. Зеро таҳлили қонунгузории малакатҳои пешрафта ва демократии дунё, оид ба таритиби дафни террористон, нишон дод, ки ҳатто баъд аз марг ҷисми бечони террористону экстремистон ба наздиконашон дода намешавад. Ононе, ки аз маҳбусони ошӯбгар ҳимоят кардан мехоҳанд, бояд донанд, ки агар ин ашхос ба озодӣ мебаромаданд, барои амалӣ намудани ҳадафи ниҳоияшон, яъне тарки ҳудуди кишвар, ба содир намудани ҳар гуна ҷинояти мудҳиш қодир буданд.

Токаев:

САВГАНД мехӯрам ва ба ДУШАНБЕ меоям



Дар интихоботи президентии Қазоқистон номзади ҳизби ҳокими "Нур Отан" ва Президенти муваққати кишвар Қосимҷомарт Токаев тақрибан 70%-и овозҳоро ба даст овард ва барои 5 сол зимоми идораи давлатро ба дӯш гирифт.

Ба огаҳии Комиссияи марказии интихоботии Қазоқистон, дар интихоботи президентии пеш аз муҳлати ин кишвар 77 дарсади шаҳрвандони дорои ҳаққи раъй иштирок кардаанд.

Маъракаи раъйдиҳии 9 июн дар таърихи навини Қазоқистон чаҳорумин интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ аст.

Интихоботи президентии Қазоқистон бо ширкати 7 номзад рӯзи 9 июн доир шуд. Ин шашумин интихоботи президентӣ дар таърихи Қазоқистони соҳибистиқлол ва нахустин интихоботе буд, ки бе ширкати Нурсултон Назарбоев доир шуд. Назарбоеви 79-сола, ки 30 сол боз бар Қазоқистон ҳукм меронд, моҳи марти соли ҷорӣ аз мақомаш истеъфо дод ва Қосимҷомарт Токаевро ба ҷои худ овард.

Бо вуҷуди ин, дар интихоботи президентӣ тақаллуб роҳ ёфта, даҳҳо нафар ба кӯча баромаданд. ВКД Қазоқистон мегӯяд, танҳо дар рӯзи овоздиҳӣ ва танҳо дар шаҳрҳои Алма-Ато ва Нур-Султон ҳудуди 500 эътирозгар дастгир шудаанд.

Номзади мухолифин Амирҷон Косанов, бино ба натиҷаҳои экзит-поллҳо бо 15 дарсади овозҳо ҷои дуюмро ба даст овардааст. Бар асоси натиҷаҳои экзит-полли "Молодежь", Косанов, номзади ҷунбиши «Ұлт тағдыры» 14,96 фоиз ва бар асоси натиҷаҳои экзит-полли "Когамдык пікірі" 15,39 фоизи овозҳоро соҳиб шудааст.

Дания Еспаева, нахустин зани номзад ба мақоми президентии Қазоқистон ва вакили парлумони ин кишвар аз Ҳизби "Оқ жол" 5 дарсади раъйи мардуми кишварашро соҳиб шудааст.

Номзадҳои дигар аз як то чаҳор дарсадӣ овоз гирифтаанд.

Мухолифини қазоқ дар бораи намунаҳои фаровони тахаллуф дар интихобот бо мақсади таъмини пирӯзии Токаев хабар медиҳанд. Дар ин видео дида мешавад, ки дар яке аз қитъаҳои овоздиҳӣ қаламеро барои пур кардани бюлле+-тенҳо гузоштаанд, ки рангаш зуд пок мешавад.

Қосимҷомарт Токаев, Президенти муваққати Қазоқистон рӯзи 10 июн гуфт, агар Комиссияи марказии интихоботӣ натиҷаҳои раъйдиҳиро эълом кунад, маросими савгандёдкунии президент 12 июн баргузор хоҳад шуд.

"Маросими савгандёдкуниро тасмим дорем, 12 июн баргузор кунем, агар Комиссияи интихоботӣ то он замон натиҷаҳои расмии раъйдиҳиро эълом кунад", - навиштанд расонаҳо аз қавли Токаев.

Токаев афзудааст, ба ин далел 12 июнро интихоб кардааст, ки 14 июн дар Қирғизистон нишасти сарони Созмони Ҳамкориҳои Шанхай баргузор мешавад. "14 июн ман бояд ба Бишкек ва баъдан ба Душанбе равам. Ва бехтар аст, ки дар ин нишастҳо Президенти Қазоқистон аз салоҳиятҳои комил бархӯрдор бошад", - гуфт Қосимҷомарт Токаев.

ПАНДА ба ПУТИН

Си Ҷин Пин дар Русия чӣ гуфт?

Владимир Путин ва Сӣ Ҷин Пин, раҳбарони Русияву Чин, баъд аз як музокироти ба гуфтаашон дӯстона ва анҷоми ба истилоҳ "дипломатияи панда", ба шаҳри Санкт-Петербург рафтанд. Онҳо дар нишасти муҳими иқтисодӣ ширкат мекунанд.



Ҷин Пин ба боғи ҷонварони Маскав охирҳои моҳи апрел ду навъи пандаи нодирро тақдим карда буд. Вай рӯзи 5-уми июн ин туҳфаро ба унвони "эътимод ва эҳтиром"-и миёни ду кишвар ба хотири тақвияти ҳамкориҳои дучониба дар пешорӯи равобити пуртаниши Русия бо Вашингтону Ғарб муаррифӣ намуд.

Ҷин Пин дар пайи музокирот бо Путин, ки ӯро “дӯсти бехтарин" номид, пандаҳоро бо номи Жуй ва Динг Динг муаррифӣ намуд.

Путин гуфт, "панда рамзи Чин аст ва мо ин тақдимро ҳамчун як иқдоми дӯстона қабул мекунем".

Президенти Русия гуфт, ҳама суҳбатҳо дар бораи панда “маълуман бо табассум меанҷоманд. Аз ин хотир, мо чунин як тақдимро ба унвони эҳтиром ва самимият қабул мекунем”.

Ҷуфти пандаҳо ба боғи ҷонварони Маскав ба муҳлати 15 сол ба иҷора дода шуданд ва дар давоми ин солҳо донишмандони русу чинӣ таҳқиқоти худро дар бораи зиндагиву табиати ин ҷонвари нодир анҷом медиҳанд.

Сафари Си Ҷин Пин ба Русия ҳамчун талоши тақвияти равобит бо Чин дар пасманзари муносибатҳои хеле пуртаниши Вашингтону Маскав унвон мешавад.

Дар пайи ишғоли нимҷазираи Қрими Украина аз ҷониби Маскав дар соли 2014, дар равобити Русияву Ғарб мушкилоти ҷиддӣ пеш омад ба Русия ба умеди тақвияти бештари робитаҳо ба ҳамсояҳои шарқиаш рӯ овард. Дар айни замон, Пекин бо Вашингтон дар ҳолати ҷанги тиҷоратӣ қарор дорад ва ҳар ду ҷониб нисбат ба молу муомилоти ҳамдигарӣ молиёти иловагӣ ҷорӣ кардаанд.

Сӣ Ҷин Пин бо сафари серӯза ба Русия рафтааст ва яке аз ҳадафҳои дигари ин сафар – ширкат дар Форуми иқтисодии Санкт-Петербург аст.

Дар чаҳорчӯби ин сафар, чанд ширкати азими русиву чинӣ байни ҳам созишномаҳои ҳамкорӣ имзо карданд.

Кремл мегӯяд, соли 2018 мизони ҳамкориҳои Русияву Чин 25 дарсад афзоиш ёфт ва ба 108 миллиард доллар баробар шуд.

Максим Орешкин, вазири рушди иқтисодии Русия ва Ван Ҷиган, вазири технологияҳои Чин субҳи 6-уми июн созишнома имзо карда, барои таъсиси фонде бо маблағи умумии 1 миллиард доллар мувофиқа карданд. Ин муассиса бо таҳқиқот дар бахши технологияи навин машғул мешавад. Оҷонсии ТАСС гуфт, маблағи ин бунёдро Фонди сармояҳои мустақими Русия ва Корпоратсияи сармоягузориҳои чинӣ пардохт хоҳанд кард.

Рӯзи 5-уми июн раҳбарони Чину Русия дар музокирот дар Кремл дар баробари масоили марбут ба равобити дучониба, инчунин масоили марбут ба вазъи байналмилалиро матраҳ карданд.


МАЪЛУМОТНОМА

АНОТЕ ТОНГ

Аноте Тонг — 5-умин Президенти Ҷумҳурии Кирибати мебошад. Дар интихоботи моҳи июли соли 2003 бо 47,4 дарсади раъй пирӯз шуд.

Ҳамин тавр, рақиби асосии Анот бародараш Гарри Тонг, аъзои ҳизби «Манеабан-те-Маури» 43,5 дарсади раъй ва ҳуқуқшинос Бануэра Берина 9,1 дарсади раъйро ба даст оварданд.

Аноте Тонг — писари муҳоҷири чинӣ мебошад, ки пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон дар ҷазираи Гибралтар умр ба сар мебурдааст. Ӯ моҳи июни соли 1952 дар Табуаэран ба дунё омадааст. Аноте Тонг дар мактаби иқтисодии Лондон таҳсил дидааст. Ӯ бо Меме Тонг оиладор аст. 7 ноябри соли 2003 бо ташаббуси ӯ муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Мардумии Чин (дар ҷазираи Тайван) ба роҳ монда шуд, ки боиси сард шудани робита бо Ҷумҳурии Мардумии Чин



гардид, бахусус истгоҳи пайгири моҳворавии Чин баста шуд, аз ҷониби чиниҳо сохтмони варзишгоҳи асосӣ дар Тараваи Ҷанубӣ қатъ гардид ва 6 табиб аз Беморхонаи миллии Кирибат бозхонда шуд. Сабаби асосӣ он буд, ки ҳукумати чинӣ то ҳол Тайванро эътироф надорад ва ин ҷазираро ҷузъи худ меҳисобад. Бо мақсади сафед кардани ин амали худ Президент Тонг изҳор намуд, ки муносибат бо Тайван танҳо ба рушди иқтисодии Кирибат таъсири мусбат дорад ва тоҷирони тайваниро ба ин кишвари уқёнуси оромӣ ҷалб месозад. Қатъ шудани равобит бо ҶМЧ ба иқтисоди Кирибат таъсири манфӣ расонид, зеро ҳамасола Чин ба ин кишвар 2 млн. доллар кумак менамуд. Баъзе тағйиротҳо дар ҳукумати Тонг мухолифатро аз ҷониби собиқ Президенти Кирибат Тебуроро Тито ва бародараш Тарри Тонго ба бор овард. Пас аз ба сари қудрат омадан Аноте Тонг аз иҷораи ҳавопаймои Франсия ATR-72 даст кашид. Сабаб қиматии иҷораи ҳавопаймо гардид: дар умум 10 млн. доллар супорида шуда буд, ки чунин давлати хурдакак имкон надошт, ки бисупорад.

МУҲОҶИРОНИ ТОҶИК

дар Русия онҳоро боздошту бараҳна карданд, ҷониби Тоҷикистон хомӯш аст

Ба хотири ҳимояи шаъну шарафи беш аз як миллион муҳоҷири тоҷики муқими Русия парлумони кишвар ва Вазорати корҳои хориҷӣ бояд ҳар чӣ зудтар вокуниш, вокуниши хеле ҷиддӣ нишон диҳанд!



Дар акси ҳол, бахси қазияи мазкур, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ аланга гирифтааст, доғтар ва хашми мардум бештар хоҳад шуд.

Шарафу номуси шаҳрванд дахлнопазир аст

Ахиран бархе аз сомонаҳои Русия, аз ҷумла, “Московская газета” акси боздоштшудаҳои тоҷик бо либосҳои дарида ва бараҳнаро чоп карданд, ки боиси хашму ғазаби корбарони шабакаҳои иҷтимоии Тоҷикистон шуд. Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ боздошти чор шаҳрванди тоҷик ба гумони даст доштан дар қатли варзишгари рус ва таҳқири ошкори ин афрод аз ҷониби ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи Русияро “бархӯрди ғайриинсонии мақомоти рус нисбати шаҳрвандони Тоҷикистон” унвон кардаанд.

Абдураҳими Умариён дар шабакаи иҷтимоии Facebook навишт:


“Ин гуна бархӯрд, шиканҷа додан ва даридани либоси ин ҷавонон ва тариқи расонаҳои хабарӣ паҳн намудани акси таҳқиромези онҳо талаботи қонунҳои амалкунандаи Русия ва санаду меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро дағалона вайрон кардааст!”.

Корбарони шабакаҳо ин амалро “таҳқири ошкори миллати тоҷик” хонданд, зеро “шарафу номуси шаҳрванд дахлнопазир аст”.

Сомонаи муҳофизони ҳуқуқи башари Тоҷикистон, ин амалро “нишонаи ҳолати беҳуқуқии муҳоҷирони тоҷик дар Русия” арзёбӣ кардааст. То ҳол Вазорати корҳои хориҷӣ ва ниҳодҳои дигари Тоҷикистон нисбати боздошт ва таҳқири муҳоҷирони тоҷик дар Русия расман вокунише нишон надодаанд. Корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ аз масъулони ин вазорат ва Сафорати Тоҷикистон дар Маскав даъват кардаанд, то нисбати ин ҳодиса аксуламал нишон диҳанд.

“Ба хотири ҳимояи шаъну шарафи беш аз як миллион муҳоҷири тоҷики муқими Русия парлумони кишвар ва Вазорати корҳои хориҷ¿ бояд ҳар чӣ зудтар вокуниш, вокуниши хеле ҷиддӣ нишон диҳанд! Дар акси ҳол, бахси қазияи мазкур, ки то ҳамакнун дар шабакаҳои иҷтимоӣ аланга гирифтааст, доғтар ва хашми мардум бештар хоҳад шуд”, - омадааст дар мурочиати онҳо.







Чаро шаҳрвандони тоҷик боздошт шуданд?

Бино ба гузориши расонаҳои Русия, чор шаҳрванди аз 24 то 29-солаи Тоҷикистон ба гумони даст доштан дар қатли гӯштингир Сергей Чуев дастгир шудаанд. Ба гуфтаи шоҳидон, Чуев бо як гурӯҳи ҷавонони қиёфаашон осиёӣ барои ба як зани гӯё ҳомила гап партофтани онҳо вориди муноқиша шудааст ва он ҷавонон варзишгарро гирифта, ба кӯл партофтаанд. Сергей Чуев зоҳиран дар зери об дамгир шудааст, чунки вақте вайро берун оварданд, аллакай нафас намекашид. Нашрияи "Московская газета” бо нашри чанд акс хабар дод, Сергей Чуев, устоди варзиш дар гӯштини юнониву румӣ шаби 7 июн, соати тақрибан 23 дар минтақаи ҷанубу ғарби пойтахти Русия кушта шуд.

Дар асоси натиҷаи муқаддамотии тафтишоти ин ҳодиса, куштори варзишгар дар заминаи авбошӣ сурат гирифтааст.

Дар сомонаи Сарраёсати Кумитаи тафтишоти шаҳри Маскав дар мавриди боздошти гумонбаршудагон дар қатли Сергей Чуев хабаре нашр шудааст. Аммо дар ин хабар дар бораи шумораи боздоштшудагон, мансубият ва касбу кори онҳо маълумоте нест. Ҳарчанд дар аксҳо аз ҷароёни амалиёти вижа 7 нафар ба чашм мехӯранд.

Ҳуқуқи муҳоҷирон поймол мешавад

Поймол шудани ҳуқуқи муҳоҷирон дар Русия падидаи тозае нест ва ҳамагон ба ин амалҳо одат кардаанд. Масалан, корфармо метавонад пули кори муҳоҷирро пардохт накунад, пулиси рус бо ҳар баҳона муҳоҷири тоҷикро таҳқир кунаду пул ситонад.

Аз “рейд”-ҳои ногаҳонии ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи Русия низ бештар муҳоҷирони тоҷик осеб мебинанд. Шаби 21 май дар ҷараёни амалиёти Хадамоти федеролии амнияти Русия (ФСБ) дар вилояти Владимир ду шаҳрванди Тоҷикистон кушта шуданд.

Дар навори видеоии Кумитаи миллии зиддитеррористии Русия дар манзили зисти ин ду муҳоҷир силоҳ дида мешавад. Ба гуфтаи мақомот, онҳо ба ҳамлаи террористӣ омодагӣ мегирифтанд ва ҳангоми боздошт муқовимат нишон додаанд. Аммо муҳоҷирони тоҷик, ки ин ду нафарро аз наздик мешинохтанд, мегӯянд, ин ду нафар амакбача ва сокини ноҳияи Ёвон буда, дар рафтори ин кушташудагон ҳеҷ амали шубҳанок дида намешуд.

Ҳодисаи дигар марги Гулбегим Раҳмонова, сокини 29-солаи шаҳри Душанбе аст, ки 1-уми майи имсол ҳангоми рейди ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳри Клини вилояти Маскави Русия фавтид. Яке аз муҳоҷирони кории тоҷик пас 9 рӯзи ин ҳодиса дар сардхона тасодуфан ҷасади Гулбегимро шиносоӣ карда, пас аз 12 рӯз бо кумаки муҳоҷирони кории тоҷик ба Ватан фиристоданд.

Дар пайи марги зани муҳоҷир ду фарзандаш – Юсуфи 6-сола ва Абдуллоҷони 3-сола ятим монданд.

Соли гузашта аз Русия ба Тоҷикистон тобути 966 муҳоҷир оварда шудааст. Дар гузориши ахири Омбудсмени тоҷик бо такя ба маълумоти Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки интиқоли тобути муҳоҷирон дар соли гузашта дар муқоиса ба соли 2017 беш аз 90 ҳолат зиёд аст.

Аз сӯи дигар, ба гуфтаи ҳомиёни ҳуқуқи башари Тоҷикистон, муҳоҷирони тоҷик барои содир кардани гуноҳи ночиз низ боздошту дар додгоҳ муҳокима шуда, ба муддати тӯлонӣ аз Русия ихроҷ мешаванд. Аз ҷумла, полиси Русия шаҳрванди 24-солаи Тоҷикистон Рустамҷон Сариковро ба нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ айбдор намуда, се сол аз ҳаққи вуруд ба Русия маҳрум кард. Вале худи Сариков ин қарорро ғайриқонунӣ мешуморад.

Ба гуфтаи коршиносон, қазияи Сариков ягона нест. Дар ҳоли ҳозир беш аз 200 ҳазор сокини Тоҷикистон аз ҳаққи сафар ба Русия маҳруманд. Аксари онҳо қурбонии муқаррароти сангини маъмурӣ шудаанд, ки барои напардохтани қарзи истифодаи телефони мобилӣ ва ё дар ҷои иҷозанашуда қарор додани мошин парвандаашон "сиёҳ" шудааст. На ҳамаи ин муҳоҷирон метавонанд сари вақт барои ҳимояи ҳуқуқи худ ба вакили дифоъ мурочиат кунанд.

Поймол шудани ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик дар хориҷ, бахусус дар Русия ва Қазоқистон пайваста дар матбуот нашр мешавад ва худи муҳоҷирон менависанд, ки “бехуқуқтарин инсонҳо дар Русия муҳоҷирони тоҷик ҳастанд ва касе нест, ки ба доди онҳо бирасад.”

Дар гузориши солонаи Вакилатдори ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон аз соли 2018 низоми мураккаби сабтиноми муҳоҷирон дар Русия далели ин вазъ арзёбӣ шудааст, ки боиси афзоиши муҳоҷирати ғайрирасмӣ гардида, вазъи онҳоро мушкилтар мегардонад.

Инчунин, дар ин гузориш таъкид шудааст, пардохт нашудани музди меҳнат ва табъизи муҳоҷирон ба назар расида, муҳоҷирони корӣ дар кишварҳои қабул ҳангоми ҷойгир намудани фарзандон ба кӯдакистону мактабҳо ба мушкилиҳо дучор мешаванд.

Дар ҳамин ҳол, рӯзи 29 апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Маскав Маркази нави ёрии ҳуқуқӣ барои муҳоҷирони кории тоҷик боз шуд.

Ба гуфтаи Иззат Амон, як ҳомии ҳуқуқи муҳоҷирон ва аз муассисони ин марказ барои кумак ба корафтодаҳо панҷ ҳуқуқшиноси касбӣ ҷалб шуда , хидмати ҳуқуқшиносон дар маҷмӯъ ройгон хоҳад буд.

Иззат Амон гуфт, ки ҳадаф аз ташкили Маркази ёрии ҳуқуқӣ пешгирӣ аз ҳодисаҳои фиребу тақаллуби муҳоҷирони тоҷик дар Русия мебошад, ки ба хотири ноогоҳии ҳуқуқӣ ва ҳам надонистани забон аз ҷониби афроди ҷиноятпеша фиреб мехӯранд.

Неруи бузург дар Русия

Русия кишвари калидии муҳоҷирпазир барои Тоҷикистон аст. Неруи бузурги кори Тоҷикистон, бинобар камбуди кор дар Ватан, ба ин кишвар мераванд ва бо вуҷуди фишору азияти мақомот хонаводаҳои худро дар кишвар таъмин мекунанд.

Зиндагӣ ва кори муҳоҷирон дар Русия чандон шаффоф нест ва бештари онҳо кори қонунӣ надоранд. Омиле, ки аксаран пас аз ошкор шудан боис ба ихроҷи онҳо мешавад.

Коршиносон мегӯянд, гурӯҳҳои сиёсӣ, чӣ ҳукуматӣ ва чӣ мухолиф, муҳоҷирони кориро ҳамчун неруе медонанд, ки бо кумаки онҳо бароварда сохтани хостаҳояшон имкон дорад.

Дар хулосаҳои Кумитаи ҳимоят аз ҳуқуқи муҳоҷирони корӣ дар Созмони Милали Муттаҳид рӯзи 12-уми апрел мунташир шуд, омадааст: “Кумита аз он нигарон аст, ки ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик, бахусус берун аз шаҳрҳои аслии Русия кафолат дода намешавад.”

Кумита, аз ҷумла, аз боздошт ва ихроҷи шаҳрвандони Тоҷикистон аз Русия ёдрас кардааст, ки ба гуфтаи ҳомиёни ҳуқуқ “як амри маъмулӣ” аст. Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон тавсия додааст, ки бо тамоми кишварҳое, чун Русия ва Қазоқистон, ки муҳоҷирати тоҷикон барои кор ба он кишварҳо зиёд аст, барои ҳимояту таъмини ҳуқуқи онҳо созишномаҳои дуҷониба имзо кунад.

Мардони МУҲАММАД,
“Тоҷикистон”

«ТОҶИКИСТОН» ва «ОИЛА»

маҳбубтарин нашрияҳои кишвар дар соли 2018

Дар шаҳри Душанбе муаррифии тадқиқоти «Афзалиятҳои расонавии аҳолии Тоҷикистон: ТВ, радио, нашрияҳои чопӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо» баргузор гардид, ки онро бо маблағгузории Сафорати ИМА дар Тоҷикистон созмонҳои ҷамъиятии «Машварати расонавӣ» ва «Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» дар ҳамдастӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонидаанд.



Тибқи назарсанҷии ин мароқиз, ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ва “Оила” дар рейтинги маҳбубтарин нашрияҳои сиёсӣ ва фарҳангии кишвар дар раддаи аввал қарор гирифтанд. Нашрияҳои сиёсии “Азия плюс”, “Чархи гардун”, “Фараж” ва “СССР” дар ҷойҳои баъдӣ қарор доранд. Миёни нашрияҳои фарҳангӣ бошад, “Муҳаббат ва оила” ва “Дилкушо” ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол карданд. Телевизиони “Тоҷикистон” ва радиои “Имрӯз” бошад, маҳбубтарин расонаҳои умумиҷумҳуриявӣ арзёбӣ гардиданд.

Ҳадафи тадқиқоти мазкур муайян кардани афзалиятҳои расонавии аҳолии кишвар мебошад, яъне шаҳрвандони кишвар ба дидану шунидан ва хондани кадом расонаҳои ватанӣ бартарӣ медиҳанд.

«Тадқиқоти мазкур марҳилаи дуюми лоиҳа аст, - изҳор намуд директории ТҶ «Машварати расонавӣ» Набӣ Юсупов. – Соли гузашта мо аллакай ин гуна тадқиқот баргузор карда будем, ки моҳи апрели соли 2018 муаррифӣ гардид. Дар тадқиқоти нав мо на танҳо аз сатҳи афзалиятҳо ба ин ё он ВАО огоҳ шудем, балки додаҳои соли гузаштаву имсоларо муқоиса карда, муайян намудем, ки вазъ то кадом андоза тағйир ёфтааст. Тадқиқот на танҳо ВАО-и анъанавӣ, балки абзорҳои нави дастрасии иттилоъ-интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳоро низ фаро гирифтааст».

Н. Юсупов, инчунин қайд кард, ки фановариҳои нав дар тамоми ҷаҳон тамоюлоти навро ҷорӣ намуданд, ки феълан омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, як қисмати ин тадқиқот ба муайян кардани дараҷаи гузариши аҳолии Тоҷикистон ба фановариҳои нав ва сатҳи маърифати расонавии он бахшида шудааст.

«Тадқиқот нишон дод, ки аҳолии Тоҷикистон ба таври мунтазам ба фановариҳои нав мегузарад, – сухбатро идома дод директории Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» Қаҳрамон Бақозода.- Афзоиши ҳиссаи корбарони интернет ба амал омада истодааст, ҳарчанд ин суръат баланд нест ва сатҳи он низ ба монанди дигар кишварҳои минтақа намебошад. Пеш аз ҳама, ин ба воридшавии нокофии интернет ба кишвар ва арзиши баланди он вобаста аст. Аммо яке аз сабабҳои асосии инро мо дар он мебинем, ки густариши фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ кофӣ нест ва фаъолиятҳое, ки барои сокинон даромад меоранд, хусусияти маҳдуд ва анъанавӣ доранд. Тавре ки интизор будем, ҷавонон дар истифодаи фановариҳо пешрафтатар мебошанд, ҳарчанд ки он бештар бо мақсади вақтхушӣ сурат мегирад. Истифодаи ВАО дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки дар айни замон, мо дар соҳаи ВАО раванди шакливазкунии сифатиро мушоҳида мекунем. Фикр мекунам, ки иқтидори мессенҷерҳо ҳамчун ВАО бознашуда боқӣ меомнад. Инро барои рушди минбаъда метавон ҳамчун самти имконпазир баррасӣ кард».

Натиҷаҳои тадқиқот ба суолҳои муҳим посух гуфта, нишон медиҳанд, ки ВАО-и анъанавь бояд ба кадом самт равад ва барои расонаҳои нав кадом дурнамо боз шуданаш мумкин аст. Тадқиқот аз рӯи намудҳои ВАО мухотабонро муайян мекунад ва метавонад ҳам барои интиоби самтҳои афзалиятнок дар рушди соҳа ва ҳам барои расонаҳои ҷудогона истифода шавад.

Тадқиқот бо дастгирии молиявии Сафорати ИМА дар ҶТ баргузор шуд. Дар маҷмӯъ, дар он зиёда аз 2,5 ҳазор посудиҳандагон аз тамоми гӯшаҳои ҷумҳурӣ ширкат намуданд.

О. СОҲИБЗОДА,
“Тоҷикистон”

Хонандаи азиз! Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» минбаъд низ робитаашро бо хонандагон ба роҳ монда, доир ба мушкилоти мавҷуда мавод омода карда, ба нашр хоҳад расонд.

Мушкилоте дорӣ, аммо намедонӣ ба кӯҷо мурочиат намоӣ?

МУШКИЛОТ ДОРӢ? НАВИС! tojikiston@pressa.tj 238-54-51

Ба роҳбарони сохторҳои давлатӣ мурочиат кардӣ, аммо посухи рад гирифтӣ?

ПАС, БА ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН» НАВИС!

ЛАГЕРҲОИ МАКТАБӢ

Киҳо ҳаққи истироҳат доранд?



Умедҷон Сафарзода, сардори “Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ”-и Вазорати маориф ва илми ҶТ

Лагеру истироҳатгоҳҳои мактабии кишвар аз нимаи дувуми моҳи июн дарҳои худро ба рӯи толибилмон боз менамоянд.

Имсол ба истироҳати тобистона чӣ қадар толибилм фаро гирифта мешаванд? Идораҳои дахлдору шахсони масъул дар ин самт чӣ тадбирҳо андешидаанд? Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала хабарнигори ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бо Умедҷон Сафарзода, сардори “Маркази ҷумҳуриявии таҳсилоти иловагӣ”-и Вазорати маориф ва илми ҶТ ҳамсуҳбат шуд, ки фишурдаи онро пешкашӣ шумо мегардонем.

-Дар ибтидо мегуфтед, ки имрӯз вазъи истироҳатгоҳҳои мактабӣ чӣ гуна аст ва то кадом андоза ба қабули хонандагон омода ҳастанд?

-Аз 20-уми майи соли ҷорӣ корҳои сохтмонӣ, таъмиру тармим, таҷҳизонидани бино, майдончаҳои варзишӣ, ҳавзҳои оббозию шиноварӣ дар истироҳатгоҳҳо ба анҷом расонида шудааст. Ба истироҳатгоҳҳо омӯзгорони дорои собиқаи корӣ ва қобилияти хуби ташкилотчигӣ ҷалб гардидаанд. Асосан ба истироҳатгоҳҳо кӯдакон ва наврасони аз 7 то 16 - сола фаро гирифта мешаванд. Дар Маҷмааи фарҳангию фароғатии “Файзи истиқлол”-и назди Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ҶТ семинари ҷумҳуриявӣ барои директорони истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ, намояндагони вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон (ЮНИСЕФ), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, сардорони раёсати маорифи вилоятҳо, сардорони раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баргузор гардид.

-Ҳоло дар Тоҷикистон чанд лагер барои истироҳату фароғати хонандагон фаъол аст?

-Имсол дар қаламрави ҷумҳурӣ 2250 адад истироҳатгоҳҳо фаъолият хоҳанд кард.

-Хонандагон дар кадом лагерҳо ба истироҳат фаро гирифта мешаванд?

-Дар мавсими истироҳатгоҳи тобистонаи соли 2019 хонандагони муассисаҳои давлатӣ ба истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ, наздимактабӣ, варзишӣ-бехдоштӣ, фароғатӣ-таълимӣ, меҳнатӣ-истироҳатӣ, солимгардонӣ, интернатӣ дар ”Зимчуруд”, “Гулхан”, “Шарора”, “Файзи истиқлол” , “Орзу” ва ба дигар истироҳатгоҳҳо фаро гирифта мешаванд.

-Мавсими истироҳати толибилмон аз кай шурӯъ мешавад?

-Тибқи нақша имсол мавсими ба истироҳатгоҳ фаро гирифтани хонандагон аз 25 июн ба назар гирифта шудааст.

-То кай идома меёбад?

-Муҳлати истироҳат дар истироҳатгоҳҳои тобистона то 15 рӯз давом мекунад ва он аз чанд баст иборат мебошад.

-Соли ҷорӣ чанд нафар хонандагони муассисаҳои давлатӣ ба истироҳати тобистона ҷалб мешаванд?

-Тибқи нақшаи пешакӣ, имсол бояд 244295 нафар толибилмон ба истироҳатгоҳҳо ҷалб карда шаванд.

-Оилаҳое ҳастанд, ки имкони молии хуб надоранд, аммо мехоҳанд фарзандашон ба истироҳатгоҳҳо фаро гирифта шаванд. Барои ин қишри ҷомеа ягон кумак расонида мешавад?

-Албатта, мо кӯшиш мекунем, вазъи тамоми қишри ҷомеаро ба назар гирифта, фарзандони онҳоро ба омӯзишҳои фарҳангиву фароғатӣ ҷалб намоем. Аз рӯи миқдори ба истироҳатфарогиршудагон 1150 нафарашонро кӯдакони ятиму бепарастор ва 2850 нафарро кӯдакони аз оилаҳои камбизоат ташкил медиҳанд. Онҳо ройгон ба истироҳатӣ тобистона фаро гирифта мешаванд.

-Мегӯянд, ки дар муассисаҳои хусусии Душанбе аз хонандагони синфҳои поёнӣ омӯзгорон барои ба истироҳат рафтан, ба миқдори 950 сомонӣ талаб кардаанд. Оё ин дуруст аст? Умуман, киҳо ҳаққи ба истироҳат рафтанро доранд?

- Имсол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истироҳати тобистона 3, 5 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст. Умуман, ҳамаи толибилмон ҳаққи ба истироҳатгоҳ рафтанро доранд.

Ширин ТОҲИРӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ “ТОҶИКСТАНДАРТ” ҚУДРАТ ДАВЛАТЗОДА

ГЎР сӯзаду ДЕГ ҷӯшад

қабули қонун метавонад аз воридоти маҳсулоти хӯрокаи пастсифат ҷилавгирӣ намояд?



Аз мардуми одӣ то масъулини ниҳодҳои давлатӣ хуб медонанд, ки маҳсулоти қаннодӣ, ширу шарбате, ки дар рафҳои мағозаҳо пешниҳоди истеъмолкунандагон мегарданд, дар онҳо норасоии микроэлементҳои ғизой мушоҳида мегардад...



Инро “Тоҷикстандарт”-у Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисони Хадамоти гумрук хуб дарк мекунанд. Аммо чаро аксуламал нишон намедиҳанд?

То чӣ андоза имрӯз сифати маҳсулоти хӯрокаи дар бозору мағозаҳо пешниҳоди истеъмолкунандагонгашта ҷавобгӯ ба талабот аст, ҳар шаҳрванди кишварро нигарон сохтааст. Оё таркиби маҳсулоте, ки ҳамарӯза аз бозору мағозаҳо харидорӣ мекунем, аз витамину дигар микроэлементҳои ғизоӣ бой аст? НЕ ва боз ҳам НЕ!!! Инро мо муайяну мушаххас накардаем, балки коршиносону вакилони мардумӣ дар ин самт андешаву назари худро иброз кардаанд.

Чанде пеш вакилони мардумӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда”-ро мавриди баҳсу баррасӣ қарор доданд. Мирзомуддин Камолзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки атрофи ин масъалаи рӯз пешорӯи вакилони мардумӣ ҳисобот медод, иброз дошт, ки лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳои камхунӣ, норасоии оҳан дар бадан, витаминҳои гурӯҳи “В”, йод ва дигар бемориҳое, ки аз норасоии микронутриентгӣ сабаби фавти бармаҳали модарону кӯдакон мегардад, мусоидат хоҳад кард.

Ростӣ, ки аз чунин хулосарониҳои масъули ниҳоди давлатӣ кас ба ҳайрат меафтад: То ин муддат кучо буданд мутахассисону вакилони мардумӣ, то садди истеҳсолу воридоти маҳсулоти хӯрокворию пастсифат ва ба саломати зараровар дар кишвар гарданд? Шигифтангез он нукта аст, ки чаро то ин муддат чунин қонун арзи ҳастӣ надошт, то дар ғанигардонии маҳсулоти хӯрока мусоидат намуда, дар чилавгирӣ аз воридоти маводи хӯрокаи ғайристандартӣ мусоидат намояд? Ҳарчанд атрофи сифати маҳсулоти хӯрокаи воридгаштаву дар дохили кишвар истеҳсолшуда пайваста тариқи шабакаҳои телевизионии кишвар хабару гузоришҳо пахш мешуданд, аммо чун дар ин самт қонуне роҳандозӣ набуд, аз ин рӯ, аз нишастану гуфтану бархостанҳо суде ба мардум нарасид.

Tajikistantimes.com

Ҳеҷ гоҳ ширкатҳои хориҷӣ барои мо - тоҷикон маҳсулоти тару тоза ва ҷавобгӯ ба саломатии мардумро пешкашамон намегардонанд. Теъдоде аз соҳибкорону тоҷирони моанд, ки молу маҳсулоте ворид месозанд, арзон асту ҷавобгӯ ба кисаи дарбеҳгаштаи мардуми камбизоат.

Мусаллам аст, ки аз мардуми одӣ то масъулини ниҳодҳои давлатӣ хуб медонанд, ки маҳсулоти қаннодӣ, ширу шарбате, ки дар рафҳои мағозаҳо пешниҳоди истеъмолкунандагон мегарданд, дар онҳо норасоии микроэлементҳои ғизоӣ мушоҳида мегардад... Инро “Тоҷикстандарт”-у Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисони Хадамоти гумрук хуб дарк мекунанд. Аммо чаро аксуламал нишон намедиҳанд? Бигузор ба ин суол мутахассисони ниҳодҳои марбута вичдонан посух гӯянд!!!

Дар матлабҳои қаблӣ аз пастсифатии ҳар гуна маҳсулоти хӯрокворию воридгашта бонги хатар зада, хулоса карда будем, ки омили гирифтор шудани мардум ба бемориҳои гуногун маҳз аз нарасидани ғизои ғанигардонидашуда аст. Ҳеҷ гоҳ ширкатҳои хориҷӣ барои мо - тоҷикон маҳсулоти тару тоза ва ҷавобгӯ ба саломатии мардумро пешкашамон намегардонанд. Теъдоде аз соҳибкорону тоҷирони моанд, ки молу маҳсулоте ворид месозанд, арзон асту ҷавобгӯ ба кисаи дарбеҳгаштаи мардуми камбизоат аст. Мусаллам аст, ки чунин намуд аз хӯрокворихои арзоннарх, орӣ аз ҳар гуна элементҳои ғанигардонианд, ки дар маҷмӯъ истеъмолу истифодаи чунин маҳсулоти пастсифат сабаби маргу мири чандин атфолу модарон дар Тоҷикистон гаштааст. Ҳатто созмонҳои чаҳонӣ низ пайваста дар маърӯзаву ҳисоботҳои худ аз нарасидани ғизои комили модару атфол дар Тоҷикистон гузориш медиҳанд.

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворию ғанигардонидашуда” метавон худро тасалло дод, ки минбаъд аз воридоти ҳар гуна маводи хӯрокаи пастсифат ва ба саломатӣ зараровар ба кишварамон пешгирӣ хоҳад шуд? Бале, агар ниҳодҳои назоратбарандаву муваззафшуда дар таъмини амнияти озуқаворию кишвар, аз қабили Кумитаи бехатарии озуқаворию назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумрук ва “Тоҷикстандарт”-у дигар ниҳодҳои дахлдор бо ҷалби мутахассисони ҳирфавӣ дасту остин барзада, сидқан фаъолият кунанд. Дар ин самт, ки татбиқу амалигардонии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – таъмини амнияти озуқаворист, танҳо мутахассисони соҳибдонишу бовиҷдон метавонанд саҳму нақши худ гузоранд. Аммо агар масъулини ниҳодҳои зикрашон дар болорафта такя на ба мутахассисони кордон, балки пайвандону наздикони аз донишу маърифат дури худ намуда, танҳо манфиатҷӯй кунанд, он гоҳ сақичу қанду қандалот ва шарбату орди пастсифати чиниву қазоқиву қирғизӣ бозору мағозаҳоямонро лаболаб пур сохта, зарба ба сиҳатии миллат мезанад. Пас, масъулинро зарур аст муайян кунанд: барои онҳо сиҳатии мардум афзалтар аст ва ё манфиати хусусӣ?

М.ИДИЗОДА,
махсус барои “Тоҷикистон”

“Тоҷиксодиротбонк” харидор меҷӯяд

“Тоҷиксодиротбонк” барои фурӯши 80 дарсади саҳмияҳояш харидор меҷӯяд.

Ин миқдор саҳмияҳои бонкро 300 миллион доллар нарх гузоштаанд. Эълони фурӯши саҳмияҳои “Тоҷиксодиротбонк”-ро идораи давлатии масъули ҷалби сармояҳо – “Тоҷинвест” – нашр кард.

Аз "Тоҷиксодиротбонк" гуфтанд, ин ҳамон саҳмияҳое ҳаст, ки ҳангоми ба мушкил дучор шудани бонк дар ду соли пеш давлат онро харида буд. Соли 2017 давлат 2 миллиарду 250 миллион сомонӣ маблағ ҷудо карда, саҳмияҳои бонкро харида буд. Қарор буд, бонк дар давоми 5 сол маблағро ба давлат бозгардонад. Ҳоло маъмурияти бонк кӯшиш дорад ин саҳмияҳоро фурӯхта, маблағро ба давлат диҳад. Айни замон маъмурияти "Тоҷиксодиротбонк" бо сармоягузорони Арабистони Саудӣ аз Ширкати “Saudi Investment Group”, ки ба шоҳзода Ал-Валид аз хонадони Оли Сауд марбут аст, барои фурӯши саҳмияҳош вориди гуфтугӯ аст. Соле қабл маъмурияти "Тоҷиксодиротбонк" гуфта буд, ба ин ширкати Саудӣ 51 дарсад аз саҳмияҳошро мефурӯшад, аммо то ҳол ин додугирифт анҷом нашудааст. Аммо дар “Тоҷиксодиротбонк” мегӯянд, музокирот бо ин ширкат идома дорад.

Бонки Ҷаҳонӣ барои беҳбуди вазъи обрасонӣ ва таъмини сокинони Душанбе бо оби софи ошомиданӣ ба миқдори 30 миллион доллари амрикой кумаки билоиваз ҷудо кардааст.

Бонки Ҷаҳонӣ ба бахши обрасонии Душанбе $30 миллион дод

Дар ин бора сомонаи Бонки Ҷаҳонӣ рӯзи 5 июн хабар дод.

Дар хабари ин ниҳоди байналмилалии молӣ таъкид шудааст, бо васеъ шудани масоҳати шаҳр ва афзоиши сокинони он зарурати таъмини сокинон бо оби ошомиданӣ пеш омадааст.

Ҳоло дар шаҳри Душанбе 840 ҳазор нафар зиндагӣ карда ва интизор меравад дар соли 2040 аҳолӣ ва масоҳати пойтахти Тоҷикистон ду баробар афзоиш ёбад.

Ҳамчунин, дар чорчӯби ин барномаи Бонки Ҷаҳонӣ ба манзури пешгирӣ аз исроф шудани оби ошомиданӣ дар манзилҳои сокинон ҳисобкунакҳои об насб хоҳад шуд.

Бар асоси тадқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2017 ҳудуди 61 дарсади сокинони Душанбе ба таври доимӣ бо об таъмин буда, системи обрасонии пойтахт кӯҳнаву фарсуда шудааст.

Оқила:

Шаб то САҲАР болои сарамон ТИРБОРОН буд

Оқила Уроқова модари панҷ фарзанди ноболиғ буда, 8 сол дар давлатҳои ҷангзада, аз ҷумла Афғонистон, Эрону Покистон сарсону саргардон гаштааст. Аз рӯи нақли ин зан, давоми 8 сол зиндагии ӯ бемазмун ва саропо азобу уқубат буд.



Ӯ мегӯяд: -Ҳанӯз соли 2011 ҳамсарам занг зада, ба воситаи “дӯстонаш” ману ду духтарам-Сумая ва Фотимаро ба шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон бурд. Дар аввал барои мани деҳотӣ, ки ба умқи ҳар гапу кор ва гурӯҳҳои мухолифу ифродӣ намерафтам, ҳама рӯзам сайру саёҳатро мемонд. Вале дар асл намедонистам, ки ҳар рӯзи ман ва ҳар луқмаи нони ёфтаи шавҳарам-Хуҷамонов Муродҷон дар дасти душмони миллати мо будааст. Он вақт ақлам кор намекард, ки як соли дароз шавҳарам дасташро ба оби сард намезад, аммо обу нони мо таъмин буд. Ҳамон вақт кош мепурсидам, ки мардак, мо - 4 нафар хӯранда ҳама бекорем, ин хурдухӯрок аз куҷо? Кӣ инро дастрас мекунад? Чаро бемузд ба мо некӣ мекунанд?

Хуҷамонов кист?

Ба гуфти Лоиқшо Зикирзода, раиси Суди ноҳияи Спитамен Хуҷамонов Муродҷон Абдумуминович, сокини деҳаи Тағояки ноҳияи Спитамен, падари 5 нафар фарзанд ба ҳукми Суди ноҳияи Спитамен ба муддати 23 сол аз озодӣ маҳрум шуд. Номбурда барои пайвастан ба Иттиҳоди террористии “Ҳизби исломии Туркистон” (собиқ ҳаракати исломии Ӯзбекистон) ва минбаъд роҳбари ҷузъу томи таркибии иттиҳоди ҷиноятии террорристӣ ва экстремистии Ҷамоати “Ансоруллоҳ” шуданаш тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 маҳбасӣ шуд.

Номбурда тахминан моҳи ноябри соли 2015 дар ҳудуди Афғонистон мавзеи наздисарҳадӣ дастгир шуда, мақомоти давлатии Афғонистон барои мухолифи давлат буданаш ба зиндон маҳкум кардаанд. Сипас, ӯро соли 2018 ба Тоҷикистон истирдод кардаанд.

Сабабҳои ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнӯъ пайвастани шаҳрвандон гуногун аст. Аммо Хуҷамонов на танҳо худаш, балки оила ва фарзандонашро низ дар давлатҳои ҷангзада овора кард. Хуҷамонов кист? Чӣ кор мекард? Бо кадом роҳ ба ташкилотҳои террористӣ на танҳо пайваст, балки вазифаи “Амири оиладорон”-ро соҳиб шуд?

Хуҷамонов, сокини одии ноҳияи Спитамен ва пештар ронандаи таксӣ шуда кор мекард. Вале самти чанбараки мошини ӯ на сӯи роҳи рӯшан, балки сӯи роҳҳои пурхатари ба истилоҳ гурӯҳои ифродӣ тоб хурд. Дар давоми се моҳи аввали соли 2009 бо ҳамсинфаш Наҷмиддин Ҳошимов ва ҳамдеҳааш Муродҷон Қузибеков, ки аъзои фаъоли Иттиҳоди террористии “Ҳизби Исломии Ӯзбекистон” буданд, робитаи зич пайдо карда, ақидаи ифродии онҳоро ҷонибдорӣ ва супориши онҳоро бечунучаро иҷро мекард. Хуҷамонов, ки ронандаи таксӣ буд супориши аввалини “дӯстонаш” бо автомашинааш аз шоҳроҳи Хуҷанд-Душанбе кашонидани яке аз роҳбарони ҷузъу томи Иттиҳоди террористии “Ҳизби исломии Ӯзбекистон” Абдухолиқ Бобоев бо тахаллуси “Усто” буд.

Баҳона муҳоҷират ба Русия, аммо...

Чанд моҳ хизмати “хоҷагонаш”-ро иҷро карда, пурра аз ақидаҳои ботили онҳо дастгирӣ мекунад. Дар миёнаҳои соли 2009 мебинанд, ки дар ҳудуди вилояти Суғд фаъолияти кормандони ҳифзи ҳуқуқ пурзӯр гардида истодааст, барои ошкор нашудани мақсадҳои ғаразнокашон бо баҳонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба шаҳри Москва мераванд. Аммо бо даъвати ҳамдеҳагонаш Шакарбек Холбеков ва Шеркузӣ Абдуллоев барои зиёд кардани сафи иттиҳоди террористии “Ҳизби исломии Туркистон” се нафари дигари сокинони ноҳияи Спитаменро барои расидан ба ҳадафҳои ин Иттиҳод ҷалб карда, “байъат” намудаанд. Пас аз ин “байъат” кори ин тоифаи роҳгумзада аз ҷалби аҳли оилаи худ ба сафи ҳизби Иттиҳоди террористии “Ҳизби исломии Туркистон” оғоз мешавад, ки дар зер “қатрае аз баҳр”-и тақдири талхи ҳамсари Хуҷамоновро дарҷ шудааст.

Қариб беватану бе кафан мемурдем

Оқила, зане, ки чандин қатлу куштор ва худкушиҳоро бо чашми сар дида аст, нақлашро чунин давом дод:

-Шавҳарам пеш аз сафар ба давлати Эрон дар Русия буд. Фикр мекардам, ки барои зиндагии беҳтар ва ба даст овардани маоши бештар ба ин давлат сафар кардааст. Ҳатто, вақте ки моро ба наздаш даъват кард, шодӣ кардем, инро нишонаи вафодорӣ донистам. Ду духтари дигарам- Марям ва Ҳалима дар мулки ғарибӣ ба дунё омаданд. Шавҳарам моро соли 2011 ба Истанбул даъват кард. Ду ҳафта дар хонаи Абдуқодир ном тоҷик зиндагӣ кардем. Аз Истанбул ба Машҳад, аз Машҳад ба Зоҳидон рафтем. Бо таксиҳои фармоишӣ мо ба ҳар ҷое мерафтем, ахшоси гуногун пешвоз мегирифтанд.

Азобу машаққати зиёде дошем. Масалан, барои аз Покистон ба Мироншоҳ рафтан, 16 рӯз дар роҳ будем. Агарчӣ гоҳ-гоҳ истироҳати кӯтоҳ дошта бошем ҳам, аммо дурии роҳ ману фарзандонамро дилбазан карда буд.

Аз Мироншоҳ ба Вазиристон рафтем. Дар Вазиристон 4 сол зиндагӣ кардем. Бар замми бекор будан, боз ҳомиладор шуда, азоби дучанд мекашидам. Дар ғарибӣ духтари чорумам - Фотимаро таваллуд кардам. Пас аз дусолагии ӯ панҷум духтарам Марям таваллуд шуд. Ягон чиз ба озодӣ баробар шуда наметавонад. Дар Вазиристон мисоли маҳбусон танҳо дар хона будем ва бо вуҷуди садҳо ҳамватанонамон дар он ҷо иқомат доштанашон наметавонистем озодона ба ҷое равем. Аз пушти гумроҳшавии шавҳарам мо ҳам гумроҳ шудем. Қариб буд, ки дар мулки ғарибӣ бе ватану бе кафан мемурдем.

Касе таслим нашавад, мисли саг мепарронданд

Зан оид ба азобҳои дар Вазиристон кашидааш чунин нақл кард: -Ҳар гоҳ оянд, шаб то саҳар аз садои тиру туфанг бедор ва Худоро зора карда менишастем, ки ба кулбаи мо ҳам бомба напартоянд. Мо бояд мувофиқи “қоида” ба аскарони сиёҳпӯст таслим намешудем. Аммо онҳо мехостанд тамоми таҳҷоиҳоро асири худ кунанд. Як шаб хоб будем, ки “пақ-пақ” парронидани тир аз пушти тирезаамон баланд шуд. Духтарам Фотима бедор шуду ба гиря даромад. Аз рости тиреза ба кунҷи девор чор духтарамро гирифта, рӯямро тарафи девор кардам, гӯё ин кор бароям василаи раҳоӣ аз чанги душман буд. Ҳамагӣ 10 дақиқа пас садои тир аз ошёнаи дуюм баланд шуд. Пеш аз садо навҳаи зани тоҷик шунида шуд. Баъди оромии тӯлонӣ баромада дидем, ки шавҳари он занро парронданд ва худи зан дар ҳоли “шок” дар сари ҷисми бечони шавҳараш нишаст мегирист.

Пас аз дидани ин ҳодиса тарсу ваҳм маро фаро гирифт. Давоми чор соли иқомат дар Вазиристон бори аввал дидам, ки ҳамватани моро мисли саг парронда рафтанд. Камтар пас аз ин ҳодиса ҳукумати Вазиристон эълон кард, ки ҳар касе ки ихтиёрӣ ин маконро тарк накунад, маҷбурем иҷборӣ бихезонем ва ё бомбаборон кунем. Ҷонамон ширинӣ карду бору колои худро ҷамъ карда, ба Афғонистон омадем. Вақте моро аз Покистон ҳам ронданд, шавҳарам бо касе телефонӣ гуфтугӯ карду мо ба вилояти Бадахшони Афғонистон омадем. Чанд муддат дар он ҷо истодем ва боз ба вилояти Файзобод омадем. Ҳамроҳ бо мо ду оилаи дигар, ки яке аз шаҳри Истаравшан дигаре аз ноҳияи Спитамен буданд. Дар Афғонистон низ оромию осудагиро орзу мекардем. Аскарон одаме, ки асир намешуд, мисли саг қир мекарданд. Як зани тоҷик ба фикрам аз шаҳри Исфара буд. Зан соҳиби се писар буд. Вақте аскарон ӯро ҷустуҷӯ мекарданд, маро маҷбур карданд, ки кулбаи ӯро нишон диҳам. Вақте рафтем он зан пофишорӣ кард, ки таслим намешавад. Барои таслим нашудан писараш Билолро сӯи мо тела дод ва бо ду писар худро тарконд.

Симкортҳои яккаратаро шикаста мепартофтанд

Зимни суҳбат ин зани аз нооромиҳои ба сарашомада озурдагашта мегуфт: -Ман танҳо ҷони фарзандонамро фикр мекардам ва намедонистам, ки аз куҷо ба куҷо рафта истодаем. Мақсади тез-тез ҷои будубошамонро иваз кардан дар чист? Ҳамин қадарашро медонам, ки пас аз як соли ба Афғонистон рафтанамон шавҳарам маҳбас шуд ва муддати 16 сол ҳукм гирифт. Мо ва мисли мо дигар занҳои танҳоро дар ҳамон маҳалла (номашро дар ёд надорад) Абӯбакр ном толиб моро нигоҳубин мекард. Ғизо меовард ва дар як моҳ як бор иҷозаи телефонӣ бо наздиконамон гап заданро медод.

Дар ин лаҳзаи суҳбат пусидам, ки дар муддат ва мавзуи суҳбат бо наздиконатон дар ихтиёри шумо буд ё Абӯбакр? Оё шуд ҳолате, ки мехостед ба наздиконатон вазъиятро фаҳмонед, аммо Абӯбакар монеъ шудааст?

Зан дар посух ба ин суол гуфт: - Дар ҷое ки мо зиндагӣ мекардем, мавҷ набуд. Бо Тоҷикистон гап зада намешуд. Қариб 2 километр пиёда рафта, сари як баландӣ мебаромадем ва баъди рақамро чидан Абӯбакр дар болои сарамон меистод. Ҳамин ки гап зада шавем, симкортро шикаста нобуд мекард. Ҳақ надоштем ғайр аз саломатӣ пурсидану аз саломатӣ гап задан, чизи дигаре гӯем. Се соле, ки шавҳарам дар зиндони Афғонистон буд, ман аз аҳли оилаи худу шавҳарам инро паноҳ доштам. Метарсидам, ки рӯзи сиёҳамон бадтар нашавад. Аз тамоми рақамҳои телефонӣ танҳо рақамҳои телефони падарам дар ёдам монда будааст. Моҳи декабри соли 2018 занг зада, ҳолатамро гуфтам ва мадад хостам.

Падар чӣ мегӯяд?

-Бобурҷон Уроқов, падари Оқила:- Шукри удо чор фарзанд дорам. Оқила фарзанди калонии мо аст. Ҳар гоҳ духтарам бо рақами Афғонистон, ки бо +93 занг мезад, мо шод мешудем, ки хайрият ба Душанбе омадааст. Ӯ чунон кам гап мезад, ки имкони дар куҷо буданаш бо чӣ корҳо машғул гаштанашро пурсидан намешуд. Ҳар гоҳ бо ҳар рақаме, ки занг мезад, қайд мекардем. Азбаски ҳар навгоне, ки шавад ба мақомоти амнияти ноҳияи хабар медодем, ҳамаи ин рақамҳои бо рӯзу вақти зангзадааш дастрас кардем. Вақте моҳи январ занг зада “ягон илоҷ карда, маро омада баред” гуфт ба мақомот ин масъаларо фаҳмондам. Аз ҷониби ҳукумати ноҳия аз ҷиҳати моддӣ ёрдам шуд, аз ҷониби кормандони мақомоти дахлдор ҳам чиҳати рафтуо ва ҳам ҳуҷҷатгузорӣ. Чанд рӯз дар шаҳри Душанбе будем ва виза тайёр кардем. Баъд бо мадади кормандони бехатарӣ ба вилояти Бадахшони кишвари Афғонистон рафтем. Абӯбакр омадани моро хабардор шуда, 6 рӯз духтару набераҳоямро пинҳон кард. Пас аз шаш рӯзи оворагиям онҳоро ба дастам супурд.

Ҳоло Оқила бо 5 духтараш бо хушдомани бемор дар як кулбаи назарногир зиндагӣ доранд. Бар замми мушкили 23 сол аз озодӣ маҳрум будани шавҳар, ду духтари дар хориҷ таваллудшудаи ӯ шаҳодатномаи таваллуд надоранд. Бо ҷабри падар ва гумроҳии модар нахустфарзандашон дар дасти бобою бибӣ 8 сол аз меҳр ва тарбияи волидон марҳум монд. Ду духтаре, ки соли 2011 ҳамроҳ бо худ бурда буд, бояд дар синфи 5-6 мехонданд, аммо аз таҳсил дур монданд. Имрӯз Оқила талош дорад, ки мушкилоти зикршуда ҳалли худро ёбанд ва фарзандонаш таълим гиранд, аз нодонӣ дар оянда хатои кардаи падару модарашонуроро такрор накунанд.

Фарзона МУРОДӢ,
Хуҷанд-Спитамен-Хуҷанд

«ДОРУЛАХЛОҚ»

дарди Авғоновро даво мебахшад

...Вақте ки кас ба коре одат кард, тарки одат амри маҳол аст ва ин ба беморӣ табдил меёбад.



Фарз кардем, агар ба фурӯхтани моликияти дигарон ва ё моликияти давлат одат кунӣ, дигар ин корро ҳаргиз тарк кардан намехоҳӣ. Барои ин кирдори Холмурод Авғонов мисол шуда метавонад. Холмурод,ки қаблан борҳо курсии судро дида буд ва бо қарори суд бу ду модда (247 қисми 4 банди «б», 338 қисми 2, 338 қисми 2 банди «б» ва 338 қисми 2 бандҳои «а,б») маҳкум ҳам шудааст, аз ягон қонуншиканӣ рӯй наметофт. Махсусан он қонуншикание, ки даромади калон орад."Фаъолияти" ин марди "фаъол" бештар дар фурӯхтани заминҳои давлатӣ барои сохтмони хонаи истиқоматӣ зоҳир мегардид. Холмурод дар ҳамзабонӣ бо Амонулло Иззатов, ки якҷоя "собиқаи" калони чунин фаъолиятро доштанд, бо маслиҳати пешакӣ ба фурӯхтани заминҳои саноатии ҶСНК "Маркази истеҳсоли барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе"сар карданд. Гӯё ин заминҳои меросӣ аз бобояшон монда бошад, онҳо ба Андалебов Маҳмадулло , Исматов Шамшод, Нарзуллоев Мансур ва боз чандин нафари дигар қитъаи замини наздиҳавлигӣ чудо намуданд. Ба ивази ин "раҳмхӯрӣ" Авғонов ва Иззатов якҷоя аз чунин шаҳрвандон маблағи калон ва мошинҳои сабукрав "идпулӣ" мегирифтанд. Масалан, Андалебов барои гирифтани 0,04 га замини наздиҳавлигӣ ба Авғонов 13,500 доллари ИМА додааст. Соли 2013 бошад, бар ивази 4000 (чор ҳазор) доллари ИМА ва як адад автомашинаи тамғаи "Мерседес-Бенс", ки арзишаш 6000 доллари ИМА-ро ташкил медодааст, чудо карда медиҳад.Чунин "доданҳо" дар ҳаҷми гуногун аз ҷониби шаҳрвандони ниёз ба заминдошта чандин бор дар давоми ин солҳо идома ёфтааст, ки ҳар кадоме ҳолат дар алоҳидагӣ дар мурофиаи судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт,ки шарҳи онҳо дар ҳаҷми як мақола намеғунҷад. Ҳамчунин, дар рафти мурофиаи судӣ муайян карда шуд, аксари онҳое, ки ба доми Авғонов афтидаанд, гӯё аз надонистани қонунҳо ба ӯ ва шарикаш маблағ дода бошанд. Аммо маълум, ки надонистани қонун касеро аз ҷавобгарӣ озод намекунад ва худи онҳо инро хуб медонанад, ки замин моликияти истисноии давлат аст ва танҳо сохторҳои салоҳиятдор метавонанд ба шаҳрвандон замин чудо кунанд.

...Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 11 апрели соли равон ҳар як саҳифаи "фаъолияти" Холмурод Авғоновро варақ зада, ба хулосае омад,ки минбаъд ӯ бояд 6 солро паси панҷараи дорулахлоқ сипарӣ намояд ва ҳамчунин ба миқдори 1460 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, баробар ба 73000 сомонӣ ба хазинаи давлат супорад. Подоши амале,ки моли худу бегонаро фарқ намекунад, ҳамин аст.

Ф.Ҳ.ВОҲИДОВА,
ёрдамчии калони прокуратураи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ҳуқуқшиноси дараҷаи 1
А.ҲОҶӢ,
рӯзноманигор

Номи ПАРВИЗ

дар васиятнома нест...

Парвиз пас аз марги падар бисёр мехост соҳиби мероси ӯ гардад, вале пеши роҳи ӯ як мушкилӣ вуҷуд дошт. Ин ҳам бошад, ба писари дигараш Артём васият кардани ҳамаи мулки падар буд.



Ҳарчанд бародари ӯ Артём ва модарандараш Раиса розӣ буданд, ки яке аз хонаҳои аз падар мондаро ба ӯ тақдим кунанд, аммо ӯ розӣ набуд. Мехост,ки ҳар чӣ аз падараш мондааст, онро соҳибӣ кунад. Барои ба ҳадаф расидан аввал Парвиз Хубоншоев даъво кард,ки Артём аз падари ӯ , яъне Юрий Хубоншоев нест ва маълум нест,ки аз кучо омадааст. Дар ин бора андешаҳои худро ҳатто дар ҳафтаномаи мазкур зери сарлавҳаи "Писари қалбакӣ" ба нашр расонд. Аммо дар рафти мурофиаи судӣ,ки дар Суди ноҳияи Синои ш. Душанбе баргузор гардид, маълум шуд, ки ин далели ӯ нодуруст аст ва Артём Юревич Хубоншоев фарзанди падари вай буда, дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Ҳамчунин, даъвои Парвиз Хубоншоев оид ба он,ки варақаи меросхати падараш қалбакӣ аст ва онро зери шубҳа қарор медиҳад, исботи худро наёфт. Зеро Юрий Хубоншоев, ки асосан дар шаҳри Маскави Русия мезист, борҳо ба зодгоҳаш-Бадахшон омадааст ва дар ин ҷо васиятномаи охирини худро навишта, қонунӣ кардааст,ки дар он номи Парвиз ва зану боз як фарзанди дигараш, ки дар Амрико зиндагӣ мекунад, мавҷуд нест. Зеро ӯ ҳамаи молу мулки худро танҳо ба Артём додан мехост. Чаро чунин кардааст, танҳо худаш медонист ва ин ҳуқуқи қонунии вай аст,ки бо моликияти худ чӣ гуна муносибат мекунад. Аз ин рӯ, дар вақти баровардани ҳалнома бо даъвои Парвиз Хубоншоев дар мавриди ғайриқонунӣ хондани васиятномаи Юрий Хубоншоев суд ҳамаи паҳлуҳои парванда, нишондоди шоҳидон ва баррасии хуҷҷатҳои мавҷударо баррасӣ намуда, ба хулосае омад,ки даъвои ӯ дар мавриди вориси ношоиста донистани Артём ва модари ӯ, ҳамчунин аз мероси падар маҳрум намудани онҳо рад карда шавад. Ҳол он ки ин даъвои Парвиз дар мавриди меросбар будани Раиса Хубоншоева-модари Артём комилан ғалат аст ва номи ӯ дар васиятнома нест. Чун даъвоҳои Хубоншоев дар мурофиаи кушоди судӣ, тасдиқи худро наёфтанд, Парвиз бояд гила аз худ кунад,ки чаро падараш на ӯро ва на каси дигарро, балки маҳз Артёмро меросхӯри худ таъин намудааст.

А. АЗИМЗОДА,
вакили мудофеъ

ҶИНОЯТ ТАРИҚИ ВАТСАП

...Саидумар ҳеҷ гумон надошт, ки 100 доллар ӯро ба муддати се сол ба паси панҷара мебарад. Вақте ки С. Миров ном ҳамдеҳааш бо супориши Сафаров, ки аз Қазоқистон истода фармон медод ва ӯ ба ин кор розӣ шуд, чунин андеша дар гӯшаи хаёлаш ҳам набуд.

"Кор" иборат аз он буд, ки онҳо якчоя бо Миров ва Холов ном ҳамдеҳаашон бояд шаҳрванд Ашуров Абдуллоро маҷбур мекарданд, ки аз нишондодҳои қаблиаш дар мавриди он, ки дар ҷинояти сӯхтори мағоза ва анбори соҳибкор Ф. Алиев дар Алма-Ато даст кашад. Ашуров бояд дар навори видеоӣ мегуфт, ки Сафаров ва ҳамроҳонаш дар ин ҷиноят даст надоранд. Ба ивази ин "хизмат" Сафаров ба саркардаи онҳо Миров 1000 доллар ва дар навбати худ Миров ба зердастонаш сад долларӣ пул дод. Онҳо шабона Абдулло Ашуровро аз деҳаи Чагами ноҳияи Рудакӣ пайдо карда, 20 январи соли 2018 ӯро зӯран ба мошин мешинонанд ва ба заминҳои атрофи бозор бурда, маҷбур мекунанд, ки ӯ "беайб" будани Сафаров ва шариконашро дар муроҷиати видеоӣ тасдиқ кунад. Чун Холову Нуров аз қувваи зӯрӣ истифода бурдан хостанд, Ашуров маҷбуран ҳар чӣ онҳо гуфтанд, такрор намуд. Аммо ин муроҷиати видеоии Ашуров, ки ба Қазоқистон фиристода шуд, ба саркардаашон Сафаров маъқул нашуд. Бинобар ин, 25 ҳамон моҳ онҳо боз Ашуровро маҷбуран ба мошини "Мерседес"-и Миров савор карда, ба мавзеи теппаҳои атрофи деҳаи Чагам бурданд ва ӯ ин дафъа маҷбур шуд,ки нисбати соҳибкори тоҷик Алиев дурӯғ гуяд Ӯ зери мушта лагади Нуров ва Холову Миров "икрор" шуд, ки дар ҷинояти сӯхтори Алма - Ато Сафарову шариконаш гунаҳгор нестанд ва Алиев бо ваъдаи 10 ҳазор доллар ва пайдо кардани ҷои кор дар Хитой ин корро аз ӯ талаб кардааст. Миров ин "худикрории " такрории Ашуровро ба Сафаров ба воситаи ВАТСАП фиристода, аз ӯ боз ба миқдори 500 доллари дигар мукофот гирифт. Минбаъд Ашуров ба органҳо ҳифзи ҳуқуқ дар ин бора муроҷиат намуд ва ҷиноятқорон дастгир шуда, ба ҷазои аъмолашон расиданд, ба ҷуз Нуров... Вале инак, Саидумар Нуров ҳам дар курсии ҷиноятқорон нишастааст ва барои амали зиддиқонунии худ ҷавоб мегӯяд...

Бо қарори Суди ноҳияи шаҳри Душанбе Саидумар Нуров,ки бо ду моддаи Кодекси ҷиноятӣ гунаҳгор дониста мешавад, минбаъд се соли умри худро дар паси панҷара мегузаронад.

Ш. НАРЗУЛЛОЗОДА,
судяи Суди шаҳрии ш. Душанбе

РАВЗАНАИ ФАРДО

Аниса Манонова 13-уми ноябри соли 1998 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна бо сабабҳои мухталиф наметавонад таҳсилашро идома дихад. Аз хурдӣ ба шеъру адаб шавқи беандоза дорад ва ашъори шоирони классик ва муосирро мутолиа мекунад. Ин меҳру алоқа аст, ки худаш ҳам шеър менависад. Намунаи эҷодиёти ӯро пешкаши шумо мекунем.

Хаста шудам

Ба Худо аз худу аз кулли ҷаҳон хаста шудам,
Зи фазои ғаму андӯҳи замон хаста шудам.

Дили бечораи ман сангиву фулодӣ набуд,
Зи ҳама дарди дилу кандани ҷон хаста шудам.

Ман аз ойини ҷафо, расми хато безорам,
Дигар аз ойинаи дарднишон хаста шудам.

Чӣ бало тақдири баргаштаву даврони хазин,
Зи қазову зи ҷазову зи зиён хаста шудам.

Ситами ишқу аламҳои дилам ашк шуданд,
Бирав, эй ғуссабиёр, аз ту чӣ сон хаста шудам.

Ту надонӣ, ки чӣ ранг аст хатар мурдани дил,
Дигар аз мотаму андӯҳи гарон хаста шудам.

Барои беҳтарин дӯсту ҳамрозам...

Магу, ки дер шуд тайёраи бахту накуӣ рафт,
Худое ҳаст, азизе ҳаст, дуое ҳаст.
Ба роҳи қисмати бераҳму ранҷи беш,
Ба бовар бош, як мушкилкушое ҳаст.

Агарчи гаштаи қурбони ин тақдир,
Худоям чораву тадбир месозад.
Зи ашки бегуноҳии ту аз ин пас,
Ҳазорон абрро занҷир месозад.

Дар ин зиндони ҳастӣ дод бояд гуфт,
Фақат озодиву девонагӣ бояд.
Чу ту олиҳаи зебои ин дунё,
Дар ин ғурбатсаро фарзонагӣ бояд.

Ману ту дардҳои муштарак дорем,
На, балки ғуссахои кулли ин дунё.
Бароям хӯрдани ғамҳои ту қарз аст.
Бароям менамоӣ равзани фардо.



***

Дар қалби ту бар ман, ки набуд ҷой, намонам,
Аз шаҳри ту бори ғаму ҳасрат бикашонам.

Абри сияҳе, дар ғами худ сахт бигиряд,
Ман ҳам зи ғамат ашки зиёде бифишонам.

Ованву саргашта ба ҳар гӯшаи тақдир,
Ахбори дили хастаи худро бирасонам.

Дар вазну кавофиву дар ин даҳр нағунҷад,
Ғамнома, аламномаи андуҳи гаронам.

Ин соати дил пораву бишкаста ба девор,
Ман аз паси ҳар сонияи умр давонам.

Чархи фалаке давр занад ғусса биёрад,
Ман қасд аз ин хомаи бечора ситонам.

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ

Иди истиқлол ҷашни миллати озоди ман,
Файзи истиқлол дорад хонаи ободи ман.
Рамзи истиқлол боғу гулшану бунёди ман,
Набзи истиқлол савту созу қалби шоди ман.

Ҷашни бузурги миллат бошад мароми ҳастӣ,
Дарки мақоми инсон, авҷи дароздастӣ.
Бигзашт рӯзи сахтӣ бо ҳар фарозу пастӣ,
Шукри замону ҳастӣ, шукри ватанпарастӣ.

Иди истиқлол дод имкони инсонӣ ба мо,
Резад аз ҳар ошёне файзи найсонӣ ба мо.
Дод истиқлолият серию арзонӣ ба мо,
Дӯстони меҳрубону ҳамдами ҷонӣ ба мо.

Ҷашни бузурги миллат бошад мароми ҳастӣ,
Дарки мақоми инсон, авҷи дароздастӣ.
Бигзашт рӯзи сахтӣ бо ҳар фарозу пастӣ,
Шукри замону ҳастӣ, шукри ватанпарастӣ.

Боварӣ бар кас умеди ҷовидонӣ додааст,
Аз ҳама беҳтар ба мо амну амонӣ додааст.
Ҳосил истиқлолият рафъи гаронӣ додааст,
Бин, Ниҳонӣ, ҳар киро даври ҷавонӣ додааст.

Ҷашни бузурги миллат бошад мароми ҳастӣ,
Дарки мақоми инсон, авҷи дароздастӣ.
Бигзашт рӯзи сахтӣ бо ҳар фарозу пастӣ,
Шукри замону ҳастӣ, шукри ватанпарастӣ.

НИҲОНӢ

«Килки сабз» - озмуни шеър барои ҷавонон



Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бахшида ба Рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таҳти унвони «Килки сабз» озмуни шеър эълон мекунад.

Дар он наврасон ва ҷавонони қаламкаши то 35 - сола метавонанд иштирок кунанд. Ҳадаф аз баргузории ин озмун дастгирии эҷодкорон, дарёфти истеъдодҳои нав, тарғиби эҷодиёти асил ва инъикоси дастовардҳои адабии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Шеърхое, ки пешниҳод мешаванд, аз назари вазн, қофия, мазмун, мундариҷа ва шеърият мавриди баррасии ҳакамон қарор мегиранд.

Онҳое, ки мехоҳанд дар озмун ширкат варзанд, се шеър, мухтасари тарҷумаи ҳол ва аксашонро ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» пешниҳод намоянд.

Ғолибони озмунро дипломи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ва мукофоти пулӣ дар ҳаҷми зерин интизор аст:

ҶОЙИ АВВАЛ - 3 000 СОМОНӢ;
ҶОЙИ ДУВУМ - 2 000 СОМОНӢ;
ҶОЙИ СЕЮМ - 1000 СОМОНӢ.

Беҳтарин шеърҳое, ки барои озмуни «Килки сабз» пешниҳод мегарданд, дар шакли китоб чоп мешаванд. Ҳамчунин, ҳама шеърҳои пешниҳодшуда дар гӯшаи махсуси сомонаи «Tajikistantimes» чоп мешаванд.

Муҳлати қабули шеърҳо аз 10 май то 10 августи соли 2019.

Озмун дар арафаи ҷашни 28 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Суроғаи мо: ш. Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ 16, ошёнаи 11. **E-mail:** tojikiston@pressa.tj

ТАЪРИХИ ВОДИИ ЯХСУ

ва шарҳу тафсири вожаи «ЯХСУ» дар адабиёти миллӣ

Вақтҳои охир атрофи номҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо) ва номҳои қадимаи таърихию ҷуғрофии кишвар тавассути васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҷамъомаду нишастҳо андешаҳои баҳсангези аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва пояи илмӣ ба ҳам мухталиф мушоҳида мешаванд.



Дарёи "Яхсу" дар водии Вахш

Барҳе аз баҳскунандагон топонимҳое, ки маънояш бароятшон нофаҳмо аст, моли забони бегона дониста, даъвои тағйир ва ё иваз намудани онро мекунанд. Дар асл топонимҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои омӯзиши таърихи куҳани миллату кишваранд. Имрӯз дар ҳудуди ҷумҳурии мо теъдоди чунин номҳои таърихӣ кам нестанд ва бештари онҳо асосан реша аз забонҳои суғдию бохтарӣ доранд, аз таърихи кӯҳан ва тарзи ҳаёти сокинони қадимаи ориёитабори ин макону манзил шаҳодат медиҳанд. Топонимҳои таърихӣ бештар дар манотиқи кӯҳӣ дар шакли номи деҳаҳо, дарёҳо, водию воҳаҳо, кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо ва амсоли онҳо боқӣ мондаанд.

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо теъдоди дарёю рӯдҳои хурду калон ва захираи обӣ дар миёни кишварҳои ҷаҳон яке аз мавқеъҳои аввалро соҳиб мебошад. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 25 ҳазор дарёи хурду бузург мавҷуд аст, ки дарозии онҳо дар маҷмӯъ 69,2 ҳазор километрро ташкил медиҳад. Аз ин 947 дарё бо дарозии аз 10 то 100 км, 16 бо дарозии аз 100 то 500 км ва 4 рӯди бузург, ки тӯлаш зиёда аз 500 км аст, ҷорӣ мебошанд («Реки и озера Таджикистана». Душанбе, 2003, саҳ. 2). Шумораи зиёди ин дарёҳо ва шохобу шохобчаҳои онҳо то ҳол номҳои куҳнаи худро нигоҳ доштаанд.

Яке аз дарёҳои дохилии кишвар Яхсу аст, ки дар ҳудуди вилояти Хатлон мавқеъ дошта, шохоби чапи дарёи Сурхоби Панҷ мебошад. Тӯли ин дарё 160 км ва масоҳати ҳавзааш 2710 км мураббаъро ташкил медиҳад (ЭСТ. ҷ. 8. Душанбе, 1988, саҳ. 239). Дарёи Яхсу аз нишебиҳои шимолу ғарбии қаторкӯҳи Ҳазрати Шоҳ бо номи Мучнакиён сар шуда, дар ҷанубу ғарбтари маркази ноҳияи Восеъ ба Сурхоб мерезад. Яхсу дорои ду шохоби нисбатан калонтар Обисурх ва Кӯлобдарё аст, манбаи асосиаш барфу борон ва оби чашмаҳост.

Ҳавзаи дарёи Яхсу бештар бо номи Водии Яхсу маълум аст ва ҳанӯз аз замонҳои қадим макони сукунати одамон будааст. Маълумоти навтарини бостоншиносии солҳои 2010-2015 аз ҳафриёти Сариҷари ноҳияи Ховалинг бадастомада низ гувоҳӣ медиҳанд, ки раванди сокиншавии одамон дар ин минтақа дар тамоми давраи гузариш аз аҳди биринҷ ба асри оҳан идома доштааст. Ҳафриёти дар поёноби Яхсу бозёфтшуда, ки ба ҳамин давраи охири асри биринҷ ва аввали асри оҳан тааллуқ доранд, низ ба ин далолат мекунанд (Т. Худжагелдиев. Древнее поселение Сариджар в Ховалингском районе). Бозёфтҳои дигари бостоншиносӣ, бавижа бошишгоҳҳои Хонақо ва Шуғнов (болооби Яхсу), ки ҳамчун осори давраи полеолит маълуманд, низ ишора ба таърихи хеле қадимаи ин водӣ мекунанд (ИТН. Т.1.Древнейшая и древняя история. Душанбе, 1998, саҳ. 48, 84, 113). Ҳамзамон ҳавзаи дарёҳои Яхсу, Сурхоб, Вахш, Тоҳирсу, водии Ёвон минтақаҳои асосии паҳншавии маданияти неолитии Ҳисор мебошанд ва дар ин росто бо зёфти бошишгоҳҳои соҳили рости дарёи Яхсу мақоми муассиртар доранд (Бобомуллоев С. История изучения археологических памятников Южного Таджикистана. Д., 2010, саҳ.147; Окладников А. Исследование памятников каменного века Северного и Южного Таджикистана в 1959 г.// АРТ,1961, саҳ.14-15). Доир ба маданияти рушдёфтаи неолитӣ бозёфтҳои бостоншиносии атрофи шаҳри Кӯлоб низ гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамин тавр омӯзиши археологии минтақа ошкор намуд, ки дар ҳавзаи дарёи Яхсу осори зиёди давраи палеолит, дар миёноб ва поёноби он осори давраи неолит, бошишгоҳҳо ва осори аҳди биринҷ, ёдгориҳои маданияти давраи Ҳаҳоманишиҳо, Юнону Бохтар, Кушониён ва ибтидои асрҳои миёна ниҳон мебошанд. Водӣ яке аз минтақаҳои асосии Хутали Бохтари қадим маҳсуб ёфта, дорои шаҳрҳо ва рустоҳои зиёд буд. Аз ҷумла, тибқи маводи бостоншиносӣ шаҳри Кӯлоб дар давраи давлати Юнону Бохтар 3 км аз мавқеи имрӯзааш дуртар дар соҳили рости дарёи Яхсу ҷойгир будааст (Якубов Ю., Довуди Д., Филлимонова Т. История Куляба с древнейших времен до наших дней. Д., 2006).

Доир ба таърихи водии Яхсу ва умуман Хутали қадима сарчашмаҳои хаттии аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёна низ маълумоти фаровон медиҳанд. Муҳаққиқи машҳури шӯравӣ, бостоншиноси шинохта А. М. Беленитский ҳанӯз соли 1950 дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маъхазҳои гуногуни аҳди бостон, бавижа осори хаттии юнонию румӣ ва чиноӣ, маъхазҳои хаттии тоисломии маҳаллӣ ҳудуди ҷуғрофии Хутал, шаҳрҳову рустоҳои бузурги онро муайян намуда буд (Беленитский А.М. Историко-географический очерк Хуталя с древнейших времен до X в.н.э. Душанбе, 2004). Ин маъхазҳо доир ба таърихи қадимаи Хутал, муборизаи мардуми он ба муқобили аҷнабиён, пеш аз ҳама, юнону мақдуниҳо хабар медиҳанд. Истахрӣ, муаллифи «Масолик ва мамолик», ки солҳои 930-933 таълиф шудааст, доир ба Хутал ва шаҳрҳои он менависад, ки Хутал дар байни ду дарё Ҷарёб (Панҷ) ва Вахшоб (Вахш) ҷойгир аст. Истахрӣ ҳудуди амиқи Хуталро нишон надиҳад ҳам, таъкид ба он менамояд, ки дар ин минтақа ғайр аз Панҷ (Ҷарёб) панҷ дарёи дигар ҷоранд. Наздиктарини онҳо ба Панҷ дарёи Бахшу буда, баъдан Борбан, Порғар ва Андиҷороғ ва панҷум Вахш мебошад. Чор дарёи аввал болотар аз гузаргоҳи Орхан ба Панҷ рехта, дар якҷоягӣ каме болотар аз Қубодиён бо Вахш мепайванданд (Беленитский А.М. Историко-географический очерк Хуталя, саҳ. 33). Истахрӣ инчунин дар бораи шаҳрҳои асосии Хутал, аз ҷумла, Мунк, Тамлиёт, Порғар, Корбанҷ, Андишороғ, Рустокбек ва Сикандар низ хабар медиҳад (Беленитский А.М. Асари зикршуда).

Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» дар баробари Вахш ва Панҷ аз дарёи дигаре ёдовар мешавад, вале номи онро намеорад: «Ва дигар рӯдест аз сӯи Буттамон ба шаст фарсанг биравад, аз кӯҳҳои вай, ки аз ноҳияти шимол ба ҷануб дорад, то ба Мунк ва Ҳулбук расад ва чун ба Порғар расад, андар Ҷайхун афтад» («Ҳудуд-ул-олам». Душанбе, 2014, саҳ. 27). Ба ақидаи А.М. Беленитский муаллиф ин ҷо дарёии Яхсуро дар назар дорад, ки онро Истахрӣ Бахшу номидааст.

В. Ф. Минорский дар ҳавошии худ ба «Ҳудуд-ул-олам» менависад: «Рӯди Кӯлоб (Кичи Сурхоб) ду шоха дорад: Яхсу (Ахшувои эронӣ), ручӯъ кунед ба Истахрӣ (с.296- Ахшуво) ва Қизилсу» («Ҳудуд-ул-олам», саҳ. 201). Академик В.В. Бартолд ҳангоми шарҳи вожаи «Тохаристон» дар такя ба маъхазҳои хаттӣ менависад, ки ин мафҳум ба маънои фарохтар истифода мешуд ва вилоятҳои ду тарафи Амударёро дар бар мегирифт. Дар тарафи рости Ому байни Панҷу Вахш бо истифода аз маълумоти Истахрӣ В. Бартолд низ ҷойгир будани чор дарёро тасдиқ мекунад, ки наздиктарини онҳо ба Панҷ (Ҷарёб) Ахшу (Аксу?) мебошад. Ахшу аз наздикии Ҳулбук мегузарад ва сипас Борбан, Порғар ва Андиҷороғ. Ба ақидаи В. Бартолд зери номи Ахшу ва Борбан Кӯлобдарёро мефаҳмиданд, Порғар ин Кчи-Сурхоб буда, Андиҷороғ Тоҳирсу мебошад (Бартолд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия// Соч. Т.1.М.,1963, саҳ. 118-119). Аммо дар ҷойи дигар академик В.Бартолд таъкид менамояд, ки асосан Ахшу, Борбан ва Болбан, ки шояд он Талбор хонда шавад, дар асл ҳамон Кӯлобдарё мебошад (Бартольд В.В. Аму-дарья. // Соч. Т. III. М., 1965, саҳ. 319).

Маълумоти бештарро доир ба манотиқи кӯҳистони ҷумҳурӣ ва аз ҷумла водии Яхсу мо аз таълифоти муҳаққиқон ва саёҳатчиёну муаллифони нимаи дувуми асри XIX- ибтидои асри XX пайдо карда метавонем. Чӣ тавре маълум аст, нимаи дувуми асри XIX- ибтидои асри XX пас аз истилои Осиёи Миёна таваҷҷуҳи олимони риштаҳои гуногуни илм, пеш аз ҳама муҳаққиқони рус ба минтақа бештар гардида, доир ба таърих, ҷуғрофиё, этнография ва захираҳои табиии он асару таълифоти зиёди арзишманде рӯи чоп омад. Маҳз дар ҳамин давра, аниқтараш чоряки охири асри XIX аввалин маълумоти илмии таърихӣ-ҷуғрофӣ оид ба манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон ба чоп мерасанд. Аз ҷумла, тибқи навиштаҳои муҳаққиқони рус (Г. А. Арандаренко, П.Е. Косяков, Р. Ю. Рожевитс) шаҳри Кӯлоб дар тарафи чапи дарёи Яхсу ҷойгир будааст (Г. А. Арандаренко. Досуги в Туркестане 1874-1889 гг. СПб., 1889, саҳ.429; П.Е. Косяков. По Каратегину и Дарвазу в 1882г. (Путевые заметки). Изв. РГО. Т.20. Вып. 6, 1884, саҳ. 602; Р. Ю. Рожевиц. Поездка в южную и Среднюю Бухару в 1906 г. Изв. РГО. Т.44. Вып. 9. 1908, саҳ. 619).

Д. Н. Логофет, ки охири асри XIX- ибтидои асри XX аз мулкҳои марзии Бухорову Афғонистон дидан намудааст, менависад, ки аз рӯдҳои Амударё Панҷ, Вахш, Кчи-Сурхоб, Кӯлобдарё, Яхсу ва дигар аз замонҳои қадим тилло мегирифтанд. Ҳангоми сафари ӯ аз дарёи Яхсу муҳандиси рус Жоравко-Покорский ба чустуҷӯи тилло машғул буд (Логофет Д.Н. На границах Средней Азии. Путевые очерки в 3-х книгах. Кнг. 3. Бухарско-Афганская граница. СПб., 1909, саҳ. 151-152).

Доир ба водии Яхсу ва сокинони он муҳаққиқи дигари рус А.А. Бобринской дар ду асараш «Кӯҳистониёни болооби Панҷ» ва «Нақшу нигори тоҷикони кӯҳистони Дарвоз» низ муфассалтар маълумот медиҳад. Тибқи навиштаҳои ӯ яке аз роҳҳои асосии пайвасткунандаи мулки Дарвоз бо минтақаҳои ҳамворӣ маҳз тавассути водии Яхсу мегузашт. Дар саргаҳи ин водӣ, он ҷое ки ҳудуди Дарвоз оғоз меёбад, ағбаи на он қадар баланде мавҷуд аст, ки аз он ду роҳ яке ба водии Хингоб ва дигаре ба дараи Панҷ, ба маркази он Қалъаи Хумб мебарад.


(Давом дорад)

Нуриддин САИД,
доктори илмҳои фалсафа,
профессор
Насрулло УБАЙДУЛЛО,
доктори илмҳои таърих,
профессор

Сад ПОРА-ПОРА карданд санги

Суҳбат бо дӯсти Аҳмад Зоҳир

40 сол муқаддам, 14 июни соли 1979 ситораи бузургу беҳамтои санъати Шарқ, Аҳмад Зоҳир дар синни 39- солагӣ кушта шуд. Ном ва садои ин муғанни хушсадо зиёда аз 50 сол аст, ки дар ҷаҳони форсизабон танинадоз аст. Дар Тоҷикистон низ Аҳмад Зоҳирро дӯст медоранд ва сурудҳои ӯ қалбҳои моро то ба имрӯз навозиш медиҳад. Хушбахтона, чанд нафар ҳамватанони мо бо Аҳмад Зоҳир шинос буданду равуо доштанд. Яке аз онҳо шоири маъруф, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ Меҳринисо ҳастанд, ки замони кору зиндагӣ дар Афғонистон бо шавҳарашон профессор Шаҳбоз Кабиров бо Аҳмад Зоҳир риштаи дӯстӣ доштанд. Дар солгарди 40 - солагии марги Аҳмад Зоҳир бо шоира Меҳринисо ёди ӯ кардем...



-Нахустин шиносоии шумо бо Аҳмад Зоҳир чӣ гуна сурат гирифт?

-Нахуст бо номи Аҳмад Зоҳир тариқи сурудхояш ошно шудам. Солҳои 70-ум шавҳарамро барои кор ба Афғонистон фиристоданд ва ман низ ҳамроҳи эшон ба Кобул рафтам. Он вақтҳо ҷавон будаму азоби ғарибӣ мекашидам. Гарчанде ҳукумати шӯравӣ ба мо тамоми шароитро муҳайё карда буд, вале ҳеҷ ба дурӣ аз ёру диёр одат карда наметавонистам. Дар ҳамсоягии мо тоторзане бо оилааш зиндагӣ мекард. Ӯ ҳамеша ба мани ғариб дилаш месӯхт. Як рӯз ин зан як магнитофон ва ду кассета оварда гуфт: - “Мебинам, ки ту зиқ мешавӣ. Ту ҳоло хеле ҷавонӣ, бинобар ин танҳоӣ ба ту сангин аст. Бе ин ҳам ман забони инҳоро намефаҳмам” – ва онро ба ман дод. Вақте кассетаи якумро гузоштам, садои зебои оғои Мададиро бори аввал шунидам:

Ватан ишқи ту ифтихорам,
Ватан дар раҳат ҷон супорам!

Он солҳо муносибати Иттифоқи Шӯравӣ бо Афғонистон нав барқарор мешуд ва мо бо эҷодиёти шоирон ва сарояндагони кишварҳои ҳамзабонамон ошноӣ надоштем. Баъдан, ман хаёл мекардам, ки ободтарину бехтарин сарзамин СССР аст, аммо вақте садои оқои Мададиро шунидам, дар ҳайрат мондам, зеро афғонҳо ватани на он қадар ободашонро ин қадар васф мекарданд. Вақте кассетаи дуюмро гузоштам, садои ҷозибадоре баланд шуд. Ин садои ношинос ва тасхиркунандаи рӯҳи ман Аҳмад Зоҳир буд, ки суруди “Охир эй дарё”-ро месароид. Сабт аз кадом толоре буд ва мардум баробари сароиданаш ба ваҷд омада, ҳуштак мекашиданд, месароиданд, маълум ки мафтуни овозаш буданд. Дигар ин кассета ҳамрози ман шуд ва ман онро гаштаву баргашта гӯш мекардам. Як рӯз бозор равам аз ҳама дӯконҳо садои ба ман шинос меомад. Чун то имрӯз номашро намедонистам аз мардум пурсидам. “Омод Зоир аст хонум”- посух гирифтам ва боз ду кассетаи дигари ӯро харида овардам. Ин сабтҳоро гӯш мекардам, аммо дақиқ намедонистам, ки сароянда чӣ касест. Як рӯз Ҷӯрабек Назриев, олим ва ҳунарманди маъруф омаданд. Чун эшон фарҳангӣ ва соҳибзавқ ҳастанд бо эшон аз илму ҳунар, аз шеъру суруд суҳбат мекардем. Дар байни суҳбатҳо кассетаи ҳамон овозхонро ба магнитофон гузошта, аз акои Ҷӯрабек пурсидам, ки оё ҳамин ҳофизро мешиносад ё не?

-Бале, мешиносам, ӯ Аҳмад Зоҳир ном дорад, - гуфтанд он кас ва дар бораи ӯ ба ман маълумот дода пурсиданд:

-Агар розӣ бошед, ҷумъаи оянда ӯро ба хонаи шумо ба меҳмонӣ меорам.

Албатта, ману шавҳарам Шаҳбоз розӣ шудем. Рости гап, боварӣ надоштам, ки Аҳмад Зоҳир ба хонаи мо меояд, бо вуҷуди ин рӯзи ҷумъа аз субҳ омодагӣ гирифта, баъзе чизҳо пухтам. Агар Аҳмад Зоҳир наояд ҳам, акои Ҷӯрабек ҳатман меомаданд. Рӯзи ҷумъа, ки дар Афғонистон рӯзи истироҳат аст, фаро расид. Он рӯз ҳеҷ гоҳ аз ёдам фаромӯш намешавад. 11-уми феврали соли 1976 буд. Соатҳои нуҳуним - даҳи субҳ занги дар садо дод. Дарро кушодам. Акои Ҷӯрабек бо ду нафар меҳмон ворид шуданд. Баъди шиносоӣ фаҳмидам, ки яке аз ҷавонҳо Довуд дӯсти Аҳмад Зоҳир будааст. Ҷавони сурхпӯши зебо худи ӯ буд. Рости гап, ман то ин вақт боре ҳам Аҳмад Зоҳирро надида будам, ҳатто аксашро, вале аз чӣ бошад, ки ҳамон лаҳза гумон кардам, ки ӯро солҳои сол, аз кӯдакӣ мешиносам. Аз ӯ чунин як энержии гарм ба атроф паҳн мешуд. Баъди хушомадеди меҳмонҳо ва сари дастурхон даъват кардани онҳо зуд хостам, ки дар магнитофон кассетаи Аҳмад Зоҳирро монам, аммо ӯ нагузошт.

-Ҷое, ки Аҳмад Зоҳир аст, ӯ худ суруд хоҳад хонд, - гуфт ӯ. Ва наъра кашид:

Шабҳои зулмонӣ, миёни
тӯфонҳо,
Овора қалби ман дар дашту
биёбонҳо,
Бо сад армонҳо...

Ман дар ин садо ғарқ шудам. Ман то ба имрӯз аз ягон навор, ягон акс ҳамон чашмон, ҳамон нуреро, ки он лаҳза дар симои Аҳмад Зоҳир дида будам, дигар надидам.

Баъдан, Аҳмад Зоҳир хоҳиш кард, ки барояш ягон асбоби мусиқӣ биёрем. Дар паҳлуи манзили мо хонае буд, ки дар он як гӯшаро «Гӯшаи сурх» ном ниҳода буданд. Дар ҳамин гӯша як аккордион буд, ки Шаҳбоз онро зуд ба меҳмон оварда. Аҳмад Зоҳир каме навохт, аммо хаёлам ба ӯ нафорид, ки зуд рафта, як синтезатор оварда.

-Ман бори нахуст дар хонаи шӯравиҳо меҳмон ҳастам. То ин муддат дар хонаи ҳиндуҳо будам, дар хонаи амрикоиҳо будам, дар хонаи инглисҳо будам, вале дар хонаи шӯравиҳо бори нахуст омадам. Боз ҳам дар хонаи шӯравҳое, ки сурудҳои маро аз ёд медонанд. Аз ин рӯ, бисёр мехоҳам, ки суруд хонаму хонам, - мегуфт ӯ.

Ҳамин тавр, то нисфи шаб дар хонаи мо як базми ҷамшедӣ буд. Аҳмад Зоҳир суруд мехонд. Ҳеҷ хастагиро эҳсос намекард. Шаб аз нисф гузашту баъд худоҳофизӣ кардем. Ӯ ҳамон асбоби мусиқиашро дар хонаи мо монда рафт. Гуфт, ки ҳар боре, ки гузораш ба ин тараф афтид, омада мегирад... Баъди ин ӯ чандин бор, бо баҳонаи асбоб меҳмони мо шуд...

-Шумо ҳам садои хуб доред, оё бо Аҳмад Зоҳир ҳамовозӣ мекардед?

-Бале. Маҳз ҳамовозии ман ӯро болидарӯҳ мекард, зеро ӯ дид, ки қариб ҳамаи сурудхояшро аз ёд медонам. Бо вуҷуди ин худдорӣ мекардам, зеро ман зани шавҳардор ва зани мусалмонам, илова бар ин, меҳмондорӣ мекардам. Он шабу рӯз ду фарзанд доштем, ки нигоҳубини онҳо низ зарур буд. Бинобар ин, худамро озод ҳис намекардам. Аммо бовар кунед, агар имкон мебуд, ҳамаи сурудхояшро бо Аҳмад Зоҳир месароидам. Ду сабти ҳамовозии маро бо Аҳмад Зоҳир, худораҳматӣ Аҳмад Зоҳиршиноси тавоно Султони Ҳамад дар интернет гузоштаанд. Дар он замон мо ҳунармандони хуб зиёд доштем. Худи ман мухлиси Ботир Зокиров ва Луиза Зокирова будам, Боймуҳаммад Ниёзовро дӯст медоштам, Ҷӯрабек Муродовро гоҳо гӯш мекардам. Аммо ин хел садои нотакрор, ин хел ҷозибаи бузургро надида будам ва тасаввур карда ҳам наметавонистам.

-Оё Аҳмад Зоҳир Тоҷикистонро медонист ва аз мусиқиву адабиёти он огоҳ буд?

-Бале, аммо хеле кам. Ҳар гоҳ баъди сурудхонӣ аз мо мепурсид:

-Чизе ман мехонам, шумо мефаҳмед?

Мо посух медодем:

-Охир ин забони модарии мост. Ва ӯ илҳом гирифтаву рӯҳбаланд мешуд. Аҳмад Зоҳир мехост, ки Тоҷикистонро бештар барои худ кашф кунад. Ӯ радиои Тоҷикистонро гӯш мекард. “Мағфират Ҳамроқулова зебо месарояд”- мегуфт. Аммо, мутаассифона, осори шоирони мо ба форсӣ чоп нашуда буд, ҳунармандони мо камтар ба Афғонистон мерафтанд. Ӯ аз шеъри тоҷик хабар надошт, санъати тоҷикро ба пуррагӣ намедонист. Солҳои 70-ум дар Тоҷикистон низ ӯро кам медонистанд.

-Чаро шумо шеърҳои худро ба Аҳмад Зоҳир пешниҳод накардед?

- То имрӯз пушаймонаму афсӯс мехӯрам. Медонед, ман зотан одами шармгинам, худамро тарғиб намудаву диққати атрофиёнро ҷалб кардан хоси ман нест. Фишангҳои дарунӣ ҳамеша монеъ мешаванд. Ҳатто вақте китоби “Мушоира” – маҷмӯи шеърҳои шоирони Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон бо хати форсиро ба Аҳмад Зоҳир ҳадя кардам, дар ҳошия чор мисраъ шеър навишта, нагуфтам, ки моли худам аст.

Садои ту садои резиши борон,
Садои ту ғиреви обшорон аст.
Садои ту садои чашмаи кӯҳӣ,
Ки уммеди дили шӯридаҳолон аст.

Аҳмад Зоҳир китобро гирифтаву гуфт:

-Ман таваккал китобро мекушоям ва кадом сафҳае боз шавад, ҳамон шеърро то ҳафтаи оянда оҳанг баста, омада мехонам. Вақте китобро боз кард, ғазали “Ҳамин кофист”-и устод Мирзо Турсунзода боз шуд ва Аҳмад Зоҳир онро оҳанг баставу сароид.

-Хабари марги Аҳмад Зоҳирро чӣ гуна фаҳмидед?

-Бори нахуст мо се сол дар Афғонистон будем, ки аз ин якуним сол бо Аҳмад Зоҳир равуо доштем. Аммо бо тақозои ҳимояи рисолаи номзадии шавҳарам ба Душанбе омадем. Баъди ҳимояи Шаҳбоз соли 1979 бояд ба Кобул бармегаштем. Ман хеле ин сафар ва дидори навбатиро бо Аҳмад Зоҳир интизор будам. Аммо, мутаассифона, як ҳафта пеш аз сафари мо Аҳмад Зоҳир кушта мешавад. Ман ин хабар-

мазори ЗОҲИР

шоира Меҳринисо

ро дар фурудгоҳи Маскав шунидам, аммо бовар накардам. Дар Кобул аз масъули фурудгоҳ пурсидам:

-Аҳмад Зоҳир...

-Аҳмад Зоҳир... ӯро куштанд хонум... – посух дод ӯ.

Ман то хона гиря мекардам. Дигар худамро идора карда наметавонитсам. Дилам гӯё мекафиду мехостам фарёд занам... Зеро хаёл мекунам, ки рӯҳҳо ҳамеша барои худ такягоҳ меҷӯянд ва такягоҳи рӯҳонии ман Аҳмад Зоҳир буд. Ҳамин гуна ҳолат бо ман дар сари мазори Хоҷа Ҳофиз рух дод. Мо як гурӯҳи калон дар Шероз будем, аммо дар сари мазори Хоҷа ман зимоми идораи худро аз даст додам, дилам буғз карда, мехостам дод гӯям. Эҳсоси худро идора карда наметавонистам. Ман мехостам дар сафари дувум ба Аҳмад Зоҳир шоир будани худро гӯям ва шеърҳоямро ба ӯ диҳам. Зеро 4-5 шеъри ман ба овози ӯ созгор буд... Ҳоло 700 шеъри маро сарояндагон оҳанг баста, месароянд.

-Қабри Аҳмад Зоҳирро зиёрат кардед?

-Бале, чандин бор. Замони Кобул буданам бисёр мерафтам. Соли 2004 баъди 18 сол ба зиёрати мазори ӯ рафтам, ҳамроҳи Султони Ҳамад, аммо қабри Аҳмад Зоҳирро чун панҷ ангушти сӯхта, валангор дарёфтам. Беасолатон қабри ӯро вайрон карда буданд:

Э вой ман чӣ дидам ҷойи мазори он хуб,
З-осори моҷарои гургонаҳои Кобул.
Сад пора-пора карданд санги сари мазораш,
Бурданд устухонаш бегонаҳои Кобул.

Ва ин шеърро он ҷо навиштам.

-Умуман, Аҳмад Зоҳир чӣ гуна инсон буд?

-Аҳмад Зоҳир ҳунарманди асили ҷаҳонӣ аст. То имрӯз ягон ҳунарманди тоҷик, афғон ё эронӣ нест, ки сурудаҳои Аҳмад Зоҳирро замзама накарда бошад. Ӯ бо вуҷуди ашрофзода, - падараш садри аъзам ва 4 амакаш вазир буданд, хоксору заминӣ буд. Ӯ ҷавони нозинин буд, аз рӯяш нур мерехт, аммо бо ин наменозиду намеболид. Инсонҳои бузург чунин мешаванд, ба эйфарияи беҳуда дода намешаванд ва худро нигоҳ медоранд.

-Аҳмад Зоҳир бештар аз эҷодиёти Абулқосим Лоҳутӣ месароид. Сабаб чӣ буд? Баъдан, ӯ Лоҳутиро ҳамчун шоири куҷо мешинохт: эронӣ ё шӯравиву тоҷик?

-Ӯ устод Лоҳутиро ҳамчун шоири инқилобӣ мешинохт ва дӯст медошт. Лоҳутӣ дар Афғонистон хеле машҳур буд, зеро дар он шабу рӯз Афғонистон муҳити инқилобӣ дошт. Шеърҳои Лоҳутӣ ба он замон ва ба он муҳит созгор буд. «Ёр аз дили ман хабар надорад», “Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест», «Камарборики ман», «Аё сайёд, раҳме кун” , «Дуздида чашм зи оҳу» барин сурудҳои Аҳмад Зоҳир, ки аз эҷодиёти Лоҳутиянд, мухлисони зиёде дорад. Ӯ аз шоирони классик бештар месароид, ба эҷодиёти Ҳушанги Соя, Фаридуни Мунширӣ, шуарои афғон низ муроҷиат мекард. Аз Мирзо Турсунзодаву Абдулло Қодири Мумтози тоҷикистонӣ ҳам сароидааст. Баъзе шеърҳои худашро ҳам месароид, ба монанди «Бӯйи ту хезад ҳанӯз» ва ғайра. Ӯ шеърро хуб дарк мекард, бинобар ин, ба дили мардум роҳ меёфт. Хушбахтии ӯ дар ин аст, ки зуд мардум ӯро дӯст доштанд. Агар дар даҳ маҷлис ширкат кардаву сароида бошад, он 10 кассета шудааст ва то имрӯз он кассетаҳо пул меоранд, даҳҳо нафар нон мехӯранд.

-Бо наздикон ва хонуми Аҳмад Зоҳир шинос будед?

-Не, зеро дар замони шиносоии мо ӯ аз ҳамсари якумаш ҷудо шуда, безан буд. Танҳо соли охир бо хонум Фахрия оиладор мешавад. Бо чанд нафар аз дӯстони Аҳмад Зоҳир шинос будам...

- Солҳо гузаштанд, шумо нақши Аҳмад Зоҳирро дар сарнавишти худатон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

-Агар зиндагии мо китоберо монед, шиносоӣ ва равуоии Аҳмад Зоҳир бо оилаи мо зеботарин ва нуронитарин сафҳаи ин китоб аст. Ифтихор мекунам, ки бо ӯ шиносоӣ доштам. Рӯҳаш шод бод, он азизро.

Мусоҳиб
Одил НОЗИР


ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА:

-Чаро зиёии тоҷик ҳофизи тӯйгард аст?
-700 суруди халқӣ, аммо чаро беунвон?
-Дар Маҷлиси миллӣ кӣ даҳони вакилро мебандад?
-Чаро эҷодкор беқадр аст?
Идомаи мусоҳиба бо узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии кишвар Меҳринисоро дар шумораи оянда мутолиа кунед

МАРД намирад ба МАРГ

Султони Ҳамад ба соҳибдилон пайваст

Султони Ҳамад, журналист ва муҳаққиқи тавонои тоҷик, яке аз беҳтарин пажӯҳишгарони рӯзгору осори Аҳмад Зоҳир шоми 6 июн дар синни 68-солагӣ бар асари бемории саратони меъда, ки тайи 8 моҳи ахир аз он ранҷ мекашид, даргузашт.



Маросими ҷанозаи марҳум 7 июн, баъд аз намози ҷумъа дар масҷиди Аминҷон баргузор гашт ва дар оромгоҳи "Сари Осиё"-и Душанбе ба хок супурда шуд.

...Хаёлам беҳтарин китоби ӯ ҳам “Дар суҳбати соҳибдилон” аст. Аксари он соҳибдилон, ки Султони Ҳамад аз қалби пуртуғёнашон чун ғаввоси ҳунарманд марворидҳоро берун овардааст, аллакай аз дори дунё рафтанд. Шукр, ки Султони Ҳамад буд, ки охирин ҳарфи дилашонро шунид ва пешкаши аҳли мутолиа кард ва имрӯз худаш низ ба он соҳибдилон ба он хубону хубрӯён пайваст.

Марги Султони Ҳамад барои ман, барои ҷомеаи журналистӣ, барои журналистикаи тоҷик талафоти хеле ва хеле гарон аст, зеро ӯ ба танҳоӣ журналистика буд, журналистикае ки меҳвари он таҳқиқ аст ва таҳқиқе, ки меҳвараш тарғиби миллат мебошад. Ӯ ин корро то охири умр сарбаландона ба сомон расонид...

...Бароям сохтани портрети нуронии ин устоди барҷаста, ин шахси нуронӣ хеле ва хеле сангин аст, бинобар ин айни замон бо овардани чанд маълумоти википедӣ иктифо мекунам. Каме дардамон сабук шавад, ҳатман дар бораи устод муфассал хоҳам навишт.

ТАВАЛЛУД ВА ТАҲСИЛ: Султони Ҳамад 3 апрели соли 1952 дар ноҳияи Тавилдара дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Мактаби таҳсилоти ҳамагониро соли 1969 дар ноҳияи Ҷилликӯли вилояти Хатлон хатм карда, ба факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дохил шуда, онро соли 1974 хатм намудааст.

ФАЪОЛИЯТ: Солҳои 1974—1978 дар мактаби миёнаи рақами 2-и ноҳияи Ҷиликӯл аввал ба ҳайси муаллими забони тоҷикӣ, баъдан ҷонишини директор ифои вазифа намудааст. Аз моҳи июни соли 1978 то августи соли 1980 аввал ба ҳайси хабарнигор, сипас ба сифати муҳаррири шуъбаи барномаҳои ҷамъиятиву сиёсӣ дар радиои вилояти Қӯрғонтеппа кор кардааст.

Моҳи августи соли 1980 ба Кумитаи бехатарии давлатии (КБД) Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (КГБ) ба кор даъват шуда, барои таҳсил ба Мактаби Олии КГБ СССР ба шаҳри Маскав фиристода мешавад.

Ин донишкадаро моҳи августи соли 1982 бо ихтисоси ҳуқуқшиноси масоили байналмилалӣ хатм намуда, баъдан дар ин мақомот то соли 2000 дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст.

КОМИССИЯИ ОШТИИ МИЛЛӢ: Аз соли 1993 то соли 1997 мушовири сиёсии раиси Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ) дар Афғонистон буд. Моҳи декабри соли 1996 баъди мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Хустдеҳи Афғонистон барои татбиқи Созишномаи миёни онҳо ба имзорасида, дар як ҳайати баландпояи муштараки сиёсиву низомии ба манотиқи ҷангзада рафта, ду тарафи даргирро ба мусолиҳа даъват карданд. Ин ҳайат бо раҳбарии Амиркул Азимов аз ҷониби Ҳукумат ва Давлат Усмон аз ҷониби мухолифин ташкил шуда буд. Дар ин сафар Султони Ҳамад ҳамчун муовини Давлат Усмон ҳайатро ҳамроҳӣ мекард. Фаъолияти ин ҳайат таҳти миёнҷигарии мушовирони низомии СММ сурат мегирифт ва он то омадани ҳайати Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ба Душанбе дар сентябри соли 1998 идома кард. Баъдан, фаъолияти ин ҳайати баландпояи муштараки низомиву сиёсиро зеркомиссияи КОМ зеркомиссияи низомӣ ва сиёсӣ идома доданд. Аз соли 1998 то 1999 раҳбари дафтари матбуотии ИНОТ буд, ки дар бинои Комиссияи оштии миллӣ фаъолият мекард.

РӮЗНОМАНИГОРӢ: Солҳои 2001- 2006 ба ҳайси тарҷумон ва хабарнигори гурӯҳи эҷодии ТВ-6-и Русия, ТВ-Чехия, маҷаллаи «Регард сур лест» («Нигоҳе ба Шарқ»)-и Фаронса, бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» ба Афғонистон борҳо сафар карда, кору фаъолият намудааст. Дар натиҷаи ин сафарҳо як силсила мақолаҳои публисистӣ дар саҳифаҳои ҳафтаномаҳои «Тоҷикистон», «Чархи гардун», «Зиндагӣ» ва дигар нашрияҳо ба чоп расондааст. Ӯ муассиси сомонаи мустақили ҷамъиятиву сиёсии «Рӯзгор» (дар соли 2009 то 2015) ва аз моҳи июни соли 2013 то августи соли 2014 сардабири ҳафтаномаи «Рӯзгор» ва аз соли 2017 сардабири сомонаи мустақили ҷамъиятиву сиёсии интернетии «Рӯзгор» буд.

ДОНИШНОМАНИГОРӢ: Дар Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик ба ҳайси аксбардор, муҳаррир, муҳаррири пешбар, мудири редаксияи иқтисодиёт, саноат ва кишоварзӣ кор кардааст (2015–2017). Китоби «Что говорит «Библия» о Мухаммеде?»-и Аҳмад Дидотро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Давоми фаъолияташ дар СИЭМТ дар таҳриру тадвини мақолаҳои марбут ба иқтисод, саноат ва кишоварзӣ дар ҷилди 4-и «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» саҳм гузоштааст. Чанде аз мақолаҳои марбут ба санъат дар ҷилдҳои 5–6-и «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Яке аз муаллифони фаъоли “Донишномаи Рӯдакӣ” низ мебошад.

ОСОР: “Аз Ардашер то Шери Панҷшер” (2002), “Аҳмад Зоҳир – султони қалбҳо” (2005), “Дар суҳбати соҳибдилон” (2007), “Пайванди Аҳмад Зоҳир бо Мавлавӣ” (2007), “Низоъ, терроризм ва рисолати рӯзноманигорон” (2007), “Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт” (2009), “Аҳмад Зоҳир ва мусиқии Ғарб” (2009), “Султони қалбҳо” (2012),

“Дар пайраҳаи нур” (2013), “Бурхи Валӣ – дӯсти Худо” (2013), “Маҳбуби дилҳо” (2013). Инчунин муаллифи садҳо мавоиди интишорёфта дар матбуот.

ҚАДРШИНОСӢ: Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (1988) ва медалҳои «70-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи СССР» (1988), «10-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2004) сарфароз гардидааст. Ғолиби озмуни САҲА «Беҳтарин мақола дар мавзӯи сиёсӣ» (2004). Узви ИЖ Тоҷикистон (2007).

Оиладор, соҳиби 6 фарзанд: ду духтар, 4 писар ва чандин набера буд.

О. СОҲИБЗОДА

P.S.

Аҳли қалами ҳафтаномаи “Тоҷикистон” аз марги нобаҳангоми ҳамқалами худ, собиқ қорманди нашрия Султони Ҳамад сахт андуҳгин буда, ба пайвандонаш сабри ҷамил мехоҳанд.

ШОИРЕ, КИ БО БУЗУРГОН МЕСӮЗАДУ МЕГИРЯД...

Тамоюли чеҳранигорӣ (портретнигорӣ) дар ашъори шоири соҳибсабк Салими Зарафшонфар пояи қавӣ ва равнақи чашмрас дорад.

Шоир дар бештари шеърҳое, ки ба шахсиятҳои фарҳангиву адабӣ - шоирон, рассомон, оҳангсозон, пажӯҳишгарон, лашкаркашону қаҳрамонҳои ватанпарвар ва ёру дӯстон, устодон бахшидааст, тозакорӣ дошта, хонанда бешубҳа қаҳрамонҳои худро маҳз аз ин сурудаҳо мешиносад, дар ғами онон мегиряд, хидматҳояшонро ба ёд меоварад ва ба онҳо меҳр меварзад.

Камтар касе пайдо мешавад, ки меҳру ихлоси вижа ба Борбад, Муқаннаъ, Мунтасир, Рӯдакӣ, Робиаи Балхӣ, Фирдавсӣ ва қаҳрамононии «Шоҳнома», Ибни Сино, Камоли Хуҷандӣ, Людвиг Ван Бетховен, Сергей Есенин, Аҳмадшоҳи Масъуд, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Маҳмуди Воҳид, Гугуш, Муҳиддин Олимпур, Искандари Хатлонӣ... надошта бошад. Таърих шахсиятсоз аст ва аз саргузашти бузургон иборат аст. Исботи ин аслро дар ашъори Салими Зарафшонфар мебинем.

Гӯянда дар симоофарии таърихӣ ба масал ҳайкалтароше аст, ки медонад, пайкараи сохтааш дер ё зуд дар маркази таваҷҷуҳ қарор хоҳад гирифт ва аз диданаш дар зеҳнҳо ифтихору нозиш падид хоҳад омад ва шукӯҳу салобати ҳайкалҳои ӯ ба дигарон низ фарру шукӯҳ илҳо хоҳад кард.

Дар ин ҷода доираи густурдаи дониш ва иттилои фаровон, омӯзиши пайвастаи таърих, тарҷума ва таҳияи адабиёти ҷаҳон, огоҳӣ аз асотир ва дину оинҳои мухталиф ба ӯ кор додаанд. Барои адиб бисёр муҳим аст, ки тавассути офаридани чеҳраҳои адабӣ ному ёдгори гузаштагонро барои ояндаҳо гӯшзад намояд ва ба василаи қудрати сухан водор созад, ки хонанда онҳоро ҳамчун идеал бипазирад ва аз эшон пайравӣ намояд.

Чунин шеваи нигориш аз ҷавонии шоир ҷонпайванди шеъри ӯст ва ҳар дарду доғ, нешу реше, ки дар дили гузаштагон буд, дар дили ӯ ҳам нишеман доштааст. Ба вежа, сӯгномаҳояш бисёр дардноку пурнавҳа ва чунон диловезу хотирмон офарида шудаанд, ки бо як қироат нисбат ба гузаштагон меҳру муҳаббат ва ҳисси дилсӯзӣ пайдо мешавад. Зикри ин чанд намуна басанда аст, ки дилсӯзии шоир нисбат ба сарнавишти талхи аҳли ҳунар ошкор гардад:

Зи панҷаҳои Борбад,
Накарда ист,
Ҳанӯз хун ҳамечакад...
(«Ёдкарди Борбад»).

***



Муқаннаъ чу худро ба
оташ фиканд,
Зи тан мурғи рӯҳаш раҳо шуд,
раҳо. («Рӯҳи оташкада»)

***

Ашки симини маро ҳам
боис аст,
Рӯзгори пурбалои Рӯдакӣ.
Ақли ман таркад, чу ё
дорам, ки ҷаҳл
карда буд азми фанои Рӯдакӣ.
(«Баъди Рӯдакӣ»)

***

Дар шомгаҳон меҳри
шарарзо месӯхт,
Чун Робиаи яккаву
танҳо месӯхт.
Ҳар тораи нури
арғувонирангаш
Чун тораи милаи сумансо
месӯхт. («Ғуруб»)

Дар чеҳранигории шоир ҷиҳати фарқкунанда ва муҳим овардани монологу гуфтугӯ, сурушу суруд ва ифтихорномаҳо аз номи шахсиятҳо аст. Шоир бо забони фардҳои ҷаҳонсозу фардонигар ба суҳбат меояд ва хонанда ҳис мекунад, ки бо худи қаҳрамонҳо розу ниёз дорад. Ин тарзи баёни ҷаҳоннигарӣ бештар таъсиргузор аст, зеро хонанда ҳам бештар маврид шунидани нидои дили қаҳрамононашро мепарастад. Ба ин чанд намуда таваҷҷуҳ мекунем:

Зи баъди ҳамчу ман фарди
сухангустар сухан монад,
Зи баъди ҳамчу ман марди
ватанпарвар ватан монад.
Ватандузду кафандузду
сухандуздон намедонанд,
К-аз онҳо на пари коҳеву
на як газ кафан монад.
(«Суруши Фирдавсӣ»)

***

Наъши ман Табрезро рӯзе
хуҷандоганда кард,
Гӯиё хоки Аҷам омехт бо
ҳам яксара.
Мешавад табрезоганда
Хуҷанд, ар як саҳар
Сар кашам дар шаҳри худ дар
сурати як пайкара.
(«Руҷӯи Камол»)

Салими Зарафшонфар нек медонад, ки тарзи «ӯ ин ормонҳоро дошт, ӯ чунин мехост, ӯ дилаш дарё буд, ӯ худро ба обу оташ мезад», басо куҳна шудаанд, хуб аст ба ҷойи ин худи онҳо ба минбар оянд ва хостаҳои худро талқину тарғиб намоянд.

Хоса, эҷоди як силсила шеърҳое, ки пас аз хониши чандикаратаи «Шоҳнома»-и безавол ба шоир даст додааст, ҷолибу пуртаъсиранд:

Боварам н-ояд, ки
Рустам чоҳбанд
Кушта гардидаст бо
макру ҳиял.
Боварм н-ояд ба осонмаргияш,
Ӯ на осон тан диҳад баҳри
аҷал. («Боварам н-ояд»)

***

Зи реву рангу туҳмат
покботин
Гузашт аз барзахи гулхан
Сиёвуш. («Убури оташ»)

Бемуҳобо, Салими Зарафшонфар дар офариниши образҳои таърихӣ ва фарҳангӣ дасти чира дорад. Ӯ мисли бештари эҷодкорон бо сипосу қадрдонӣ ва ё суханҳои умумӣ муносибаташро ба шахсиятҳо изҳор намекунад, балки аз тамоми имконияти эҷодӣ ба кор мегирад, то кас бидонад, ки портрети мавриди назар фарди одӣ нест, балки шахсест, ки дар бунёди миллат ё ягон бахши ҳунару илм нақши мондагор дорад. Будани чунин фардҳои таъсиргузор барои сарнавишти як миллат ва ё ҷаҳон аҳамият дорад.

Масалан, шеъре, ки шоир ба навогар Бетховен бахшидааст, аз чанд ҷиҳат муносибату муроқибати гӯяндаро ба ҷаҳон ошкор мекунад. Адиб тавассути тасвири рӯзгору осори як шахсият собит кардан мехоҳад, ки «Дар ин дунё ду-се марди бузурге пуштибони мост!»

Худ нашнавад гарчӣ чу
Бетховен,
Имшаб табиат бо ҳазор ово
Симфониёи ҷовидон пардохт
З-овози барқуboду боронҳо.
(«Симфониёи ҷовидон»)

***

Ба Расул Ҳамзатов:
Бинамат бетоб аз дарди
замонӣ ту,
Доғ-доғ аз доғи Доғистон
бувад қалбат...
(«Нома ба Расул Ҳамзатов»)
Ё ба Гугуш:
Басе дар рақсгаҳҳои ҷаҳон
девонагун рақсам,
Ки бар ҳамрақсии ман
Мавлавӣ аз хок бархезад...
(«Суруши Гугуш»)

Шоир бо вусъати тафаккур ва андӯхтаҳояш, бавежа огоҳмандии таърихи миллати куҳанбунёди тоҷик ба азамати воқеии бузургони адабу фарҳанги ниёкон пай мебарад ва мебинад, ки абармардони сиёсату фарҳанги Аврупову Амрико бо эҳтироми бехадду поён ва ихлосмандии шогирдона дар бораи онҳо мегӯянду менависанд. Аз ҷумла, Пушкин, Толстой, Есенин, Гёте, Генрих Гейне, Анна де Ноай ва дигарон пас аз омӯзиши доманадор ва дарёфтани шуҳрати бемисл дар ниҳоят ба эътизози ҳунариву маърифатии ниёкони мо имон оварда, пайкорашонро коҳеву хадамоти бузургони моро кӯҳе гуфтаанд. Ин шоири моро бетараф гузошта наметавонад ва дар посухи чунин мадюн будаҳо худи ӯ ҳам саршори сипосу ихлос мешавад ва ба васфи хидматҳои бузургони Ғарб мепардозад. Аммо дар бештари чунин ситоишномаҳо ҳатман ҷанбаҳои милливу асотирии халқашро ғунҷонида ва собит менамояд, ки ин миллат чунин авсофро сазовору шоиста аст.

Паҳлуи барҷастатарини чеҳранигории шоир забони ашъор аст. Шеърҳо бо забоне ба фиғон меоянд, ки аз гузаштаҳо буданашон пайдост. Шоир кӯшида, ки ҳар шеър вобаста ба хӯю хислат ва замони зиндагии қаҳрамонҳо садо диҳад ва ба василаи забон хонанда худро дар иҳотаи як давраи пуршӯри таърих бубинад. Ин шеваи муносибат ба забон дар осори Салими Зарафшонфар бисёр нодир ва боиси сутудан аст. Масалан, вақте Пири Тӯс бо шаҳомати хос ба сухан меояд, забону баёни замони Сомониён танинандоз мегардад. Ин на танҳо огоҳии гӯянда аз таърих, балки тасаллути муҳкамиӯ аз забон аст.

Чунин усули нигориш ва тасвири чеҳраҳо хонандаро ҳам пайи худ мебарад ва огоҳ мекунад, ки гузаштагонаш чӣ ҷалолу камоли маънавӣ доштаанд. Дунамунаро аз назар мегузаронем:

Аё шоҳ Маҳмуди
вожунатахт,
Жакону нагунтоҷу
вожунабахт.
...Зи нафрини мо ту наёбӣ амон
На дар ин ҷаҳону на дар
он ҷаҳон! («Накӯҳишнома»)

***

Суруш аз шаҳри Истолингирод ояд:

«Дареғо, охирин сарбози
Истолингироди шеър
Фитод аз тири дайдуи
адӯ, инак ба сангар нест».
(«Панҷмавчи сӯг»)

Як вежагии муҳими чеҳранигорӣ боз ҳам дар он аст, ки офарандаи он ҳамеша чун соя аз мадҳшаванда ҷудо нест. Ҳарчанд сухан дар боби хидмату фидокорӣ ва азхудгузаштанҳои як шахси таърихӣ меравад, ҳузури шоир дар он ҷои инкор надорад. Ин ба он маънист, ки бештари ормонҳои симоҳои васфшаванда дар дили Салими Зарафшонфар низ маъво дорад. Ӯ ба василаи ин симоҳо, фарёду фиғон ва садои мондагор овози худро ҳам танинандоз мекунад, ба хостаҳо ва орзуву омолҳои ҳиссиву лирикӣ ва маърифатии хеш боли парвоз мебахшад.

Нури Маздо, шӯри Маздак
дар ниҳод,
Нурафзо, шӯрафзо зиндаем.
...Баҳри мо Темурмаликҳо
мурдаанд,
Рағми ҳар Чингизи дунё
зиндаем!

Аз таваҷҷуҳи мухтасарба ин ашъор равшан мешавад, ки Салими Зарафшонфар баробари офариниши чунин шеърҳои портретӣ (ашъори симоӣ) худ ва хонандароиз дар сафи онҳо дидан мехоҳад, омӯзиш аз онҳоро талқин мекунад. Шоири шаҳири Эрони имрӯз Қайсари Аминпур андешаи ҷолибе дорад: «Рафтан расидан аст!». Шоир низ нек медонад, ки пайи бузургон рафтан, гар чӣ сармандзили мақсуд нопайдост, дар асл расидан аст.

Албатта, ҷойгоҳи ин сурудаҳои шоири хушақариҳаи тоҷик Салими Зарафшонфар ба баҳои муносиби нақду адабиётшиносӣ сазовор аст. Ӯ ба масал конест, ки лаълу гавҳарҳо дорад. Танҳо шеърҳои ба шахсиятҳои бузургу таъсиргузор бахшидаи шоир дар самти чеҳранигорӣ диди хос ва кори зиёд мехоҳад, ки ин ҷо иҷмолан сари онон сухан рафт. Дар робита ба ҷанбаҳои маънавию ҳикамӣ, забони сараву ноби тоҷикӣ, оҳангу мусиқии мутантани калом, таваҷҷуҳ ба масоили башарӣ шеъри ӯро як падидаи муҳими адабӣ гуфтан равост ва бад-ин сабаб, месазад, ки шоир сазовори Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода бошад ва ба ин васила, таваҷҷуҳи суханшиносон ба пажӯҳиши ашъори ӯ афзояд.

Валӣ САМАД,
ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ,
Субҳони АЪЗАМЗОД,
номзади илмҳои филология, дотсенти ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров,
Бузургмеҳри БАҲОДУР,
аспиранти АИҶТ,
О. СОҲИБЗОДА,
унвонҷӯи ДМТ

АЗ ПАЙИ ПАНДИ ПАДАР

дар ҳошияи 60-солагии профессор Ғафур Муҳаммадов

Профессор Ғафур Муҳаммадовро метавон инсони намунаи ибрат номид, зеро Худованд ба ӯ дили пок, сиришки нек, нангу ор ва сидқу вафоро арзонӣ доштааст.



Ӯ зодаи деҳкадаи тоҷикнишин дар ноҳияи Пахтаарали вилояти Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон аст. Бобоёнаш солҳои чилуми асри гузашта дар пайи татбиқи қарорҳои ҳукумати вақт, баҳри азхудкунии дашти Малик аз деҳаи тоҷикнишини Поршти қаторкӯҳҳои Нуратои вилояти Самарқанд ба ин минтақа муҳоҷир шудаанд

Ғафур соли 1976, пас аз хатми мактаби миёна, бо нияти соҳиби маълумоти олӣ шудан, ба шаҳри Душанбе омад. Ҳарчанд барои довталабони курсиҳои донишҷӯйӣ, ки аз роҳи дур, аз ҳавои нафаси иқлими дигар меоянд, омӯхташавӣ ба муҳити шаҳр мушкилиҳо пеш меовард, аммо Ғафур бо пойтахт зуд унс гирифт, зеро бародараш Абӯбакр (минбаъд номзади илми иқтисод, ҳаммуаллифи нахустин китоби дарсии «Ҳисоби бухгалтерӣ» бо забони тоҷикӣ) ва чанд нафар ҷавонони ҳамдеҳааш солҳои гузашта донишҷӯйи мактабҳои олии Душанбе гардида, ба қавле «пораи деҳаро ба шаҳр пайваста буданд».

Ғафур мафтуни шаҳри Душанбе, хуччатҳояшро ба факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) супорид ва бахташ омад карду ба сафи донишҷӯён қабул гардид. Хабари хуш ба зудӣ дар деҳа паҳн гардид – «писари дуюми Бобоҷон низ ба донишгоҳ дохил шудааст». Он солҳо ба мактаби олӣ дохил шудани фарзанд ба мисли ба хизмати аскарӣ рафтан, барои падару модару хешу акрабо пайки неку боиси ифтихор буд, табрику муборакбодии ҳаққу ҳамсоя, ёру шиносҳо ҳафтаҳо давом меёфт.

Амаки Бобоҷон поёни тирамоҳ, баъди ҷамъбасти маъракаи пахтачинӣ ва ғундоштани ҳосили боғу обчакорӣ, бо дили пурфараҳ ба Душанбе омад, ҳафтае шаҳрро тамошо кард, бо роҳбаладию маслиҳати дӯстону хешовандони душанбегӣ аз маҳаллаи «Советӣ-1»-и пойтахт ҳавличаеро харидорӣ намуда, қулфу калиди дару дарвозаро ба писарони донишҷӯаш – Абӯбакру Ғафур супурд. Тибқи расму оини бобоён бо нияти «манзили нав барои рӯзҳои хурсандӣ насиб кунад», паси дарвоза гӯсфанде забҳ намуда, барои ҳамдиёрону донишҷӯёни дар Душанбе буда дастурхон орост.

Ғафур дар солҳои донишҷӯйӣ дӯстони зиёд пайдо кард, чун ҷавони ҳушёру чолок ва хушзеҳну рамузфаҳм дар дили шарикдарсон ва устодон низ маъво гирифт. Ӯ хубу аъло мехонд, дар корҳои ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои факултету донишгоҳ фаъол буд. Аз ин ҷост, ки ӯ баъди хатми донишгоҳ пешниҳоди садорати факултетро пазируфта, аз соли 1981 ба сифати ассистенти кафедраи забони русӣ барои муҳассилини хориҷӣ ба фаъолият шурӯъ кард.

Интихоби пешаи омӯзгорӣ барои Ғафур аз рӯйи ҳавову ҳавас ва шуҳрати мактаби олӣ набуд, балки мустаҷоб гардонидани панди падар ва пос доштани меросбарӣ ба ҳисоб мерафт, зеро Ғафурро амаку бародарон муаллим ва хоҳар муаллима буданд. Падар, ки воқеан омӯзгори зиндагӣ ва баҳравар аз мактаби ҳаёт буд, суханашро ҳамеша бо чакидаҳои бузургони сухан таквият мебахшид. Боре Ғафур, ки ба аёдати волидайн рафта, аз нияту нақшаҳои худ сухан кушод, падар ӯро хомӯшона то охир гӯш кард ва хирадмандона афзуд:

Магӯю манеҳ то тавонӣ қадам,
Зи андоза берун в-аз андоза кам.

Ин панди падар пунбаи гӯши Ғафур гардид. Қавл дод, ки ба пешаи худ бевафоӣ нахоҳад кард. Бо роҳи худ мерафт, пешаи худро идома медод, вазифаи худро ичро мекард, дар рафтору амал андоза нигоҳ медошт. Андозанигоҳдорӣ ба ӯ самар бахшид. Соли 1987 ректори ДДТ, академик Талбак Назаров қобилияти кордонӣ, забондонӣ ва ташкилотчигии ӯро ба назар гирифта, вазифаи ёвари ректорро ба дӯши ӯ вогузошт. Он замон тамоми хуччатнигорӣ бо забони русӣ сурат мегирифт. Аз як тараф, донандаи хуби забони русӣ будан, аз ҷониби дигар, хушмуомилагию дидадаронӣ боис гардид, ки ӯ тӯли 9 сол дар давраи ректории Талбак Назаров, Исмоил Давлатов ва Фозил Тоҳиров дар ин вазифа хизмат кунад.

Ғафур дар баробари корҳои идорию ташкилӣ ба омӯзишу таҳқиқи илмӣ низ машғул гардид. Роҳбари кори илмиаш, профессори равоншод Саидҷон Қодиров барояш ҳамеша маслиҳатгари мушфиқ буд. Гоҳо бо шӯхӣ хушдор медод: «Ғафурҷон, вақти пайвастани илму амал расидааст:

Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаву ҷадал набошад».

Соли 1999 дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули меҳнатдӯстии донишҷӯён дар ҷараёни дарс» таҳти роҳбарии профессор С. Қодиров рисолаи номзадиашро бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ гардид.

Ғафур Муҳаммадов солҳои 2003-2007 мудирии кафедраи забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологӣ дар ДМТ-ро ба уҳда дошт. Дар ин давра кафедра ба маркази омӯзиш ва ҳалли проблемаҳои таълими забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологӣ, ки қисмати аъзами толибилмони донишгоҳро фаро мегирифт, табдил ёфт. Мудири кафедра ҳамзамон бо созмондиҳию роҳбарӣ ба фаъолияти устодони соҳибзавқ ва ҷавонони навкор, дар таълифи дастуру адабиёти методӣ ба ҳамкорон намуна буд. Дастурҳои таълимиву методии таълифнамудаи ӯ «Воситаи методӣ аз фанни забони русӣ барои корҳои мустақилона», «Дастури таълимӣ аз фанни забони русӣ (муоширати касбӣ) барои ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ», «Дастури таълимӣ аз фанни забони русӣ (муоширати касбӣ) барои ихтисосҳои иқтисодӣ», «Дастури таълимӣ аз фанни забони русӣ (муоширати касбӣ) барои ихтисосҳои кимиёӣ-биологӣ» ва чанде дигар, аз ҷумлаи чунин китобҳо мебошанд.

Монографияи «Асосҳои назарии таҳқиқи ташкили назорат бараванди таълим дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2011) ва рисолаи доктории Ғафур Муҳаммадов дар мавзӯи «Асосноккунии назарию методологии таҳқиқи мониторинги сифати таълим дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки соли 2014 таҳти роҳбарии профессор Саъдуллоҷон Неъматов ҳимоя намуд, барои пажӯҳишгарону мутахассисони соҳа ба ҳайси маъхази илмию роҳнамои методии арзишманд хизмат кунанд, китоби дарсии дар ҳаммуаллифӣ бо гурӯҳи ҳамкасбон таълифнамудааш «Учебник для неязыковых вузов» (-Душанбе, 2018) ба китоби рӯимизии донишҷӯёни омӯзандаи забони русӣ табдил ёфтааст. Дар пайи ин, 3 монографияи дигар, 30 дастуру васоити таълимию методӣ ва зиёда аз 120 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавии ӯ, таълифоти илмию методии дар ин самт суратгирифтаро пурбору пурмаънӣ гардонидааст.

Ғафур Муҳаммадов аз соли 2015 вазифаи масъули садри факултети филологияи руси ДМТ-ро ба дӯш дорад. Ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат, созмон додани фаъолияти бонизом ва муассири устодону кормандони факултет, роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои судманд бо марказу муасисаҳои ҳаммаксаду ҳамҳадаф ҳамчун воситаҳои мусоидатгари вусъати корҳои таълиму тарбияи шогирдон, ба маънову мазмуни фаъолияти роҳбарӣ ва педагогӣ, балки рӯзгори бо донишгоҳ пайванди Ғафур Муҳаммадов мубаддал гардидааст.

Мурод МУРОДӢ,
Қироншоҳ ШАРИФЗОДА,
устодони ДМТ

Мавлудномаи Тоҷикистон

12 июн

Отаҷон Қурбонов (1914-1991), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Дилбарнисо Нурматова (1939-1993), 80-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Ҳабибулло Солиев (1944-2005), 75-солагии зодрӯзи забоншинос.

13 июн

Зафар Искандаров (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Ҳасан Қурбонов (1929), 90-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Бекназар Мавлонназаров (1954), 65-солагии зодрӯзи муаррих.

14 июн

Дания Валиева (1929), 90-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси тотор, доктори илми таърих.

Ашӯр Ғозиев (1949), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Владимир Солоухин (1924-1996), 95-солагии зодрӯзи шоири рус, мутарҷими осори адибони классик ва муосири тоҷик.

Абдулмаҷид Шарифов (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

15 июн

Зулфия Атоӣ (1954), 65-солагии зодрӯзи Шоираи халқии Тоҷикистон.

Ӯктамҷон Воҳидов (1949-2008), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Аҳмадҷон Додоҷонов (1919-1990), 100-солагии зодрӯзи муаррих.

Муқаддас Искандарӣ (1929-2000), 90-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Абдулло Маҳмадзиёев (1939), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Ғоиб Мирзоев (1944), 75-солагии зодрӯзи забоншинос.

Заъфарони Муҳаббат (1954), 65-солагии зодрӯзи журналист.

Муаззама Ниёзмуҳаммадова (1939), 80-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Нуралӣ Шоиён (1959), 60-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

16 июн

Ҳусайн Исайнов (1969), 50-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Ҳасан Қурбонов (1929), 90-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Бобоқул Қурбоналиев (1939), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Мадислом Раҳмонов (1959), 60-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Аскаралӣ Рачабзода (1944), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

17 июн

Зикрулло Холов (1914-1991), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Меҳрӣ Ҳоҷибоева (1959), 60-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикисон.

Бадрӣ Шамсиев (1929-1997), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Абдумӯъмин Шарифов (1949), 70-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

18 июн

Низомиддин Аъзамбоев (1949), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Семён Вайман (1924-2000), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Валерий Жак (1934), 85-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Холмаҳмад Оев (1954), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Таҳияи Ё. СУЧОНӢ

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ зодрӯз доранд? Пешопеш моро огоҳ кунед.
ТЕЛ: 238-54-51

ҶОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Оё онро Сабринаи шоҳмотбоз дарёфт мекунад?

Бинобар иттилои Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, 9 июн мусобиқаи Ҷоми Пешвои миллат дар риштаи шоҳмот бо пеш кардани муҳраҳои шоҳмот аз ҷониби Аҳтам Абдуллозода, раиси Кумитаи ҷавонону варзиш ва Сабрина Абророва, ғолиби Бозиҳои ҷаҳонии наврасон оғоз гардид.



Мусобиқа барои дарёфти Ҷоми Пешвои миллат оид ба шоҳмот дар чумҳурӣ бори аввал дар чор марҳила миёни наврасон, ҷавонон ва калонсолон баргузор мешавад.

Даври аввали мусобиқа дар сатҳи шаҳраку маҳалла, деҳаҳо, вазорату идораҳо ва муассисаҳои таълимӣ, даври дуюм бо иштироки ғолибони даври аввал дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо, даври сеюми мусобиқа бо иштироки ғолибони даври дуюм дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ва бо иштироки ғолибони даври сеюм 1-5 октябр даври финалии мусобиқа дар сатҳи чумҳурӣ бо шаҳомати хоса доир хоҳад гашт.

Фонди ҷоизавии мусобиқа 100 000 сомониро ташкил медиҳад. Барои ҷои якуми даставӣ 30 000 сомонӣ, барои ҷои дуюми даставӣ 25 000 сомонӣ, барои ҷои сеюми даставӣ 20 000 сомонӣ ва барои ғолибони мусобиқоти инфиродӣ дар се синну сол 25 000 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Адҳам Маъмурзода, намояндаи дастгоҳи Президент гуфт, ки бо супориши Эмомалӣ Раҳмон 3 сол мешавад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар барномаи таълимии шоҳмот ва маҳфилҳову дастурамалҳо ба роҳ монда шудааст, ки заминаи мусоид барои рушди ин намуди варзиши қадимии мардуми тоҷик дар кишвар мегардад.



Ҷои панҷум дар Гран Прии Осиё

Аъзои дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба варзиши сабук Кристина Пронженко ва Одилшоҳ Исматов дар давраи якуми Гранприи Осиё иштирок карданд.

Мусобиқа 4 июн дар шаҳри Ҷиангчини Ҷумҳурии Халқии Хитой бо иштироки беҳтарин варзишгарони қораи Осиё баргузор шуд. Тибқи низомнома дар мусобиқа варзишгароне, ки дар мусобиқаҳо натичаи беҳтар доранд, даъват гардиданд.

Кристина Пронженко дар масофаи 400 метр миёни бонувон бо натичаи 54.44 сония ҷои панҷумро ишғол кард. Дар ин масофа ҷои аввалро Ти Лан Қуаш аз Ветнам (бо натичаи 52.63), ҷои дуюмро Надиша Рамакаяка аз Шри Ланка (53.24), ҷои сеюмро Ти Ҳанг Нгуйен аз Ветнам (53.29) ишғол карданд.

Одилшоҳ Исматов бошад, дар масофаи 800 метр панҷум шуда, ба марра расид. Пеш аз ӯ Амир Муродии эронӣ (1:49.49), Ҳанамура Такутои ҷопонӣ (1:49.74), Дежу Лиуи чинӣ (1:50.29) ва Абдураҳмон Дорзодаи эронӣ (1:51.45) маррароро фатҳ карданд.

Дар ҳисоби даставӣ Чин бо 14 медал (6 тилло, 4 нукра, 4 биринчӣ) ҷои аввалро ишғол кард. Қазоқистон бо 6 медал (4-1-1) дар ҷои дуюм, Ҷопон бо 7 медал (2-4-1) дар ҷои сеюм мавқеъ гирифтанд. Умуман, варзишгарони 14 давлат сазовори медал шуданд.

УМРЕ БО ФУТБОЛ



Шарифов Сайфуддин



Ҷамъияти варзишии «Ҳосилот» аз соли 1951 ба фаъолият оғоз намуда, таъсис дастаи «Ҳосилот»-и Фархор ба он вобастагӣ дорад.

Аввалин роҳбари ин ҷамъият иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Устоди варзиши СССР ва Тоҷикистон Абдуғаффор Раҳимов буд. Зери роҳбарии ин марди ватандӯст намудҳои гуногуни варзиш - аз қабили футбол, волейбол, гандбол, тенниси рӯи миз рушд ёфт. Сокинони ноҳия ба варзишгоҳи Боғи фарҳангу фароғатӣ омада, мусобиқаҳои ҷавонони варзишгарро тамошо мекарданд. Сипас, бо иқдоми як зумра ҷавонони баору номус солҳои 1973-76 як дастаи мукаммали футбол бо номи «Ҳосилот» ба майдони мусобиқаҳои вилоятию чумҳуриявӣ роҳ ёфт. Даста тӯли фаъолияти беш аз 45 - сола чандин бозингарони бомаҳоратро тарбия намуд.

Рӯзгору фаъолияти ибратомӯзи собиқадорони «Ҳосилот» барои насли имрӯзаи футбол мояи ибрату ифтихор аст.

Сайфиддин Шарифов аз зумраи чунин собиқадорони соҳибтаҷриба ба шумор рафта, ӯ ба футболбозӣ аз синни 13-солагӣ шуғл варзид. Ин дастпарвари мактаби бачагонаи варзишии ноҳия дар мусобиқаҳои футбол дар минтақаи Кӯлоб иштирок карда, бо маҳорату истеъдоди волояш ба дили мухлисон роҳ ёфта буд. Мавсуф дар ин ҷодаи пурифтихор Ибрач Тӯрабоеви қазоқро, ки солҳои 1970 дар мактаби бачагонаи варзишии ноҳия ба ҳайси директор фаъолият мекард, устод меҳисобад.

Баъди адои хизмати ҳарбӣ Сайфиддин Шарифов Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистонро бомуваффақият хатм кард. Солҳои 1974-81 дар дастаи «Ҳосилот» фаъолияти футболбозии худро идома дода, марҳила ба марҳила маҳорату касбияташ боло мешаваду барои ҳамдастаҳояш намунаи ибрат мегардид.

Сайфиддин Шарифов ёди ҷавониҳояш карда гуфт:

- Аввалин бозиям дар ҳайати «Ҳосилот» соли 1974 бо дастаи овозадори «Равшан»-и шаҳри Кӯлоб буд. Он солҳо дар ин даста бозингарони соҳибтаҷриба ба мисоли Валерий Турсунов, Валерий ва Володя Губановҳо бозӣ мекарданд. Гоҳ мо ғалаба мекардему гоҳ «Равшан», «Вахш»-и Кӯрғонтеппа низ ҳарифи пурзӯрамон буд. Ҳангоми бозиҳо варзишгоҳҳои ҳар ду даста пур аз тамошобинон мешуд. Баъди ин ду даста рақиби азалию пурзӯри «Ҳосилот» «Помир»-и шаҳри Душанбе ҳисоб меёфт. Дар ду бозие, ки «Ҳосилот» бо ин дастаи шӯҳратёр дошт, бо ҳисоби 3:1 ва 4:1 бохтем.

Тибқи гуфтаи Сайфиддин Шарифов, солҳои 1979-80 бародарон Хуршед, Искандар, Ҷамшед Гулоновҳо, Тағай Дӯстов, Маҳмад Ҳакимов, Ҷумъахон Давлатов, Валӣ Раҳимов, Исмат Файзов, Абдурасул Рӯзиев зери роҳбарии мутахассиси шинохтаи рус Спитса Виктор Игнатевич бозӣ мекарданд. ин марди рӯзгордида ба некӣ аз диққату эътибори роҳбарони вақти ноҳия Ҳабибулло Табаров, Ҳабибулло Тағоев, Сайдаҳтам Акбаров, соҳибкорони шинохта Файзалӣ Ҳакимов, Рачабалӣ Сатторов, Боймурод Мирзоев ва сардорони даста Ботурхон Абдуллоев, Иброҳим Ҳайталиев, ки дар рушд ва эҳёи дастаи «Ҳосилот» саҳми калон гузоштанду имрӯз миёни мо нестанд, бо некӣ ба ёд оварда. Саҳми собиқ раисони ноҳия Қурбон Ҳакимзода ва Раъно-Раҳимзода дар рушди дастаи «Ҳосилот» назаррас аст. Махз бо ибтикори ин дӯстдорони варзиш «Ҳосилот» ба Лигаи олӣ баромад ва дар бозиҳои гурӯҳии Ҷоми Конфедератсияи Осиё Тоҷикистонро муаррифӣ кард.

Баъди анҷоми фаъолияти футболбозӣ Сайфиддин Шарифовро дар даста ба вазифаҳои роҳбарикунанда даъват карданд. Меҳру муҳаббат бар ҷодаи интихобкардаи хеш, ки дошт, даъватро бо хушнудӣ пазируфт. Солҳои 1995-2000 ба ҳайси муовини сардори дастаи «Ҳосилот» фаъолият намуда, дар тарбияи чандин бозингарон саҳми босазо гузошт.

Ӯ шукргузор аз он аст, ки фарзандонаш Қурбоналӣ ва Саймуҳиддин ҷодаи футболро интихоб кардаву давомдиҳандаи кораш мебошанд.

ФУТБОЛ »

Тоҷикистон бо Афғонистон мусовӣ кард ва аз Чин шикаст хӯрд

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар ин сол аввалин вохӯриҳои худро доир кард, ки бозиҳои дӯстона бо дастаҳои мунтахаби Афғонистон ва Чин буд.



Сармураббии нави даста Усмон Тошев дар бозиҳои дӯстона чанд футболбози навро ба ҳайат даъват кард, то онҳо дар ин вохӯриҳо санҷида шаванд ва ба даври интихобии Чемпионати ҷаҳон-2022 омода гарданд.

Вохӯрии якуми даста 7-уми июн дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ дар Душанбе бо дастаи мунтахаби Афғонистон баргузор шуд. Ҳайати Афғонистон бо чанд бозигаре, ки дар Аврупо таълим гирифтаанд ва дар мусобиқоти дохилии ин қора бозӣ мекунанд, ба майдон баромад. Дар ҳайати Тоҷикистон бозигарони ҷавон барои аз санҷиш гузаштан майдондорӣ карданд. Дар бозии баробар меҳмонон ҳисобро кушоданд ва гумон мерафт, ки баъди ин футболбозони Тоҷикистон ба худ меоянд ва дарвозаи ҳарифро голборон мекунанд, аммо ин тавр нашуд ва бозигарони Афғонистон сарбаландона то лаҳзаҳои охир ҳисобро нигоҳ доштанд.

Чанд дақиқа пеш аз анҷоми бозӣ ба бозигари дастаи мо Шаҳром Самиев, ки дар қисми дуюм ба майдон баромада буд, муяссар шуд, ҳисобро баробар кунад. Мусовӣ ва бештари коршиносон ба бозии дастаи Тоҷикистон баҳои бад доданд ва аз маҳорати дастаи Афғонистон ситоиш карданд.

Вохӯрии дуюм 11-уми июн дар Гуанжоуи Чин бо дастаи мунтахаби ин кишвар баргузор шуд. Чин, ки солҳои охир футболаш рушд кардааст ва дар Осиё яке аз 8 дастаи пурқувват ба ҳисоб меравад, зери роҳбарии мураббии шинохтаи итолиёвӣ Марчелло Липпӣ ба майдон омад. Дар ҳайати Чин ҳам бозигарони нав даъват шуда буданд ва маълум буд, ки Липпӣ мехоҳад як ҳайати ҷавонеро ҷамъ орад.

Вохӯрии дастаҳо дар шоҳидии 40 000 мухлис баргузор шуд. Бозӣ бисёр ҷолиб ва баробар сурат гирифта, бо ҳисоби 1:0 ба фоидаи дастаи мизбон анҷом ёфт. Голи ягонаро Янг Су дар дақиқаи 10-уми дидор зад. Ба ақидаи коршиносон ин вохӯрии дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз бозии якум ба таври куллӣ фарқ дошт. Новобаста аз бохт, даста дар муқобили яке аз беҳтарин дастаҳои Осиё, бозии хуб нишон дод.

ФУТБОЛ »

МӮҲСИН МУҲАММАДИЕВ САРМУРАББИИ «БУХОРО» ШУД

Мутахассиси тоҷикистонӣ Мӯҳсин Муҳаммадиев сармураббии дастаи футболи «Бухоро»-и шаҳри Бухорои Ӯзбекистон таъин шудааст.

Дар хабар аст, ки яке аз чеҳраҳои шинохтаи футболи Тоҷикистон Мӯҳсин Муҳаммадиев, собиқ ҳамлагари дастаи овозадори "Помир" (Душанбе), сармураббии пешини дастаи "Истиқлол"-и Душанбе ва собиқ сармураббии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон, ҳамакнун ба ҳайси сармураббии дастаи футболи "Бухоро" (Бухоро)-и Ӯзбекистон фаъолият хоҳад кард. Дастаи «Бухоро» дар Суперлигаи футболи Ӯзбекистон баромад мекунад. «Бухоро» баъди 9 давр бо 7 имтиёз дар зинаи пеш аз охирин, яъне сездаҳуми ҷавдал, қарор дорад. Муҳаммадиев дар ин вазифа аввалин бозии худро 16-уми июн бо пешсафи чемпионат «Пахтакор»-и Тошканд баргузор мекунад.

МУСОБИҚА »


МЕДАЛИ ТИЛЛОИ БАҲОДУР УСМОНОВ АЗ ҚАЗОҚИСТОН

Варзишгари тоҷик Баҳодур Усмонов, ки имсол чемпиони Осиё шуда буд, пиирӯзии дигар ба даст оварда ва ғолиби Мусобиқаи байналмилалӣ дар Қазоқистон ба хотираи Исатай Тайманов ва Махамбет Утемисов гардид.

Мусобиқаи 11-уми байналмилалӣ ба хотираи Исатай Тайманов ва Махамбет Утемисов аз 4 то 8-уми июн дар шаҳри Атирауи Қазоқистон баргузор шуд. Дар мусобиқа варзишгарон аз кишварҳои Озарбойҷон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Русия ширкат карданд.

Варзишгари тоҷик Баҳодур Усмонов дар вазни 64 кг дар даври муқаддамотӣ ҳарифонашро аз Қазоқистон (2 нафар) ва Озарбойҷон шикаст дод. Дар марҳилаи ниҳоӣ муштзани маъруфи қазоқ Дилмурод Мачидовро шикаст дод ва сазовори медали тилло гардид. Дар ин вазн ҷойи сеюмро Елеман Раҳматулло (Қазоқистон) ва Малик Ҳасанов (Озарбойҷон) гирифтанд.

Ин сеюмин медали тиллои Баҳодур дар соли равон мебошад. Ӯ моҳи феврал дар Мусобиқаи байналмилалии бокс дар Қирғизистон ва моҳи апрел дар Чемпионати Осиё дар Тайланд медали тилло ба даст оварда буд.



ЛИГАИ МИЛЛАТҲО »

ПОРУГАЛИЯ АВВАЛИН ҒОЛИБИ ЛИГАИ МИЛЛАТҲОИ АВРУПО ГАРДИД

Ин ҳафта дар футболи Аврупо як мусобиқаи нави бонуфузи дигар ҷамъбаст шуд, ки ғолиб дастаи мунтахаби Португалия гардид. Ин Лигаи футболи миллатҳои Аврупо буд, ки дар финали он Нидерланд мағлуб шуд.

Лигаи миллатҳои Аврупо мусобиқаи навест, ки аслан ба ҷойи вохӯриҳои дӯстона роҳандозӣ шудааст, аммо ғолиби он соҳиби роҳҳат ба даври гурӯҳии Евро-2020 мешавад. Финали Лигаи миллатҳо миёни дастаҳои мунтахаби Португалия ва Нидерланд баргузор шуд. Вохӯрӣ дар варзишгоҳи "Драгау"-и шаҳри Порту баргузор шуда, бо ҳисоби 1:0 бо пирӯзии шогирдони Фернанду Сантуш хотима ёфт. Дар ин майдондорӣ ягона голро нимҳимоятгари бошгоҳи "Валенсия" Гонсалу Гуэдеш дар дақиқаи 60-ум ба дарвозаи нидерландиҳо зада, пирӯзии дастаашро таъмин кард. Ҳамин тавр, дастаи мунтахаби Португалия аввалин шуда ҷоми Лигаи миллатҳо ва роҳҳати бозиҳои гурӯҳии Евро-2020-ро, ки соли оянда баргузор мешавад, соҳиб гардид.

Барои ҷойи сеюм дар ин мусобиқа дастаҳои мунтахаби Англия ва Швейсария мубориза бурданд. Қисмҳои асосӣ ва замони иловагии ин вохӯрӣ бе задани гол ба анҷом расиданд. Дастаи ғолиб бо задани пеналтӣ муайян карда шуд. Дар ин кор маҳорати дарвозабони англисҳо Ҷордан Пикфорд хуб ба чашм расид. Ӯ як паналтиро худаш ба нишон расонд ва як зарбаи бозигари ҳарифро баргардонд. Дар натиҷа, Англия бо ҳисоби 6:5 ғолиб гардид.

ЧИДААХБОРИ ВАРЗИШӢ

Аз 8-ум то 10-уми июн дар шаҳри Бухорои Ӯзбекистон мусобиқаи байналмилалии кураш барои ҷоизаҳои президенти ин кишвар ба хотираи Баҳоваддини Нақшбанд баргузор гардид, ки паҳлавонҳои тоҷик 2 медал ба даст оварданд.

Мусобиқа аз рӯи 7 категорияи вазнӣ - 60, 66, 73, 81, 90, 100, +100 миёни мардҳо ва 3 категорияи вазнӣ – 52, 63, 78 миёни бонувон сурат гирифта, дар он варзишгарони беш аз 20 давлат ширкат карданд. Паҳлавонҳои Тоҷикистон Додохон Қурбоналиев дар вазни +100кг медали нуқра ва Ҳақназар Назаров дар вазни 81кг медали биринҷӣ ба даст оварданд.

***

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар мусобиқаи байналмилалӣ ба хотираи Валентин Гранаткин аз дастаи Туркия (U-18) бо ҳисоби 0:5 мағлуб гардид ва барои ҷойҳои 9-12 бозиро идома дод.

11-уми июн даста бо Арманистон, ки дар гурӯҳи "С" ҷои охирро ишғол кард, бозӣ кард ва бо натиҷаи 0:3 мағлуб шуд. 13 июн Тоҷикистон бо Ҳиндустон барои ҷойи 15-ум мубориза мебарад. Даста дар даври гурӯҳӣ бо Юнону Қирғизистон мусовӣ кард, ки яке бо натиҷаи 4:4 ва дигаре бо ҳисоби 1:1 ба охир расид.

***

Шатранҷбози 13-солаи тоҷик Сабрина Абророва дар мусобиқаи ҷаҳонии шатранҷ, ки аз 1-ум то 5-уми июн дар шаҳри Ханти-Мансийскийи Русия доир гардиду дар он беҳтарин шатранҷбозон аз 57 кишвари дунё ширкат варзиданд, миёни 31 бозигар ба гирифтани медали тилло шарафёб гардид. Сабрина Абророва моҳи ноябри соли гузашта дар мусобиқоти осиёии шатранҷ миёни наврасон дар пойтахти Ӯзбекистон, шаҳри Тошканд, ширкат карда, сазовори ҷои дуюм гардида буд.

***

Варзишгарони тоҷикистонӣ Кристина Пронженко ва Одилшоҳ Исматов 7-уми июн дар даври дуюми Гран Прии Осиё дар Чин иштирок карданд.

Кристина дар масофаи 400 метр бо натиҷаи 53.88 сония ҷои панҷумро ишғол намуда, рекорди миллӣ гузошт. Ӯ рекорди қаблии худро, ки дар Чемпионати Осиё моҳи апрели соли равон дар шаҳри Доҳаи Қатар бо натиҷаи 54.13 сония гузошта буд, шикаст. Кристина се рӯз қабл, 4-уми июн, дар даври аввали Гран Прии Осиё низ (Ҷиангчини Чин) бо натиҷаи 54.44 сония ҷои панҷумро сазовор шуда буд. Одилшоҳ Исматов ҳам дар дав ба масофаи 800 метр бо натиҷаи 1:53.70 дақиқа панҷум шуда ба марра расид. Натиҷаи ӯ дар даври аввали Гран Прии Осиё 1:52.02

Рӯйхати
молу мулки ҶСК "Фононбонк"

№	Номгӯй	Соҳаи (таъиноти) истифодабарӣ	Соли бунёдкунӣ	Масоҳати умумии қитъаи замин (га)	Масоҳати умумии иншоот (м2)	Аз ҷумла,		Арзиши умумӣ, тибқи хулосаи зеркомиссия
						Масоҳати асосӣ (м2)	Масоҳати ёрирасон (м2)	
Арзиши молу мулки дар тавозуни ҶСК "Фононбонк"								
шаҳри Душанбе								
1	Бинои маъмурии ҶСК "Фононбанк" воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзода, хонаи №17	**х**	**х**	**0,457**	**1558,1**	**1453,1**	**105**	**35 000 000**
2	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Каратегинская, хонаи №42б, ноҳияи Шоҳмансур	ҳавлии истиқоматӣ	2004	0,06	123,5	74,2	49,3	210 016
3	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Навобод, хонаи №48, ноҳияи Сино	ҳавлии истиқоматӣ	1965	0,091	539,4	220,4	319,0	745 996
4	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Л.Шералӣ, хонаи №61, ноҳияи И.Сомонӣ	ҳавлии истиқоматӣ	1989	0,059	294,5	181,5	113,0	772 629
5	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар маҳалаи 8 теппахои Шарқӣ китъаи 279 (ду ошёна бо мансард)	ҳавлии истиқоматӣ	2008	0,06	453,2	384,5	68,70	1 261 883
6	Бинои маъмурӣ, воқеъ дар кӯчаи Ҷ.Расулов №10, ноҳияи Сино	бинои маъмурӣ	2003	0,304	4951,2	4951,2	0,0	29 444 786
7	Ошёнаи 3-юми ҶДММ "Гулистон", воқеъ дар кӯчаи Теҳрон 21	истеҳсолӣ ва маъмурӣ	0	0	2955,4	2955,4	0,0	12 347 661
8	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Молодая Гвардия, хонаи №15	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,049	405,3	318,9	86,4	976 565
шаҳри Душанбе								
9	Бинои маъмурӣ, воқеъ дар кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев (собиқ Ломоносов) 113/1, (бинои 4-ошёна, ошёнаи 1-юм) ноҳияи Сино	бинои филиали бонк	1978		259,3	259,3		1 591 065
10	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев (собиқ Ломоносов) 113/3, утоқи 216. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Сино	истиқоматӣ	1978		38,5	38,5		188 111
11	Таҳхона, воқеъ дар кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев, хонаи №274/1 ноҳияи Сино	таҳхона	0		105,0	105,0		237 930
12	Таҳхона, воқеъ дар кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев, хонаи №274/1 ноҳияи Сино	таҳхона	0		104,1	104,1		235 891
13	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Н.Қарабоев хонаи №144, ҳуҷраи 29.(бинои 4-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Фирдавси	истиқоматӣ	1974		23,8	23,8		152 772
14	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи 50 солагии Тоҷикистон, хонаи №25, ҳуҷраи 31, (бинои 4 ошёна, 4-ум этаж) ноҳияи Фирдавсӣ	истиқоматӣ	1975		65,9	65,9		466 572
шаҳри Ваҳдат								
15	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №20	истиқоматӣ	2010		95,4	95,4		274 657
16	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №18	истиқоматӣ	2010		110,0	110,0		316 690
17	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №9	истиқоматӣ	2010		94,1	94,1		270 914
18	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №11	истиқоматӣ	2010		101,1	101,1		291 067
19	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №13	истиқоматӣ	2010		94,1	94,1		270 914
20	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №15	истиқоматӣ	2010		101,1	101,1		291 067
21	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №14	истиқоматӣ	2010		110,0	110,0		316 690
22	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №19	истиқоматӣ	2010		101,1	101,1		291 067
23	Таҳхона дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ	истиқоматӣ	2010		491,6	491,6		742 316
24	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Дӯсматов, хонаи 14, ҳуҷраи №4	истиқоматӣ	1971		43,9	43,9		141 534
шаҳри Турсунзода								
25	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, ҷ/деҳоти К. Буриев кӯч. Окмачит	ҳавлии истиқоматӣ	1991	0,16	130,2	75,0	55,2	129 605
шаҳри Ҳисор								
26	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ҳисор, ҷ/д Навобод, деҳаи Ғуриёт	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,115	114,6	35,5	79,1	177 435
27	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ҳисор, ҷ/д Дурбат, деҳаи Манзар	ҳавлии истиқоматӣ	2009	0,045	104,4	81,9	22,5	307 768
ноҳияи Рӯдакӣ								
28	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Россия, деҳаи Қӯштеша	ҳавлии истиқоматӣ	2013	0,37	77,3	57,5	19,8	308 782
29	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Россия, деҳаи Қӯштеша	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,04	181,3	175,1	6,2	417 626
30	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д 25 солагии М. Турсунзода, деҳаи Октябрская №1	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,16	771,1	439,9	331,2	1 272 654
31	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Гулистон, деҳаи Гулистон	ҳавлии истиқоматӣ	2008	0,05	362,1	228,7	133,4	431 000
32	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Кӯктош, кӯчаи Стаханов, хонаи №39	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,25	445,3	229,9	215,4	417 083
ноҳияи Рашт								
33	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар маҳаллаи А.Махсум, деҳаи Кизрок	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,20	163,0	139,0	24,0	427 632
34	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар маҳаллаи Н.Махсум, деҳаи Деҳқонобод	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,20	164,0	154,0	10,0	435 348
ноҳияи Файзобод								
35	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Муъминобод	Ҳавлии истиқоматӣ	1990	0,20	219,5	134,6	84,9	140 862
36	Бинои идораи хоҷагии деҳқонии Бедил, воқеъ дар кӯчаи Ҷомӣ 1/2	маъмурӣ	2008	0,35	87,7	87,7	0	206 972
шаҳри Хуҷанд								
37	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, шаҳраки Чашмаи Арзана-3, маҳ. 48 қитъаи 1	ҳавлии истиқоматӣ	1996	0,062	92,9	44,8	48,1	279 294
шаҳри Хуҷанд								
38	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, кӯч. Ю. Гагарин 143, ҳуҷ. 1	истиқоматӣ			47,0	47,0		298 403
39	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, кӯч. Б. Ёқубов, хонаи 3, ҳуҷ. 5	истиқоматӣ	1960		35,0	35,0		220 955
40	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, маҳ. 8, хонаи 99, ҳуҷ. 68	истиқоматӣ			67,7	67,7		255 635
41	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, маҳ. 33, хонаи 31, ҳуҷ. 16	истиқоматӣ	1968		44,4	44,4		165 235
42	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, маҳ. 33, хонаи 31, ҳуҷ. 13	истиқоматӣ	1968		44,4	44,4		165 235
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров								
43	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳраки Ғафуров, хонаи 1, ҳуҷ. 25	истиқоматӣ	0		47,7	47,7		143 100
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров								
44	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар н. Б. Ғафуров, ҷ/д Исфисор, кӯч. Бӯстон 3	ҳавлии истиқоматӣ		0,125	508,8	313,5	308,4	766 442
ноҳияи Ҷаббор Расулов								
45	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳраки Меҳробод, кӯч. А. Навоӣ, хонаи 20, ҳуҷ. 1	истиқоматӣ	0		31,7	31,7		67 838
шаҳри Исфара								
46	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ш.Исфара, ҷамоати Ворух, кӯчаи Мусоев, ҳавлии 335	ҳавлии истиқоматӣ	2000	0,07	248,3	162	86,3	1 113 124
ноҳияи Ҷ.Расулов								
47	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар н. Ҷ.Расулов, деҳаи Зарафшон, хонаи б/р	ҳавлии истиқоматӣ	1988	0,10	274,0	129,6	144,4	146 708
48	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар н. Ҷ.Расулов, ҷамоати Гулхона	ҳавлии истиқоматӣ	1966	0,10	67,5	50,3	17,2	78 586
49	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар н. Ҷ.Расулов, кӯчаи Н.Сотиболдиев, хонаи №67	ҳавлии истиқоматӣ	1980	0,13	289,5	190,9	98,6	145 517
шаҳри Истаравшан								
50	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ҷ/д. Ленинобод, деҳаи Чорбоғ	ҳавлии истиқоматӣ	1963	0,15	396,5	237,9	158,6	175 015
51	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Чкаловӣ 13	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,019	159,35	87,45	71,9	186 430
ноҳияи Муъминобод								
52	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Деҳибаланд	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,12	214,2	111,3	102,9	147 531
53	Бинои филиали ҶСП Фононбонк, воқеъ дар кӯчаи А.Давлатов, хонаи №2	бинои филиали бонк	2008	0,08	366,2	349,7	16,5	1 004 359
54	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Душанбе	ҳавлии истиқоматӣ	2001	0,10	104,7	68,6	36,1	97 457
55	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Н. Сафаров, хонаи №104	ҳавлии истиқоматӣ	1987	0,06	143,7	73,7	70,0	120 634
56	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи С. Вализода №1	ҳавлии истиқоматӣ	1987	0,10	180,1	133,8	46,3	181 211
57	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Н. Сафаров №38	ҳавлии истиқоматӣ	1991	0,06	100,2	45,6	54,6	76 044
58	Фабрикаи парандапарварӣ, воқеъ дар ҷ/д Деҳибаланд, деҳаи Хонатарош	фабрикаи парандапарварӣ	1984	8,84	19432,0	19432,0	0,0	9 371 890
		иншооти гидротехникӣ (Водозабор)		1,01	423,7	423,7	0,0	
шаҳри Бохтар								
59	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ш. Бохтар, кӯчаи Кайҳонавардон, хонаи 12, ҳуҷраи 20	истиқоматӣ	1963		70,28	70,28		199 033
шаҳри Леваканд								
60	Бинои корхонаи хурди истехсоли коғази ташноб, воқеъ дар ш. Леваканд, шоҳроҳи Бохтар-Леваканд	корхонаи истехсолӣ	2007	0	528	528	0	323 981
ноҳияи Қубодиён								
61	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар н. Қубодиён, деҳаи Большевик	ҳавлии истиқоматӣ	1998	0,27	735,0	483,0	252,0	632 436
ноҳияи Ҷайҳун (Қумсангир)								
62	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар н. Ҷайҳун, ҷ/д Телман, деҳаи Махтумқулӣ	ҳавлии истиқоматӣ		0,15	213,0	105,0	108,0	155 685
Таҷҳизот ва механизмҳо								
шаҳри Ваҳдат								
63	Таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиэтиленӣ d-16-32	таҷҳизот	2016					374 000
64	Таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиэтиленӣ d-32-175	таҷҳизот	2016					673 200
65	Таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиэтиленӣ d-160-250	таҷҳизот	2016					1 196 800
66	Таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиэтиленӣ d-20-63	таҷҳизот	2012					170 544
67	Таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиэтиленӣ d-32-75	таҷҳизот	2012					222 768
68	Таҷҳизотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти полиэтиленӣ d-40-110	таҷҳизот	2013					291 312
ноҳияи Варзоб								
69	Экскаватор тамғаи Хундай Robex-300 LC-9	экскаватор	2010					532 440
	Ҷамъ:							**111 490 399**

Арзиши молу мулки дар гарави ҶСК "Фононбонк"

	шаҳри Душанбе							
70	Ҳавлии истиқоматӣ ва сехи пахтатозакунӣ, воқеъ дар кӯчаи Борбад, хонаи 48а	ҳавлии истиқоматӣ	1968	0,137	547,2	268,3	278,9	930 285
71	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Л.Чайкина, хонаи №28, ноҳияи Фирдавсӣ	ҳавлии истиқоматӣ	1968	0,02	38,6	28,4	10,2	126 496
72	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи С.Осиё, хонаи №34, ноҳияи И.Сомонӣ	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,05	183,8	155,7	28,1	542 280
73	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Есенин, гузаргоҳи 4, хонаи №14, ноҳияи Фирдавсӣ	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,020	147,9	88,5	59,4	190 638
74	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи У.Законӣ, гузаргоҳи 2, хонаи №44, ноҳияи Шоҳмансур	ҳавлии истиқоматӣ	1962	0,025	80,3	63,5	16,8	181 153
75	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Қаҳоров, хонаи 540/1, ноҳияи Фирдавсӣ	ҳавлии истиқоматӣ	2010	0,06	256,0	192,6	63,4	858 921
76	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Жуковский, хонаи №22, ноҳияи Сино (Камолов Сафар)	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,04	354,9	318,0	36,9	1 090 893
77	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар теппаҳои Шарқӣ, маҳаллаи 7-ум, хонаи №88, ноҳияи Шоҳмансур	ҳавлии истиқоматӣ	1998	0,06	246,4	246,4	0,0	534 934
78	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи С.Шедрина, хонаи №27, ноҳияи Шохмансур	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,06	452,6	309,6	143,0	2 495 700
79	Бинои тарабхона "Канд", воқеъ дар ноҳияи Сино, кӯчаи Баҳоудинов №7/1	тарабхона	2005	1,03	2351,3	1814,6	536,7	12 872 236
	шаҳри Душанбе							
80	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи А.Навой, хонаи 13/1, ҳуҷраи № 30. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 1-ум) ноҳияи Сино	истиқоматӣ	1985		60,4	60,4		399 123
81	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Р. Набиев, хонаи 236, ҳуҷраи № 12. (бинои 3-ошёна, ошёнаи 1-ум) ноҳияи Сино	истиқоматӣ	1965		63,4	63,4		389 022
82	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Н.Қарабоев, хонаи 24/1, ҳуҷраи № 49. (бинои 12-ошёна, ошёнаи 10-ум) ноҳияи Фирдавсӣ	истиқоматӣ	1986		67,2	67,2		348 902
83	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Маяковский, хонаи 29/3, ҳуҷраи № 4. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Фирдавсӣ	истиқоматӣ	1972		44,7	44,7		253 181
84	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 68, ҳуҷраи № 25. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Сино	истиқоматӣ	1981		60,2	60,2		511 459
85	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Зарафшон-2, хонаи 1, ҳуҷраи № 3. (бинои 5-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Сино	истиқоматӣ	1990		76,1	76,1		524 405
86	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ, хонаи 112, ҳуҷраи № 1. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 1-ум) ноҳияи Шоҳмансур	истиқоматӣ	1964		32,7	32,7		207 678
87	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Деҳотӣ, хонаи 21/13, ҳуҷраи № 12. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Фирдавсӣ	истиқоматӣ	1980		64,9	64,9		428 859
88	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 27/2, ҳуҷраи №29	истиқоматӣ	0		61,7	61,7		378 591
89	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ, хонаи 277, ҳуҷраи № 3. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 1-ум) ноҳияи Шоҳмансур	истиқоматӣ	1974		59,8	59,8		366 933
90	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 13/5, ҳуҷраи № 11. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 2-юм) ноҳияи Фирдавсӣ	истиқоматӣ	1972		65,4	65,4		432 163
91	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Др. Народов, хонаи 45, ҳуҷраи № 1. (бинои 3-ошёна, ошёнаи 1-ум) ноҳияи Шоҳмансур	истиқоматӣ	1956		100,5	100,5		711 540
92	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Маяковский, хонаи 47/1, ҳуҷраи № 8. (бинои 4-ошёна, ошёнаи 3-юм) ноҳияи Сино	истиқоматӣ	1971		24,1	24,1		198 343
93	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Н.Қарабоев, хонаи 67, ҳуҷраи 134	истиқоматӣ	1977		74	74	0	384 208
	ноҳияи Шаҳринав							
94	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Чузӣ, деҳаи Элокӣ	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,176	371,7	128,03	243,67	341 551
95	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Чузӣ, деҳаи Элокӣ	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,116	128,95	97,75	31,2	151 643
96	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, ҷ/д Боғистон, кӯчаи 70-солагии Шаҳринав	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,13	121,48	100,36	21,1	130 907
	шаҳри Турсунзода							
97	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, ҷ/дехоти Қаратоғ, деҳаи Куйбешев.	ҳавлии истиқоматӣ	1974	0,17	548,8	102,9	445,9	334 768
	шаҳри Вахдат							
98	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, ҷ/д Дӯстӣ, шаҳраки Вахдатобод	ҳавлии истиқоматӣ	1964	0,11	502	205,4	296,6	235 915
99	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, ҷ/д Гулистон, деҳаи Ҷангалобод-2	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,16	340,2	147,2	193	387 152
100	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, ҷ/д Гулистон, деҳаи Ҷангалобод	ҳавлии истиқоматӣ	1988	0,10	423,5	206,8	216,7	461 654
101	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, шаҳраки Роҳатӣ	Ҳавлии истиқоматии як ва ду оппёна	2010	0,09	62,2 559,2 621,4	57,3 451,9 509,2	4,9 107,3 112,2	**1 080 353**
	шаҳри Вахдат							
102	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №2	истиқоматӣ	2010		94,6	94,6		312 558
103	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №4	истиқоматӣ	2010		95,4	95,4		315 202
104	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №5	истиқоматӣ	2010		94,1	94,1		310 906
105	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №6	истиқоматӣ	2010		94,6	94,6		312 558
106	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №7	истиқоматӣ	2010		93,9	93,9		310 246
107	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №8	истиқоматӣ	2010		95,4	95,4		315 202
108	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №12	истиқоматӣ	2011		95,4	95,4		315 202
109	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №16	истиқоматӣ	2012		95,4	95,4		315 202
110	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Роҳатӣ, ҳуҷраи №17	истиқоматӣ	2013		94,1	94,1		310 906
111	Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Вахдат, кӯчаи Бӯстон, хонаи 1, ҳуҷраи №25	истиқоматӣ	1981		35,8	35,8		153 966
	ноҳияи Рӯдакӣ							
112	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Сомон, шаҳраки Чимтеппа	ҳавлии истиқоматӣ	2008	0,041	123,2	84,0	39,2	391 194
113	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар ноҳияи Рудаки ҷ/д Чимтеппа деҳаи Сомон	Ҳавлии истиқомати	2013	0,029	114,2	114,2	0	323 414
114	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рудакӣ, ҷ/д Россия, деҳаи Деҳқонобод	ҳавлии истиқоматӣ	2008	0,12	567,1	409	158,1	1 292 673
115	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д К. Сардоров, деҳаи Карагаза	ҳавлии истиқоматӣ	1985	0,15	238,1	142,5	95,6	193 383
116	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Чоргултеппа, деҳаи Пахтакор, хонаи 79 а	ҳавлии истиқоматӣ	1968	0,14	656,7	281,0	375,7	483 045
117	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Чортеппа, деҳаи Арбобхотун	ҳавлии истиқоматӣ	2006	0,08	495,2	368,3	126,9	1 150 891
118	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д 40 - солагии Тоҷикистон, деҳаи Маҳмадшои бодо	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,17	285,0	128,8	156,2	165 792
119	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар ноҳияи Рудаки ҷ/д Куптеппа, дехаи К. Маркс, хонаи №66 а	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,38	229,8	167,5	62,3	281 147
120	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар ноҳияи Рудаки ҷ/д Чимтеппа, дехаи Обчакорон	ҳавлии истиқоматӣ	1991	0,95	331,1	85,4	245,7	330 362
121	Бинои мағоза, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Чимтеппа, деҳаи Чимтеппа	мағоза	2006	0,28	181,7	110,4	71,3	186 629
	ноҳияи Рашт							
122	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар махалаи Казнок	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,15	140,0	85,0	17,5	265 500
123	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Б. Раҳимзода, хонаи 24	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,15	253,5	191,4	62,1	495 671
	шаҳри Исфара							
124	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ш.Исфара, кучаи М.Файзуллоев хонаи 38	ҳавлии истиқоматӣ	1966	0,05	251,6	135,2	116,33	401 434
	шаҳри Истаравшан							
125	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Тошбек, ҷ/д Гули Сурх	ҳавлии истиқоматӣ	1993	0,09	197,4	125,8	71,6	444 786
126	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ҷ/д. Калачаи Калон, деҳаи Сурхи	ҳавлии истиқоматӣ	2012	0,07	152,2	110,9	41,3	232 755
127	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар дехаи Тошбек, ҷ/д Гули Сурх	Ҳавлии истиқомати	0	0,079	455,4	78,5	376,9	487 970
128	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ҷ/д. Ленинобод, деҳаи Чорбоғ	ҳавлии истиқоматӣ	1971	0,13	271,1	181,1	90	255 330
129	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ҷ/д. Ленинобод дехаи Чорбоғ	ҳавлии истиқоматӣ	1989	0,10	399,1	224,5	174,6	169 745
130	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар кучаи Айни хонаи б/р	Ҳавлии истиқомати	1993	0,06	160,55	66,11	94,44	283 326
131	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар кучаи Хилоли, хонаи №3	ҳавлии истиқоматӣ	1987	0,038	170,8	51,8	119	328 346
132	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи М.Яси	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,13	312,25	101,3	211	543 796
133	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар кучаи Бобобарот 13	Ҳавлии истиқомати	0	0,08	82,58	42,38	40,2	235 924
134	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи А.Бобоҷонов, хонаи №9	ҳавлии истиқоматӣ	1976	0,03	181,8	118,6	63,2	389 532
135	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Лакат	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,16	275,52	154,3	121,2	116 887
136	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар дехаи Яккабог	Ҳавлии истиқомати	2012	0,05	92,1	49,92	42,18	126 095
137	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар махалаи Яси	Ҳавлии истиқомати	0	0,11	367,31	113,9	253,41	268 728
138	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кучаи Ленинобод, хонаи №67	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,045	183,9	85,1	98,9	140 813
139	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар кучаи Г.Самиев , хонаи 27/а	Ҳавлии истиқомати	1977	0,041	128,6	42,4	86,2	173 978
	ноҳияи Муминобод							
140	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар дехаи Файзобод	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,08	232,0	124,4	107,6	177 297
141	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар ҷ/д Н.Назаров дехаи Гофилобод 9	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,17	212,2	100,6	111,6	227 758
142	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Садбаргох	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,17	275,7	126,7	149,0	88 852
143	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар кучаи А Давлатов, хонаи №44	ҳавлии истиқоматӣ	0	0,06	140,3	88,8	51,5	118 032
144	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар дехаи Чавзодара	Ҳавлии истиқомати	2006	0,16	113,9	80,2	33,7	59 685
145	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Маргак	ҳавлии истиқоматӣ	2006	0,08	140,6	66,9	73,7	84 025
	ноҳияи Ванҷ							
146	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ҷ/д. Ҷовидон, д. Ҷовидон	ҳавлии истиқоматӣ	1994	0,12	95,4	36,0	0	7 200
147	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ҷ/д. Ванҷ, д. Ускроғ	ҳавлии истиқоматӣ	1989	0	189,0	157,5	31,5	116 865
148	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар дехаи Дуршер	Ҳавлии истиқомати	1988	0,08	152	59,5	92,5	82 346
	шаҳри Кулоб							
149	Корхонаи коркарди сангу шағалбарорӣ, воқеъ дар кучаи Обшорон (бе тачхизот)	корхонаи истеҳсолӣ	2013	0,10	61,8	59,8	2,0	171 052
150	Манзили истиқомати воқеъ дар кучаи Борбад, хонаи 23, хучраи 35	истиқомати			47,2	47,2		133 670
	шаҳри Хуҷанд							
151	Манзили истиқомати воқеъ дар шаҳри Хуҷанд мах. 8, хонаи 108, хучраи 14	истиқоматӣ			47,1	47,1		177 850
	шаҳри Бустон							
152	Манзили истиқомати воқеъ дар кучаи Л.Шерали хонаи 1, хучраи №1	истиқомати	1954		66,4	66,4		183 463
	шаҳри Хоруг							
153	Ҳавлии истиқомати воқеъ дар ш. Хоруг, куч. Меликбоев 10	ҳавлии истиқоматӣ	2009	0	215,5	202,4	13,1	493 122
154	Бинои хаммом воқеъ дар ш. Хоруг, куч. Меликбоев 10/1	ҳаммом	2015	0,03	153,0	153,0	0	433 296
155	Корхонаи истеҳсолӣ, воқеъ дар ш. Хоруғ, кучаи Г.Имроншоев 55	корхонаи истеҳсолӣ (ЖБК)	1967	3,48	4128,2	4128,2	0,0	11 691 062
156	Бинои магоза, воқеъ дар ш. Хоруг, куч. А. Сафармамад, хонаи №4	мағоза	2008	0,006	80,0	39,1	40,9	96 970
157	Ҳавлии истиқоматӣ, воқеъ дар ш. Хоруғ, куч. Бандаали С. 44	ҳавлии истиқоматӣ	1991	0,052	177	152,0	25,0	301 126
	Таҷҳизот ва механизмҳо							
	ноҳияи Рӯдакӣ							
158	Таҷҳизотҳои заводи спирти этили	таҷҳизот	2008-2013					5 784 920
	шаҳри Истаравшан							
159	Экскаватор тамгаи Volvo EW130	экскаватор	2003					450 000
160	Автомошинаи тамгаи Opel Вектра	Автомошина	2003					33 000
	шаҳриХоруг							
161	Автомашинаи "Мерседес Бенс-230"	Автомошина	1991					18 000
162	Трактор Т-130	Трактор	1987					80 390
	Ҳамагӣ:							**62 622 958**
163	**Дороиҳои Бонк**							
	Воситаҳои асосӣ							1 769 261
	Воситаҳои асосии дар амвол буда							215 812
	Ҳамаги:							**1 985 073**
	Ҷамъ:							**176 098 430**

ФОНОНБАНК

ТАВАҶҶУҲ!


Мудири махсуси ҶСК «Фононбонк», мувофиқан бо халномаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 03 марти соли 2017, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ» таъин карда шудааст, рӯзҳои 21.06.соли 2019 ва 28.06.соли 2019, соати 10:00 ба вақти маҳалӣ, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 17, музояда эълон менамояд. Дар музояда амволҳои сандуқи қарзии бонк ва дигар дороиҳои бонк ба фурӯш бароварда мешаванд.

Барои иштирок дар музояда хоҳишмандон ва пасандоздорони бонк метавонанд дархостҳои худро ба Саридораи ҶСК «Фононбонк», воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 17 пешниҳод намоянд. Дар музояда намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон низ иштирок менамояд.

Дархостҳо барои иштирок дар музояда то 20.06. соли 2019 ва то 27.06.с.2019 қабул карда мешаванд. Маблағи кафолатӣ барои иштирок дар музояда барои хариди амволҳои ғайриманқул – 1 700,00 сомонӣ, амволҳои манқул – 450,00 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ ТАМОС:

+992 44 600 80 10;
+ 992 44 600 80 11;
+992 44 600 54 33



БОЗОРИ МАНЗИЛ МЕФУРӮШАМ

► ХАВЛӢ

► Ҳавлӣ дорои 4 дар хона, 4 сотих замин, суроға: Гулбутта, КДС-11/1. Тел: 987-729-802.

► Фавран! Ҳавлӣ дорои 4 дар хона, ошхона, хаммом ва ҳоҷатхона алоҳида, масоҳати умумӣ - 7 сотих замин (қисман низ фурӯхта мешавад, 3 ва 4 - сотихӣ). Нишонӣ: Политехникум, Табачка, назди мактаб ва боғча. Тел: 904-08-90-07, 917-40-97-18.

ХИЗМАТРАСОНӢ

► Таъмири косметикӣ. Панҷараҳои оҳанин, навесҳо, пешайвон, дарҳо ва дигар ашёҳои металлисохт бо тирезаҳои пластикӣ. Азнавсозии панҷараҳои куҳна. Тел: 934-30-65-16, 909-11-55-16, 91-903-32-77

► Сантехник, иваз кардани қубурҳо, паспондани кафел, насби термексҳо ва ғайраҳо. Тел: 917-66-04-11.

ОМӮЗИШ

► Омӯзиши забони англисӣ ва забони русӣ бо тарзи индивидуалӣ. Тел: 8888-33-887.

КОР МЕҶӮЯМ

► Сармуҳосиб, сариқтисодчӣ, дорои литсензияии аудитӣ, мутахассиси хуб бо собиқаи корӣ. Тел: 93-501-06-54.

ЭЪЛОН

► Музояда оиди фурӯши амволҳои қарздорон Султонзода Рустами Абдулоиқ ва Султонов Мансурхоҷа Абдукаримович, 10 адад кӯрпаи калон, рангҳояш ҳар гуна, коршоям, тақрибан арзиши як ададаш - 100 сомонӣ, дар маҷмӯъ 1000 сомонӣ, 8 адад кӯрпача бо 8 адад болишт, коршоям, тақрибан арзиши як адад кӯрпача бо болишташ 75 сомонӣ, дар маҷмӯъ 600 сомонӣ, 1 адад сандуқи чӯбин, истифодашуда, коршоям, рангаш зардчаю сурхи сиёҳ, тақрибан арзишаш 250 сомонӣ, дар маҷмӯъ 4 номгӯи молу мулк ба андозаи 1850 сомонӣ ба ҳабс гирифта шудааст, эълон карда шавад. Молу амволи қарздорон Султонзода Р.А. мувофиқи санади барӯйхатгирии амвол ва ҳабси он аз санаи 16.05.2019 сол арзиши тахминии 10 адад кӯрпаи калон, рангҳояш ҳар гуна, коршоям, тақрибан арзиши як ададаш 100 сомонӣ, дар маҷмӯъ 1000 сомонӣ, 8 адад кӯрпача бо болишташ 75 сомонӣ, дар маҷмӯъ 600 сомонӣ, 1 адад сандуқи чӯбин, истифодашуда, коршоям, рангаш зардчаю сурхи сиёҳ, тақрибан арзишаш 250 сомонӣ, дар маҷмӯъ 4 номгӯи молу мулк ба андозаи 1850 сомонӣ, арзиши эҳтимолӣ доранд. Нисбати қарори мазкур дар муҳлати даҳ (10) рӯз аз рӯзи гирифтани он ба суд шикоят овардан мумкин аст. Музояда рӯзи 17.06.2019 дар ҷамоати деҳоти К. Исмоилов, деҳаи Шури-поён баргузор мегардад. Тел: 906-44-44-06.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А00748549-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ 29.12 соли 2016 ба Бурҳонов Шуҳрат Сафарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01666423-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсӣ 08.01 соли 2019 ба Сайдалиева Дилноза Суҳробовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати таҳти рақами Т-АТУ 0424900 бо қарори таҳти №7-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70-и ноҳияи Данғара 24.06 соли 2017 ба Муҳаммади Ғиёсуддин додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати таҳти рақами №0072833 бо рақами тартибии №10-и гумшуда, ки онро Литсейи ДДОТ ба номи С.Айнӣ соли 2004 ба Хоҷаев Биной Ҷафарҷонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Васиятномаи №28ғ-223-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.01 соли 2014 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Баҳорӣ, хонаи 17 аз Раҷабова Сафро ба Шамсов Мумин ва Шамсов Раҷабали додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи таҳти рақами ЕВ 213312 бо рақами қайди №1398-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (собиқ ба номи Т. Шевченко) соли 1978 ба Боваров Шерамард Почариевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А5764977-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Шоҳмансур 20.05 соли 2010 ба Садыков Ҷамшед Низомиддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А0099213-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи И.Сомонӣ 20.06 соли 2017 ба номи Салимов Раҳимҷон Рустамович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Зарнисор 14 (собиқ Южно-обходная), ҳуҷраи 38 ба номи Ҳомидов Мирзохон Қаландарович беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А6453574-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 21.05 соли 2011 ба Акимова Ҳанифамо Амиралиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Малика Собирова 10, ҳуҷраи 6 ба номи Абдуллоева Муқаддас Асадуллоевна беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидории гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Хоруғ, хонаи 84 ба номи Раҷабова Мунира беэътибор дониста шавад.

► Аттестати таҳти рақами БП 787875-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №96-и ноҳияи Сино (собиқ №64-и ноҳияи Ленин) соли 1981ба Раҳимов Разоқ Ҳафизович додааст, бэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳум таҳти силсилаи Т-АТУ №0148236-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли таҳсили 2014-2015 ба Аҳмадова Гулистон Ҳакимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А4025249-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 15.03 соли 2006 ба Имомов Баҳодур Садыкович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ронандагӣ бо силсилаи АА №0119334, дараҷаи В С, ки онро Автодроми 46 соли 2013 ба Акимова Ҳанифамо Амиралиевна додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат оиди хатми синфи ёздаҳум таҳти силсилаиА №106303-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №45-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1993 ба Хожиева Муқаддас Амоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи таҳти рақами ДТО №0085992 бо рақами қайди №7489-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон соли 2011 ба Нуралиева Зариндухт Маҳмадрозиқовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А4025249-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ 15.03 соли 2006 ба Имомов Баҳодур Садыкович додааст, беэътибор дониста шавад.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, insti - tutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, good governance, building resi - lience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

Empowered lives. Resilient nations.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

• **Security Guard** (UNDP Tajikistan/ LOTUS premises; **Contract Type:** SC/SB1; **Duty Station:** Dushanbe; **Deadline:** 20 June 2019);

The candidates should upload copy of their training certificates in security field and valid driving license.

For detailed Job Descriptions and instructions for submission of applications please visit our website: www.tj.undp.org > Operations>Job. Applications without the completed application form will be treated as incomplete and will not be considered for further assessment.
Only shortlisted candidates will be contacted. Qualified female candidates are strongly encouraged to apply. To stay updated on our Vacancy Announcements please join us on Facebook: http://www.facebook.com/pages/RecruitmentUNDP-Tajikistan/141125059321554

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ

самаранокии кори омӯзгор ва фаъолнокии хонанда

Татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020» аз ибтидои соли таҳсили 2016 - 2017 ба фаъолият оғоз кард. Дар иртибот ба ин масъала Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷат ва адабиёти методиро барои ислоҳот таҳия, нашр ва дастрас гардонид, ки дар асоси он омӯзгорон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим падидаи нав набуда, он ҳанӯз дар оғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омадааст. Ин навъи муносибат дар замонҳои мухталиф дар бисёр кишварҳои олам, аз ҷумла, собиқ кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ низ, мавриди истифода қарор дошт.

Ин навъи таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия хонандагонро ҳаматарафа ба зиндагӣ омода намоянд. Зеро ҷомеаи имрӯз аз мактабу маориф, шогирдони ботаҷриба, дорои қобилияти ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро тақозо дорад. Ҳамчунин, дар шароити талаботи бозори меҳнати рушдёбанда ва муносибатҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра, афзудани китобхонаҳои электронӣ, адабиёти тозанашр, шабакаҳои интернетӣ, радио, телевизион ва дигар расонаҳои иттилоотӣ, мусаллаҳ будани хонанда танҳо ба дониши ба истилоҳ «академӣ» (назариявӣ) кифоя набуда, таваҷҷуҳи бештар ба татбиқ ва истифодаи он дар амал, дар зиндагии рӯзмарра яке аз муҳимтарин роҳҳои иҷтимоишавии кӯдакон ва ноил гардидани онҳо ба натиҷаҳои ниҳоӣ арзёбӣ мегардад.

Мақсади асосии татбиқи муносибати босалоҳият дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, таъмини рушди тафаккур ва амалиёти ба он нигаронидашудаи самарабахши хонандагон дар раванди таълим мебошад.

Рушди тафаккур, асосан, тавассути амалҳои муҳимтарини фаъолият, аз ҷумла, фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, созандагӣ, идоракунӣ ва амсоли онҳо амалӣ гардида, ба худмуайянкунии шахсият мусоидат менамояд. Муҳимтарин шарти раҳоӣ ёфтан аз мушкилот дар ҷаҳони муосир доштани маълумот оид ба методи илмии дарки олам ва рушди тафаккури таҳқиқотӣ мебошад. Ҷустуҷӯи далелҳо аз муҳити атроф, таҳлил ва муқоиса намудани онҳоро ҳар як инсон, новобаста ба касб бояд дар сатҳи зарурӣ тавонад.

Он, пеш аз ҳама, тавассути омӯзиш ва истифодаи технологияи нави педагогӣ, бахусус, дар самти дарк ва татбиқи натиҷаҳои дониши назариявӣ ба даст меояд.

Хонандаи босалоҳият хонандаест, ки маҷмӯи дониш, малака ва маҳорати дар раванди таълимомӯхтаро дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мебарад ва амалро мустақилона бо сифати хуб ва боварии комил иҷро мекунад. Салоҳиятнокӣ қобилияти маҷмӯии инсон буда, барои мустақилона истифода бурдани унсурҳои мухталифи дониш, малакаю маҳорат ва усули фаъолият дар вазъиятҳои муайян (таълимӣ, инфиродӣ, касбӣ) равона мегардад. Дар раванди муносибати босалоҳият дар таълим диққати асосӣ ба рушди салоҳиятҳои хонанда ё ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мегардад. Аз нуқтаи назари педагогӣ ҳамчун натиҷаи таълими самарабахш арзёбӣ гардида, шахс дар раванди он ба маҷмӯи салоҳиятҳои амалӣ ноил мегардад. Ҳар як салоҳияти мушаххас (масалан, иттилоотӣ ё озмоишӣ) маҷмӯи мураккаби амалҳост, ки ҳамгироии дониш ва татбиқи онро дар назар дорад. Дониш дар муносибати босалоҳият дар таълим ҷузъи таркибии малака маҳсуб ёфта, барои санҷиш, муқоиса бо намуна, ислоҳи ғалатҳо, пешниҳоди ҷавобҳои муътамад истифода бурда мешавад.

Хонандаи босалоҳият барои расидан ба мақсад ҳам захираҳои дохилӣ — дониш, маҳорат, малака, низоми арзишҳо, меъёр, муносибат, сабаб ва ҳам захираҳои беруна — манбаи маълумот, воситаҳои иртиботӣ (коммуникатсионӣ), воситаҳои моддӣ-техникӣ ва ғайраро сафарбар менамояд.

Хулоса, ҳадафи асосии муносибати босалоҳият дар таълим ташаккул ва рушди малакаву маҳоратҳои истифодаи донишҳои азхудшуда дар амал ва дар зиндагӣ аст. Он на танҳо ба андӯхтани донишҳои зарурӣ, балки ба ташаккули шахсияти мустақил, ки тавонад дар ҷомеа мавқеи шоиста пайдо кунад, равона гардидааст ва ба муносибати эҷодкорона такя мекунад. Муҳимтарин ҷанбаҳои муносибати босалоҳият дар таълим ва роҳу равишҳои татбиқи он бо дарназардошти шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ ва фаъолияти амалиро тақозо мекунад.

Сафармо АКИМБЕКОВА,
омӯзгори литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати ҶТ, Аълочии маориф ва илми ҶТ

Зодрӯз муборак!



Дӯсти азиз - Баҳром Исмоилзода, чун шумо имрӯз зодрӯз доред, барои ман ҳам ин рӯз рӯзи муборак ба ҳисоб меравад. Зеро ба дунё омадани чунин шахсиятҳо ба мисли Шумо ин ҷаҳонро боз ҳам равшану гуворотар месозад. Умед дорам, ки ҳаёти минбаъдаи Шумо дар ҳалқаи дӯстони ҷонӣ ва дар доираи оилаи хушбахт боз ҳам зебою рангин мегардад. Ҳамчун як нафаре, ки орзуи муваффақияти ҳамешагии Шуморо дорам, бароятон бахту саодат ва беҳтарин хушиҳоеро, ки худатон аз Худованд интизор ҳастед, таманно дорам. Зодрӯз муборак, дӯсти азиз Баҳром Исмоилзода!



Бо эҳтироми самимӣ
Эраҷ ҚУРБОНОВ

НУҚТАҲОИ ҚАБУЛИ ЭЪЛОН

ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

- Кӯчаи Бохтар 3. Назди бинои «Рӯдакӣ-Плаза». Тел. 223-01-10

- «Услуги населению». Рӯ ба рӯи СУМ, назди "Спорт Бар". Тел. 227-20-17

- "Марказ". Кӯчаи Пушкин 24. Назди бинои «Вефа-центр». Тел. 223-00-54

- «Информационный Центр Недвижимости». Кӯчаи Валаматзода 6 (назди сафорати Туркия).

- «Садбарг». Гузаргоҳи зеризаминӣ.

- Кӯчаи Беҳзод 7А. Назди «Шабакаи аввал», дӯкони рӯзномафурӯшӣ.

- «Зима-Лето». Маҳаллаи 82, кӯчаи Шамсӣ 26. Назди «Тиб барои шумо».

- Маҳаллаи 33. Рӯ ба рӯи бозор.

- Кӯчаи Маяковский 46

- Маҳаллаи бозори «Ҷал-Ҷам», пушти истгоҳ.

- Кӯчаи Гипрозем, Шаҳраки ҳарбиён, дӯкони рӯзномафурӯшӣ

ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

- ш.Хуҷанд, маҳаллаи 20, бинои «Кохи Матбуот», 7 ошёна.

ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, назди меҳмонхонаи "Кӯрғонтеппа", дӯкони рӯзномафурӯшӣ.

- Кӯчаи Бобоҷон Ғафуров, рӯ ба рӯи «Маорифи вилоятӣ».

МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ «TMC EDUCATION GROUP» INTELLECT
TMC EDUCATION GROUP SINCE 2004 ТАҲСИЛИ МУОСИР ВА САМАРАНОК
ТАВАҶҶУҲ!!!
ҲАМАИ ДОВТАЛАБОНРО БАРОИ ТАҲСИЛ ДАР КУРСҲОИ КУТОҲМУДДАТ:
- Баҳисобгирии молиявӣ (1 – 2)
- Баҳисобгирии муҳосиботӣ
- Андоз ва ҳуқуқ
- 1С (барномаи муҳосиботӣ)
- TOEFL – preparation
- Business English
Даъват менамояд.
Дар ин курсҳо шуморо барои супоридани имтиҳон ва соҳиб шудан бо сертификати
- CAP
- CIPA
- TOEFL
- ETS
93-561-36-36
Sunat-51@mail.ru
www.tahsil.tj





ТОЛЕЪНОМА



Дар ин ҳафта фаъолияти кориятон зиёд мегардад. Хусусан барои тоҷироне, ки бо нафарони дар бурҷи сунбула ба дунёомада ҳамкорӣ мекунанд, рӯзи бобарор меояд. Хабарҳое мешунавед, ки шуморо дар ҳоли ногувор гузошта, нақшаҳоятонро барбод медиҳанд. Аз афтидан худро эҳтиёт кунед, лат хӯрдани устухонҳоятон имкон доранд.



Қабули меҳмонон, вохӯрӣ бо хешовандон ва дӯстони наздик боиси муноқиша ва нофаҳмӣ мегардад. Беҳтараш вазъиятро худи ҳозир рафъ намуда, ба таъхир нагузоред. Хабари ногаҳоние, ки нимаи дувуми ҳафта мешунавед, ба нақшаҳои кашидаатон нуқта мегузорад. Барои сафару саёҳат ҳафтаи мусоид аст. Ба дӯстдоштаатон туҳфа карданро фаромӯш накунед.



Нисбати шиносон ва дӯстон бодиққат бошед. Вазъияти пурмоҷарое имкон дорад, ки оқибати ногувор ба бор меорад. Аъзои оила нисбати шумо беадолатиро раво мебинанд. Шумо низ зери таъсири нафарони бадкирдор монда метавонед. Дар ҳама ҳолат бо атрофиён меҳрубону пуртоқат бошед. Охири ҳафта аз дастоварди фарзандатон хушҳол мегардед. Барои изҳори муҳаббат вақти мусоид нест.



Дар ин ҳафта хотиратон мағшуш ва душвориҳо садди роҳатон меоянд. Хушбахтона, муносибатҳои оилавӣ ва ошиқонаатон хуб ҷараён мегиранд. Кӯшиш кунед, ки ҳамеша аз ҳолу аҳволи наздикони худ бохабар бошед. Сафару саёҳатҳо бобарор анҷом меёбанд, вале мушкилиҳои сарзадаро ба таъхир нагузошта, рафъ карданатон лозим меояд. Дар рафъи мушкилоти иқтисодӣ аз бародари бузургатон кумак пурсед.



Ҳафтаи хатарнок аст. Кӯшиши якуякбора тамоми мушкилиҳоро рафъ кардан боиси ба ғалат роҳ додану ҷароҳат бардоштанатон мегардад. Аз баландиҳо эҳтиёт шавед, имкони афтидану ҷароҳат бардоштанатон вуҷуд дорад. Корҳои вазнини ҷисмониро ба таъхир гузоред. Беҳтараш каме истироҳат намоед. Бо ҳамроҳи наздикон ба тамошои боғу гулзор равед. Аз ҷанҷолу муноқиша дур бошед.



Ҳафта пур аз ҳодисаҳои гуворо ва ногувор аст. Аз чизе наҳаросед, акнун шумо ҳамаи душвориҳоро паси сар мекунед. Бо қобилияти баланди корӣ ҳамкорони худро қоил мегардонед. Нимаи дувуми ҳафта бо дӯсти деринатон вомехӯред. Дар бораи дӯстдоштаатон хабарҳои ғайричашмдоштро мешунавед. Аз пурхӯрӣ ва истеъмоли нӯшокиҳои хунук парҳез кунед, зеро беморие, ки дар ин рӯз сар мезанад, табобаташ тӯл мекашад.



Дар ин ҳафта аз кори душвору хатарнок худдорӣ намоед, зеро аз уҳдаи кор ба хубӣ намебароед, ва бо нафаре муноқиша мекунед. Нимаи дувуми ҳафта рух додани ҳодисаи ногувор дар назар аст. Аз баҳсу муноқиша ва ҷароҳат бардоштан эҳтиёт шавед. Дар муносибатҳои заношавҳарӣ бо сабаби маҳдуд сохтани озодии якдигар нофаҳмӣ сар мезанад.



Агар шумо бодиққатиро пеша намоед, дар корҳоятон муваффақ мегардед. Дар ҷодаи касбӣ ҳунару маҳорати даркориро аз худ намоед. Охири ҳафта мушкилоти вобаста бо табобат ва хешутабор имкон дорад. Дар симои яке аз аъзои оилаи худ душманро дида, сахт ғалат мекунед. Аз тундгуфтории вай хулосаи хато набароред ва фаромӯш накунед, ки "Дӯст гӯяд табарвор,- душман гӯяд шакарвор".



Мушкилоти вобаста бо касбу корро ба қафо напартоед. Ба эътибор нагирифтани баъзе қоидаҳои назарногир, нафрат нисбати нуқтаи назари дигарон боиси нобариҳо, зарар ва ақибнишинӣ мегардад. Аз рафтори шумо атрофиёнатон нороҳат мегарданд. Нақшаву ақидаҳоятон дастгирӣ намеёбанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки "Зӯри мушт дар иттиҳоди ангуштон аст" бо наздикон иттиҳод кунеду муваффақият ба даст оваред.




Ҳафтаи хатарнок аст. Хабарҳои нохуше мешунавед, ки шуморо дар ҳолати ногувор мегузоранд. Орзуву умедҳои ошиқона барбод мераванд. Рӯҳафтода нашавед, вагарна ба ҳолати яъсу номуедӣ гирифтор шуда, қаҳру ғазаби беасоси худро нишон медиҳед. Оромиро аз даст надиҳед ва охири ҳафта бе ягон сарфи қуввату вақт мушкилиҳоро рафъ месозед.




Ҳафтаи хатарнок аст. Хабарҳои нохуше мешунавед, ки шуморо дар ҳолати ногувор мегузоранд. Орзуву умедҳои ошиқона барбод мераванд. Рӯҳафтода нашавед, вагарна ба ҳолати яъсу номуедӣ гирифтор шуда, қаҳру ғазаби беасоси худро нишон медиҳед. Оромиро аз даст надиҳед ва охири ҳафта бе ягон сарфи қуввату вақт мушкилиҳоро рафъ месозед.



Дар ин ҳафта даромади ногаҳонии пулӣ, туҳфаву кумак имкон дорад. Орзуҳои нақибтаринатон нисбати шахси дӯстдошта амалӣ мегардад. Бо нафароне, ки дар тӯли ҳафта шинос мешавед, якумр дар ҳаётатон боқӣ мемонанд. Хобҳоятон аз пешомаде гувоҳӣ медиҳанд. Мушаввашхотир нагардед ва аз навгониҳо наҳаросед. Барои болидахотирии волидайн зуд – зуд ба аёдаташон равед.





ГАВ ҲАРАКИ ЧАШМ чаро он меларзад?

Ҳис мекунам, ки сиёҳаки чашмам меларзад. Ҳарчанд ин ҳолатро баъзан эҳсос мекунам, вале маро нигарон кардааст. Лутфан сабаб ва пешгирии онро нависед.

М. Давлат, сокини ш. Душанбе.

ПОСУХ:

Ларзиши нинаки чашм хавфи ҷиддӣ надорад. Муддати зиёд бошиддат будани асабҳои чашм чунин ҳолат рух медиҳад. Яъне, нишонаи ҳассосияти асаби чашм аст. Ларзиши нинаки чашм якчанд сабабҳои маъмул, аз ҷумла, стресс, норасоии хоб, аз ҳад зиёд истеъмол кардани кофеин, нӯшокиҳои спиртӣ, тамоку, ҳамчунин, хушк шудани чашм, зиёд кор кардан бо компютер ва хондани китобҳои зиёд буда метавонад. Агар шумо аз қатрадору барои варами луобпардаҳои бинӣ истифода баред, дар баъзе ҳолат ларзиши сиёҳии чашмро ба вуҷуд меорад.

Агар шуморо ин ҳолат ҳафтаҳои зиёд ташвиш диҳад, пас ба духтури чашм муроҷиат кунед, чунки нишонаҳои глаукома, илтиҳоби чашм ё ягон мушкилии ин узви бадан ларзишро ба миён меорад.

ЧӢ ТАВР АЗ ОН РАҲОЙ ЁФТ?

Пеш аз ҳама, одатҳое, ки дар боло дарҷ шудааст, тарк кунед, реҷаи рӯзро нигоҳ доред. Агар шумо ҳис мекунед, ки сиёҳии чашматон меларзад, ҳамон ҳолатро аз байн баред. Мушкилие, ки ҳар дақиқа азият медиҳад, назди худ реҷаи муайяни кор бо компютер, китобхонӣ, тамошо кардани оинаи нилгун гузоред. Ҳар дах дақиқа чашмонатонро аз экрани компютер дур кунед. Барои он ки мушакҳои чашматон осуда шаванд, ба муддати на он қадар тӯлонӣ чашмонатонро пӯшед ва баъди кушодан ба ягон чизе, ки аз шумо дур истодааст, нигоҳ кунед.

БАРОИ БИНОИШИ ЧАШМ ЧӢ МУФИД АСТ?

ҶИГАРИ РАВҒАНМОҲӢ

Ин навъи моҳиро на ҳар кас хӯрда метавонад. Сарчашмаи он равғани моҳӣ мебошад, ки онро барои пешгирии бисёр беморихо духтурон тавсия медиҳанд.





КАДУ

Ин маҳсулот барои хуб кардани фаъолияти чашм муфид мебошад. Истеъмоли он ба маркази қарнияи чашм таъсири мусбат мерасонад. Мутахассисон тавсия медиҳанд, ки ҳар рӯз хӯрдани он дар кадом ҳолате набошад, чӯшонида, бирён карда, дар буғ пухташуда ҳам бошад, фоидаи зиёд дорад.

ФАЛЛА (ТВОРОГ)

Фалла барои сечаткаи чашм муҳим мебошад, зеро он дорои витаминҳои зиёду гуногун аст.





ЧЕРНИКА

Ин буттамева низ барои биноиши чашм таъсири мусбат дошта, дар таркибаш моддаҳои йодопсина ва родопсина дорад ва пигментҳои сетчаткаро таъмин месозад.

БАНАН зарар ДОРАД ё ФОИДА?



Банан аз ҷумлаи меваҳои муфид барои организм дар тамоми ҷаҳон шинохта шудааст. Он меваи серғизо, бомаза ва қувватдиҳанда маҳсуб меёбад. Дар таркиби банан витаминҳои С, Е, В6, миқдори зарурии қанд вуҷуд дорад, ки асабҳоро ором менамояд. Ҳамчунин, хӯрдани банан миқдори хунро зиёд мекунад. Дар таркиби як банане, ки андозаи миёна дорад, тақрибан 75% об, сафеда 1,1г, карбогидратҳо 22,8г, қанд 12,2 г, ғоз (клетчатка) 2,6г ва равған 0, 3 г мебошад.

Дар баробари ин, мутахассисон хӯрдани бананро ба як гурӯҳи хурди одамон тавсия намедиҳанд. Масалан, бемороне, ки аз тромбофилибит, ишемияи дил ва нафароне, ки мушкилии лахташавии хун доранд, инчунин, мардоне, ки иллат ё норасогӣ дар узви мардонаашон вуҷуд дорад, зиёд истеъмол кардани онро тавсия намедиҳанд. Нафароне, ки аз вазни зиёд азият мекашанд, хӯрдани банан, ки серғизо аст, ба афзоиши вазн мусоидат мекунад, аз ин рӯ тавсия намедиҳанд.

ГИПОСПАДИЯ мардро номард мекунад?

Писарам 11 - сола аст. Ҳар вақте ба ҳоҷатхона меравад, аз он ҷо шимаш тар шуда бармегардад. Ба духтурони соҳа муроҷиат кардам. Ба ӯ ташхиси гипоспадия гузошта, гуфтанд, ки ягона роҳаш ҷарроҳӣ аст. Фаҳмидан мехостам, ки оё дар ҳақиқат чунин аст?



Моҳира,
сокини ш. Турсунзода.

ПОСУХ:

Гипоспадия ин нуқс доштани олоти мардонагӣ мебошад. Сӯрохие, ки ба воситаи он пешоб ба берун мебарояд, дар ҷои муқаррарӣ набуда, дар паҳлуи олот, аз боло, дар бари тухмдонҳо ва ҳатто миёни сӯрохии қафо ва тухмдонҳо (промежност) буда метавонад. Ҳангоми пешоб кардан аз ҷойҳои сӯрохӣ буда мерезад.


Ин норасогӣ дар ҳафтаи аввали ба вуҷуд омадани ҷанин дар дохили батн пайдо мешавад. Айни ҳол табибон муайян карданд, ки дар миёни писарчаҳои тавлидшуда 150 -200 навзодон бо чунин беморӣ ба қайд гирифта мешаванд. Писарон бештар дар вақти нишаста пешоб кардан азият мекашанд, зеро либосҳояшон тар шуда, бӯйи пешоб аз баданашон мебарояд. Агар сари вақт ба ҷарроҳон муроҷиат накунед, дар оянда ҳисси мардонагиаш гум мешавад.

Дар ҷаҳон алаккай чанд даҳсолаҳо шуд, ки ин бемориро табобат мекунанд. Дар шакли сабук будани гипоспадия муолиҷаи он низ осон аст ва танҳо 1 фоиз ориза медиҳаду халос. Дар дигар ҳолатҳо оризаҳои зиёд дорад ва ҷарроҳии зиёдро аз сар мегузаронад.



Саволҳои худро ба вайбери 918462711 ё ба почтаи электорнии bonu8500@mail.ru фиристед.

Масъули саҳифа М.ДАВЛАТ



ШАКАРХАНД

Нархи имтиҳон

Падар аз писар мепурсад:
-Бачем, имтиҳонҳо чӣ хел?
Писар дар ҷавоб:
-Имтиҳон қимат шудагӣ, дадо!

Таваллои донишҷӯ

Донишҷӯ ба тарабхонаи қиматтарин меравад. Мебинад, ки тарабхона пур аз одам, назди пешхизмат мераваду ба ӯ 20 сомонӣ медиҳад. Пешхизмат ҳайрон шуда, мепурсад:
-Мебахшеду ин пул барои чист?
Донишҷӯ дар ҷавоб:
-Ман баъди ним соат бо арӯсшавандаам ба ин ҷо меоям, илтимос, ҳамин пулро гиреду вақте мо омадем, гӯед, ки ҷои нишаст надорем. Вагарна бо ин нарху навои тарабхонаи шумо муфлис мешавам.

Тавсияи духтур

Духтур ба бемор мегӯяд:
-Фишори хунатон 180 ба 100 аст, бояд фавран аз қаҳваю коняк худдорӣ намоед!
Бемор дар ҷавоб:
-Фаҳмидам, духтур, танҳо чой ва арақ...

Аблаҳ

Ҷавоне аз модараш мепурсад:
-Оча, шумо мабодо маро аз Хонаи кӯдакон нагирифта бошед, ман писари худатон ҳастам-мӣ?
Модар дар ҷавоб:
-Ман чунин аблаҳро ҳеҷ гоҳ намегирифтам.

Санг ё булочка?

Дар толори суд, аз судшаванда мепурсанд:
-Айбдоршаванда, чаро шумо ба сари фурӯшанда бо санг зада кафондед?
Айбдоршаванда дар ҷавоб:
-Ин санг набуд, балки «булочкаи нав»-е буд, ки фурӯшанда ба ман дода буд!


Муҳаббати пулакӣ

Марде изҳори муҳаббат мекунад:
-Ҷонакам, ман намедонам муҳаббати худро чӣ гуна ба ту иброз намоям!
Зан дар ҷавоб:
-Ту бо пул иброз намудан гир!

Духонак

Толибилми духонак, қабл аз он ки ба имтиҳон дарояд, ба омӯзгорон гуфт:
-Ана акнун мебинем, ки шумо ба ман чӣ омӯхтед...

Таҳияи Н.РАҶАБОВА



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!



Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт ба саволҳои гӯшаи «Пурсед, ҷавоб медиҳанд»-и ҳафтаномаи «Тоҷикистон» (№20 (1323) аз 15 майи соли 2019), ки ба Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дахл доранд, чунин ҷавоб медиҳад:

САВОЛ: - *Фармони дар мавриди дар вақти гармии ҳаво нагузаштани мошинҳои гаронвазн танҳо ба шоҳроҳи Душанбе – Чанок дахл дорад ё ба ҳамаи роҳҳои ҷумҳурӣ?*

ҶАВОБ: -Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №569 аз 8 ноябри соли 2011 «Дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои мавсимии вазн ва сарборӣ ба тири меҳвари воситаҳои нақлиёт, ҳангоми ҳаракати онҳо дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум» ҳамасола аз 1 май то 31 август, ҳангоми зиёда аз 25 дараҷа гарм шудани ҳарорати рӯзномаи ҳаво, ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои автомбилгарди қабати болоияшон мумфарш аз соати 10:00 то 20:00 бо сарборӣ ба тири меҳвари ягона ба андозаи то 6 тонна иҷоат дода мешавад. Вазни иҷозатдодашуда ба сарборӣ ба тирҳо меҳвари дугона ва сегона чунин аст:

1.БАРОИ ТИРҲОИ МЕҲВАРИ ДУГОНА:

-барои масофаи байни тирҳои меҳвар аз 0,5 то 1,0 метр – 7,2 тонна;

-барои масофаи байни тирҳои меҳвар аз 1,0 то 1,3 метр – 8,4 тонна;

-барои масофаи байни тирҳои меҳвар аз 1,3 то 1,8 метр – 9,6 тонна;

-барои масофаи байни тирҳои меҳвари зиёда аз 1,8 метр – 10,8 тонна.

2.Барои тирҳои меҳвари сегона:

-барои мсофаи байни тирҳои меҳвар аз 0,5 то 1,0 метр-9,6 тонна;

-барои масофаи байни тирҳои меҳвар аз 1,0 то 1,3 метр -11,1 тонна;

-барои масофаи байни тирҳои меҳвар аз 1,3 то 1,8 метр-12,3 тонна;

-барои масофаи байни тирҳои меҳвари зиёда аз 1,8 метр-13,5 тонна.

Маҳдудият ба роҳҳои автомобилгарди зерин дахл дорад: РБ01 Душанбе – Чанок – сарҳади Ӯзбекистон, РБ02-Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон, РБ04 Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Қулма-сарҳади Хитой, РБ07 Ваҳдат –Рашт – Лахш – сарҳади Қирғизистон, РБ08 Гулистон – Фархор-Панҷ-Дӯстӣ-сарҳади Афғонистон, РБ10 Бохтар-Данғара, РБ11 Қизилқалъа-Ҷарбуча, РБ09 Душанбе-Бохтар-Панҷи поён-сарҳади Афғонистон, РБ13 Айнӣ-Панҷакент-сарҳади Ӯзбекистон, РБ14 Истаравшан –Зафаробод-сарҳади Ӯзбекистон, РБ14 Конибодом – Деҳмой, РБ15 Истаравшан – Зафаробод – сарҳади Ӯзбекистон, РБ17 Исфара-Ворух-сарҳади Қирғизистон, РБ19 Ғафуров-Булок-Пунгон-сарҳади Ӯзбекистон.

Дар дигар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум (ба ғайр аз номгӯйи роҳҳои дар боло зикршуда) сарборӣ ба тири меҳвари ягона ба андозаи на зиёда аз 8 тонна муқаррар карда шудааст.

САВОЛ: - *Чаро дар кишвари мо дар вақти ҳаракат аз роҳҳои пулакӣ аз мошинҳое, ки ба ҳар як оси камтар аз шаш тонна фишор вуҷуд дорад, пули иловагӣ мегиранд? Ҳол он ки мувофиқи стандартҳои дигар кишварҳо, агар ба ҳар як оси камтар аз шаш тонна бор мувофиқ ояд, маблағи иловагӣ гирифта намешавад. Масалан, дар роҳи Ҳисор-Турсунзода постгоҳе мавҷуд аст, аз мошинҳои боркаши дорои тиркарнет (китобчаи байналмилалии боркашонӣ) ТIК барои чӣ сертификати тарозу талаб мекунанд? Дар сурати набудани он ҷарима мекунанд. Чаро?*

ҶАВОБ: -Аз воситаҳои нақлиёти боркаше, ки (дар давраи маҳдудиятҳои мавсимии вазн ва сарборӣ) бо сарборӣ ба тири меҳвари ягона ба андозаи на зиёда аз шаш тонна ҳаракат менамоянд, набояд маблағ ситонида шавад. Воситаҳои нақлиёти боркаше, ки бо ҳуҷҷатҳои тиркарнет ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ машғул мебошанд, ҳангоми вуруд ба гузаргоҳи сарҳадии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар терминалҳои наздисарҳадӣ як бор мавриди баркашӣ қарор дода шуда, сертификати мавриди боркашӣ қарор дода намешаванд.

Шералӣ ҒАНҶАЛЗОДА,
сардори Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт

Хонандагон саволҳои худро метавонанд ба унвони ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба суроғаи: 734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, ошёнаи 11 ё бо почтаи электронии tojikiston@pressa.tj, равон кунанд. Телефон: 238-54-51

Навбатдори шумора: О.НОЗИР